**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА**
**МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ**

ТДУ: 9 (575.1) Бо ҳуқуқи дастнавис

**ИЗАТОВ ЮСУФБЕК МИРАЛИЕВИЧ**

# АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII-ИБТИДОИ АСРИ XX

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор Пирумшоев Ҳ.

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА**……3
**БОБИ 1. ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР** НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII-ИБТИДОИ АСРИ X.....19
**1.1.** Маълумоти шарҳиҳолии муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX…….....19
1.2. Нигоҳи муқоисавӣ ба дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии аморати Бухоро……..…….....……...….....37
**БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ ИҚТИСОДИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ МАҲАЛЛӢ**.....…….....…73
2.1. Баррасии вазъи кишоварзии аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ……...……..……..73
2.2. Ҳунармандӣ ва савдо дар Бухорои миёнаи асри XVIII-ибтидои асри XX дар осори муаррихон…….....……...…….....84
БОБИ 3. **БАРРАСИИ ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР МАНОБЕИ ХАТТӢ**.....….....97
3.1.Инъикоси тарзи андозситонӣ дар аморати Бухоро…….....97
3.2. Таҳлили ҷунбишҳои халқӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ…….....113
3.3. Вазъи фарҳанги аморати Бухоро дар осори муаррихони замон.....131
ХУЛОСА…….…….....149
**НОМГӮИ АДАБИЁТ**…..…….....156
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.....167

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Манбаъҳои хаттию ёдгориҳои моддӣ ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҳар халқу миллатро дар даврaҳои гуногуни таърихӣ инъикос менамоянд. Омӯзиш ва баррасии осори хаттӣ аз вазифаҳои муҳимми таърихнигории миллӣ буда, метавонад сафҳаҳои ноаёни таърихро кушояд.

Масоили муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX дар бисёре аз сарчашмаҳҳои хаттӣ инъокос шудааст. Бо такя ба ахбори онҳо метавон ин ва ё он масъаларо мавриди омӯзиш қарор дод.

Аз чунин манбаъҳои хаттӣ, ки масъалаҳои таърихии Бухороро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX инъикос менамоянд, «Туҳфату-л-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салатанати манғития»-и Аҳмади Дониш, «Туҳфаи шоҳӣ» ва «Таърихи салотини манғития»-и Мирзо Абдулазими Сомии Бустонӣ, «Таърихи амирони манғити Бухоро» -и Мушрифи Бухоройӣ, «Таърихи ҳумоюн»-и Содиқхоҷаи Гулшанӣ, «Таърихи мирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ ва ғайра ҳисоб меёбанд.

Зумрае аз ин муаллифони манобеи хаттӣ аз хидматгузорони дарбори амирони манғитӣ ва чанде аз мардуми оддӣ буданд, ки мавқеи иҷтимоии онҳо дар таълифи рисолаҳояшон бетаъсир наемонад. Дар баробари осори муаррихони замон баррасии ёдоштҳо ва сафарномаҳои сайёҳони хориҷӣ низ басо муҳим аст.

Дар осори муаррихони дарборӣ воқеаҳои аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX бо ҳусни тавaҷҷуҳ ба ҳукуматдории амирони манғитӣ инъикос ёфтааст. Таърихнависони аз дигар қишри аҳолии замон масоили таърихиро ба таври ба худ хос зикр намудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи муқоисавии маълумоти онҳо дар муайян намудани ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX ниҳоят муҳим аст.

Маълум аст, ки осори боқигузоштаи муаррихон ба сифати маъхазҳои боэътимод дар маърази таҳлили бисёре аз муҳаққиқон қарор ёфтанд. Вале таҳқиқоти таърихнигорие, ки арзиши сарчашмавӣ ва нақши ҳар яке аз ин муаллифонро дар инъикоси воқеияти замон аз ҷиҳати илмӣ муайян карда тавонад, то кунун рӯйи кор наомадааст, ки ин худ нишондиҳандаи мубрамияти ин масъала ҳисоб меёбад. Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки омӯзиш ва баррасии ахбори чунин маълумотҳои дасти аввал ва таҳқиқи осори муҳаққиқон роҷеъ ба ин масоил метавонад танҳо дар татбиқи усули муқоисавӣ, интиқодӣ, риояи талаботи ҳақиқатнигории таърихӣ бояд сурат гирифта, дар таърихнигорӣ нақши худро пайдо карда тавонад. Аз ин рӯ, мубрамияти инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар таърихнигории муосир то рафт бештар эҳсос мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аморати Бухоро дар осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, чи тавре дар боло ишора рафт, то кунун ба таври нисбатан пурраи таърингорӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки муаррихон нисбат ба он бетарафӣ зоҳир карда бошанд. Муҳаққиқон дар бораи аҳаммияти таърихии ин ва ё он асари таърихии мансуб ба асрҳои зикршуда мақолаҳо таҳия намудаанд. Масалан, олими шинохтаи тоҷик Абдулағанӣ Мирзоев «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Донишро аз асарҳои арзишманди таърихӣ дониста, онро соли 1963 ба хатти кириллӣ баргардон кардааст. Аммо ин муҳаққиқ дар муқаддимаи худ асосан дар хусуси нусхаҳои ёфтшудаи ин асар таҳқиқот анҷом дода, хусусиятҳои фарқунандаи онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст [65, 5-12].

Ҷуразода Ҷамшед ва Нурулло Ғиёсов, ки «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Кариминагиро бо муқаддима ва тасҳеҳ бори нахуст соли 2017 аз форсӣ ба алифбои кириллӣ баргардон кардаанд, дар

муқаддимаи худ бо номи «Вазъи сиёсии хонигарии Бухоро дар замони зуҳури хонадони манғития» қайд менамоянд, ки он «аввалин ва қадимтарин сарчашмаи таърихӣ роҷеъ ба салтанати сулолаи манғитиён дар Бухоро мебошад» [133, 11].

Аҳмад Ҳоҷизода дар мақолаи худ аҳаммияти таърихии рисолаи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомиро мавриди таҳқиқ қарор дода, онро аз манбаъҳои муҳимми таърихӣ донистааст. Хусусан, қайд менамояд, ки «Туҳфаи шоҳӣ» шояд аз он сарчашмаҳои камназире бошад, ки мавзеъҳои Тоҷикистони имрӯза дар онҳо зикр ёфтаанд» [130, 6]. Ҳамзамон, сабки баёни асар низ мавриди таҳқиқи ӯ қарор ёфта, дар ин бора аз ҷониби А. Ҳоҷизода ишора мешавад: «Сарфи назар аз калимаву таъбирҳои арабии дар нигоштаҳои адибону таърихнигорони гузашта маъмул, ки дар ин асар низ кам нестанд, Мирзо Абдулазими Сомӣ бо забони хеле суфтаву равони адабӣ воқеаҳоро ба қалам медиҳад ва аз унсурҳои лаҳҷаи аҳли Бухоро низ истифода менамояд» [130, 8].

Маълумоти қисме аз сарчашмаҳои таърихии муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши ҳодисаҳои таърихии ин давра даст заданд, ба монанди Б. Искандаров [85], И.А. Стетсенко [121], А. Сухарева [122], асари дастаҷамъии «Таърихи халқи тоҷик» [87], таҳқиқотҳои А. Маҷлисов [98], Бобоҷон Ғафуров [77], Г. Тухтаметов [124], К.З. Хакимова [126], Бисабоат Исмоилова [86], Ғ. Ғоибов [79], Ҳ. Пирумшоев [105; 106; 107; 108; 109; 110; 111; 112], китоби бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» [88, 290-935] ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода шудаанд. Маслан, Ғ. Ғоибов роҷеъ ба лашкаркашии амир Насрулло ба Балх ва Ҳисору Кӯлоб ба ахбори «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ такя кардааст. Аз сабаби он ки Мушрифи Бухорои санаи ин ҳуҷуми Насруллоро дар асари худ дарҷ накардааст, Ғ.Ғоибов чунин хулоса овардааст, ки «Шояд ҳуҷуми мазкури амир Насрулло ба Ҳисору Кӯлоб бо кадом сабабе баъди соли 1842 сурат гирифта, Насрулло

Абдукаримбийи девонбегиро, ки бародари Сӯфибийи мазкур буд, ҳокими Ҳисор таъин намуда буд» [79, 474-475].

Инъикоси вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX -и Осиёи Миёна, хусусан аморати Бухоро дар асарҳои як қатор муҳаққиқони замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла асарҳои В.В. Бартолд [72; 73; 74], А. Шишов [59, 392], Н. А.Кисляков [95, 269], Л.П. Сечкина [119], Б.В. Лунин [97], Б. А. Литвинский [96], С.П. Сайнаков [141, 206], Д.Ю. Арапов [74], С.С. Губаева [76], Н.Н., Ершов [80, 62], П. П. Иванов [81, 247], М.Р. Раҳимов [115, 536], Садриддин Айнӣ [10, 450], «История Узбекской ССР» [90], «Таърихи халқи тоҷик» [87], таҳқиқоти Бобоҷон Ғафуров [78], Б. Искандаров [82; 83; 84; 85], И.А. Стетсенко [121], А. Сухарева [122], А. Маҷлисов [98], Г. Тухтаметов [124], Ш. Юсупов [135, 133], К.З. Хакимова [126], П. П. Иванов [81, 247], А.Н. Кисляков [94], Ю. И. Пославский [113], О. Б. Боқиев [75,168], Б. Исмоилова [86], А. Мирбобоев [99], Ғ.Ғоибов [79], Ҳ. Пирумшоев [105; 106; 107; 108; 109; 110; 111; 112], китоби бунёдии «История таджикского народа» [88], А.Ш. Розиқзода [116], И. Азим [116], Ҷ.Назриев [113], М. Холов [128], Н.К.Убайдулло [125], Алӣ Хуш [69, 145], Т. Чорев [132], Ҳ. Пирумшоев, Ҳ. Камол, А. Саидов [111], Н. Ҳакимов [58,484], Н. Ҳотамов [131] ва ғайраҳо инъикос ёфтааст.

Бобоҷон Ғафуров дар асарҳои худ «Тоҷикон» ва «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ба масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Осиёи Миёна, хусусан аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX таваҷҷуҳи хосса додааст. Дар ин давра, ки дар Бухоро намояндагони сулолаи манғитӣ ҳукмронӣ мекарданд, академик Бобоҷон Ғафуров онро бо сароҳият таҳқиқ карда, дар хусуси ба ҳокимият соҳиб шудани аввалин намояндаи ин хонадон чунин навиштааст: «Соли 1747, аз кушта шудани Нодиршоҳ дере нагузашта, Муҳаммадраҳимбӣ Абулфайзхонро бо ду писараш ба қатл расонид ва

бо ҳимояти табақи ашроф ва руҳонӣ ба тахти хонии Бухоро нишаста, дар соли 1753 ба силсилаи манғития асос гузошт» [78, 207]. Минбаъд Б. Ғафуров масоили сиёсӣ, ҷангҳои байни ҳокимон, ба сари қудрат расидани дигар намояндагони манғитӣ, сабабҳои ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна; аҳволи мардум, кишоварзӣ, андозситонӣ, ҳунармандиву савдо, ҷунбишҳои халқӣ ва сабабҳои сар задани онҳо ва дигар масоили таърихии марбут ба давраи зикршударо инъикос кардааст. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ дар замони ҳукмронии амирони манғитӣ аҳволи мардум ниҳоят вазнин буд ва ин пас аз ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ низ беҳтар нагардид. Хусусан, андозҳои сершумор аҳли меҳнатро ба дами ҳалок расонида буд [78,208]. Б. Ғафуров қайд менамояд, ки «Сабаби асосии шӯришҳое, ки тамоми бекигариҳои Бухороро фаро гирифтанд, ҳамин буд, ки андозу хироҷҳо бо усуслҳои ваҳшиёна ситонида мешуданд, миқдори бе ин ҳам зиёди онҳо рӯз ба рӯз меафзуд, ба андозҳои пештара андозҳои нав зам мегардиданд, ба замми андозҳои нави умумии аморат боз андозҳои маҳаллӣ илова мешуд, як андозро чанд бор меситониданд, амлокдорон барои фоидаи худ бисёр суистеъмол мекардад ва ғайраву ва ҳоказо» [78, 208].

Б. Искандаров дар асари худ «Аз таърихи аморати Бухоро» масъалаҳои сиёсии Бухорои Шарқиро пас аз ҳамроҳ шудан ба аморати Бухоро, тарзи андозситонии аморати Бухоро, аҳволи мардуми меҳнаткаши Бухорои Шарқӣ, шӯришҳои халқӣ, хусусан Шӯриши Восеъ ва вазъи ноҳияҳои ғарбии Бадахшонро дар ҳайати аморати Бухоро инъикос кардааст. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ то солҳои 70-уми асри XIX ноҳияҳои Бухоройӣ Шарқӣ аз мулкҳои мустақил ва ниммустақил ба ҳисоб мерафт ва дар солҳои 70-90-уми асри XIX онҳо бо кӯмаки Русияи подшоҳӣ ба ҳокимияти амири Бухоро ҳамроҳ карда шуд [85,7]. Б. Искандаров дар асоси маълумотҳои бойгонӣ, асарҳои ёдоштиву сафарномаҳо ва мақолаҳои илмиву оммавӣ тарзи андозбандиву андозситонии Бухороро таҳқиқ карда, миқдори андозҳои

аз мардум ситонидашударо муайян кардааст. Бино ба таҳқиқоти ӯ дар баробари андозҳое, ки аз заминҳои вақф, заминҳои амлок, мулкӣ ва ғайраҳо ситонида мешуд, аз навъҳои гуногуни чорво низ андозҳои гуногун талаб мекарданд. То соли 1903 аз панҷ шутур як буз ё мол, аз 40 то 120 чорво ва ё буз як чорво ва ё буз ва аз 120 то 200 буз ё чорво ду буз ва ё чорво ситонида мешуд [85, 42]. Баҳодур Искандаров андозҳои гарони солҳои 80-уми асри XIX –ро, ки аз ҷониби амлокдорони бекигариҳо бо дастури бек ва амир ситонида мешуданд, муҷиби норозигии мардум ва сар задани ҷунбишҳои халқӣ дар Бухорои Шарқӣ донистааст. Бино ба таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ сабаби сар задани Шӯриши Восеъ дар бекигарии Балҷувон, ки аз калонтарин ҷунбишҳои халқии ин давра дар Бухорои Шарқӣ ба ҳисоб меравад, андозҳои вазнини ҳукумати амирӣ буд. Муҳаққиқи дигари замони шӯравӣ А. Сухарева вазъи ҷуғрофиву табиӣ, шаҳрдорӣ, шумораи аҳолӣ, намояндагони адабиёт, таркиби этникии мардуми Бухоро, вазъи кишоварзӣ, илму маориф ва дигар масоили таърихии аморати Бухороро дар асрҳои XIX-XX дар асари худ «Бухара XIX-XX вв» инъикос кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки Бухоро яке аз шаҳрҳои қадима ва бузурги Осиёи Миёна буда, дар чандин асрҳо ҳамчун пойтахт дар таърихи умумии мардуми ин минтақа нақши бузург дошт [122, 23]. Бино ба таҳқиқоти ӯ дар ин шаҳр ва дигар шаҳрҳои тобеи он ҳунармандӣ ва савдо вуҷуд дошт, ки бозори Бухоро аз калонтарин маркази савдо ба ҳисоб рафта, бо тарҳи махсус сохта шуда буд. А. Сухарева таркиби этникии мардуми Бухороро маврди таҳқиқ қарор додааст, ки тибқи он дар Бухоро мардуми тоҷик, турк, ӯзбек ва дигар қавму қабилаҳо сукунат доштанд [122, 38]. Ҳамзамон, ӯ ба анъанаҳои мардумӣ ва фарҳанги динии мардуми Бухоро таваҷҷуҳи хосса додааст [122, 287].

Муҳаққиқи замони шӯравӣ А. Маҷлисов оид ба вазъи кишоварзии Бухорои Шарқӣ дар асри XIX-ибтидои асри XX таҳқиқоти муҳиме анҷом додааст. Ӯ дар асари худ «Аграрные отнашение в Восточной

Бухаре в XIX –начала XX в.» масоили сиёсии Бухорои Шарқӣ, намудҳои заминҳои феодалӣ, заминҳои давлатӣ, заминҳои вақф, машғулиятҳои мардум, олотҳои меҳнат ва киштгардонии заминҳо, сиёсати андозситонии Бухоро ва даромади он аз шаҳру навоҳии Бухорои Шарқӣ, шӯру ошӯбҳои халқӣ дар Бухорои Шарқӣ ва дигар масоили таърихиро инъикос кардааст. Муҳаққиқи дигари ин даврa Т. Г. Тухтаметов дар асари худ « Россия и Бухарский эмират в начале XX века» аз вазъи кишоварзию тиҷоратии аморати Бухоро ёдовар шуда, қайд менамояд, ки дар ҳаёти иқтисодии аморати Бухоро на боғдориву чорводорӣ, балки кишоварзӣ нақши бузург дошт. Бино ба таҳқиқоти ӯ заминҳои кишоварзии лалмӣ дар бисёр бекигариҳои аморат, хусусан Шаҳрисабз, бекигарии Китоб, ноҳияҳои ғарбии Бухоро ва ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистони имрӯза вуҷуд доштанд [124].

Масоили таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар ҷилди чоруми асари бунёдии «История таджикского народа» ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Дар ин асар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Осиёи Миёна, ба вижа аморати Бухоро, таърихи ба сари ҳокимият омадани амирони манғитӣ, масоили ҳунармандиву савдо, кишоварзию андозситонӣ, шаҳрсозиву меъморӣ, обёрӣ, ҳаёти илмиву адабии ин давра ва ғайраҳо, ҳамчунин вазъи таърихии шаҳру ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ ва Бадахшон таҳқиқ шудааст. Оид ба масоили тиҷорат ва савдо дар ин асар чунин қайд мегардад, ки ба ҳангоми ҳамроҳ шудани Бухорои Шарқӣ ба аморати Бухоро муносибатҳои тиҷоратии онҳо дар ҳолати ибтидоӣ қарор дошт. Дар қисми ғарбии вилоят, ба монанди Ҳисор, Қаратоғ, Деҳнав ва Кубодиён иқтисодиёт то андозае расид, ки хислатҳои тиҷоратиро гирифт. Аз ҳолати робитаҳои пулӣ далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар миёнаи асри 19, яъне дар солҳои мустақил будани мулкҳои Бухорои Шарқӣ зарби сикка танҳо дар Ҳисор сурат мегирифт [88, 642].

Профессор Ҳ. Пирумшоев дар соҳаҳои мухталифи масоили таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX таҳқиқотҳои муҳиме анҷом додааст. Хусусан, дар таҳқиқоти ӯ масоили таҳқиқоти муҳаққиқони пешазинқилобӣ дар бораи шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ дар охири асри XIX –ибтидои асри XX, муносибатҳои Русия ва Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII-миёнаи асри XIX дар осори муҳаққиқони рус, шӯриши Восеъ, таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ ва дигар масъалаҳои муҳими таърихӣ дар асоси манбаъҳои дасти аввал, маводи бойгонии муассисаҳои марказии собиқ Иттиҳоди ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ ва дигар манбаъҳо мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Бино ба санади ӯ муносибатҳои тиҷоратии байни Осиёи Миёна, хусусан Хонигариҳои Хева ва Бухоро бо Русияи подшоҳӣ дар солҳои 50-уми асри XVIII ба мушоҳида мерасид [110, 109]. Ҳамзамон, ӯ дар асари дигари худ «Русские дореволюционные исследователи о городах Восточной Бухары конца XIX–начала XX вв.» масоили мубрами таърихиву ҷуғрофии Бухорои Шарқӣ, ба монанди вазъи ҷуғрофии шаҳру ноҳияҳои алоҳида. вазъи ҳунармандию савдо, кишоварзию андозситонӣ, ҳаёти фарҳагию маданӣ, таркиби этникии мардуми ҳар як шаҳру ноҳияро дар осори муҳаққиқони пешазинқилоби мавриди баррасӣ қарор додааст.  Бино ба таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ Кӯлоб яке аз шаҳрҳои машҳури Бухорои Шарқӣ буда, дар таърихи ин минтақа нақши муҳим бозидааст [110, 28]. Ҳ. Пирумшоев қайд менамоянд, ки маълумотҳо дар бораи вазъи ҷуғрофии Кӯлоб ва маркази он дар адабиёти илмӣ солҳои 70-уми асри XIX пайдо шуданд [110, 28].

Масоили таърихии ин шаҳр дар таҳқиқоти Ҳ. Пирумшоев васеъ инъикос шуда, муаллиф ахбори рисолаҳои илмии муҳаққиқони русро мавриди баррасӣ қарор дода, менигорад, ки «Дар нимаи аввали асри XIX Кӯлоб яке аз объектҳои васеи хонигарии Қуқанд ва ҳокимияти Қундуз гардид. Дар солҳои хукмронии хони Қуқанд Олимхон (1800-1809) ва Умархон (1809-1822) вилоятҳои кӯҳии Қаротегин, Дарвоз ва

Кӯлоб ба хонигарии Қуқанд ҳамроҳ карда шуданд. Ҳукмрони Қундуз Муродбек дар аввали солҳои 30-юми асри XIX Кӯлобро забт намуда, идораи онро ба ихтиёри бародараш дод. Дар Кӯлоб шӯриш сар зада, ҳокими охирини онро маҷбур сохт, ки баргардад. Муродбек шаҳрро ба хок яксон карда, қисме аз сокинони онро ба Хонааобод ронд» [106, 30]. Профессор Ҳ. Пирумшоев оид ба шӯриши Восеъ ва таърихи омӯзиши он, ки ин ҷунбиши халқӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар Бухорои Шарқӣ дар бекигарии Балҷувон сар зада буд, таҳқиқоти муҳим анҷом дода, рафти он, сабабҳои сар задани шӯриш, соли ба вуқуъ омадан, оқибати шӯриш ва дигар паҳлуҳои онро матраҳ кардааст. Масалан, соли сар задани шӯриш, ки дар адабиёти илмӣ ба соли 1885 нисбат дода мешуд, муаллиф дар асоси далелҳои раднопазир ба исбот расонидааст, ки ин шӯриш на ин ки дар соли 1885, балки дар соли 1888 рух додааст. Бино ба таҳқиқоти ӯ шӯриши Восеъ тасодуфӣ ба амал наомада, дар натиҷаи зулми феодалӣ ва норозии мардум ба вуқуъ омадааст [109,15]. Ҳ. Пирумшоев дар асари дигари худ «Табли озодӣ дар аҳди бедодӣ» ба заминаҳои сар задани шӯриш диққати ҷиддӣ дода, қайд менамояд, баъди тасарруфи Осиёи Миёна аз ҷониби Русия низ аҳволи мардум беҳтар нашуда, ҳукумати подшоҳӣ Бухорои Шарқиро зӯран ба итоати худ дароварда, дар он ҷойҳо бекигариҳо таъсис дода, ки ҳокимони комилҳуқуқи минтақаҳои мухталиф ба ҳисоб мерафтанд ва вазифаи асосии онҳо ситонидани андозҳо ба амир буд: «Маълум аст, ки ҳаҷми андозҳою усулҳои ситонидани онҳо нишондиҳандаи равшани вазъи иҷтимоӣ, дараҷаи истисмори аҳли заҳмат буда, дар ҳама ҳолат ба тезутунд шудани зиддиятҳои иҷтимоӣ муносибати бевосита доранд. Шӯриши Восеъ низ аз ин ангезаи муайянкунанда ё омили асосӣ берун буда наметавонист. Аз ин рӯ, барои таҳқиқи заминаву сабабҳои ин ҷунбиши мардумӣ ба маълумоти муҳаққиқони рус, ки худ бевосита амали ашхоси ҷамъкунандаи андозҳо ва қоидаи умумии андозситониро

дар Бухорои Шарқӣ мушоҳида намуданд, истинод кардан лозим меояд» [107, 44].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби муҳаққиони тоҷик, аз ҷумла Ҷуразода Ҷамшед доир ба мавзуи «Политическая история Бухарского эмирата во второй половине XVIII в. в исторических источниках» [138,425], Бисабоат Исмоилова оид ба «Политическое и социально-экономическое положение Бухарского эмирата: Вторая пол. XVIII - середина XIX век» [139,299] ва Гадоев Ғозӣ дар мавзуи «Освещение положения Бухарского эмирата конца XIX –начала XX веков в исторических трудах и литературных произведениях Садриддина Айни» [137,231] таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додаанд. Ин рисолаҳо ҳам аз ҷиҳати хронологӣ, ҳам аз ҷиҳати мазмун аз мавзуи таҳқиқшаванда фарқияти калон дошта, ба мавзуи таҳқиқшаванда мувофиқат намекунанд.

Ҳамин тариқ, аморати Бухоро дар осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX то имрӯз мавриди омӯзиши таърихнигорӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, дараҷаи омӯзиши масъала дар таърихнигории миллӣ бори нахуст мавриди омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва баррасии маҷмӯӣ қарор мегирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 дар мавзуи «Таърихи робитаҳои мутақобил миёни аҳолии муқимӣ ва кӯчии Осиёи Миёна дар асрҳои миёна ва давраи нав (сиёсат, иқтисод, фарҳанг)» ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Дар асоси маълумоти осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, таърихи Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор ёфта, дурустии инъикоси воқеаҳо дар манобеи хаттӣ мушаххас ва ҷойгоҳи онҳо муайян карда шуда, маълумотҳои тоза дарёфтшуда ба доираҳои илмӣ ворид гардад:

Барои расидан ба ин ҳадафҳо иҷрои вазифаҳои зеринро зарур аст:

-муайян намудани ҳаёту фаъолияти муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, таҳлил ва баррасии аҳаммияти рисолаҳои таърихи онҳо;

- таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои сиёсии аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ;

-баррасии вазъи кишоварзӣ дар сарчашмаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX;

- мушаххас кардани ҳунармандӣ ва савдо дар Бухорои миёнаи асри XVIII-ибтидои асри XX;

-баррасии масъалаи андозситонӣ дар аморати Бухоро ;

-таҳлили ошӯбҳои халқӣ дар осори таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX ;

-таҳқиқи масоили фарҳангии аморати Бухоро дар сарчашмаҳоти таърихӣ.

**Объекти таҳқиқот** осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX мебошад, ки аз диди таҳлили илмии таърихнигорӣ баррасӣ мегарданд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** таҳлили муқоисавии маълумотҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX-и Бухоро дар осори муаррихони маҳаллӣ мебошад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи

миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст, ки се марҳиларо дар бар мегирад.

Марҳилаи якум солҳои 2019–2020-ро дар бар гирифта, дар ин марҳила интихоби роҳбари илмӣ ва тасдиқи мавзуи илмӣ дар шурои олимони Институт, инчунин ҷамъоварии маводи илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот сурат гирифт.

Марҳилаи дуюм солҳои 2021–2022-ро фаро мегирад, ки дар ин марҳила доир ба мавзуи илмӣ ду боби рисола анҷом ёфта, ду мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расид.

Марҳилаи сеюм солҳои 2023–2025-ро дар бар мегирад, ки дар ин марҳила таҳқиқи рисола пурра ба анҷом расонида шуда, хулосаи кори диссертатсионӣ ва таҳияи автореферти кор омода гардида, рисола расман ба ҳимоя пешниҳод гардид. Ҳамзамон, дар ин марҳила якчанд мақолаи дигар дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва дигар маҷмуаҳо ба нашр расонида шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Барои анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои муҳими таҳқиқотӣ, аз ҷумла аз усули ҳақиқатнигории илмӣ - ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ, ҳамчунин маҷмӯи усулҳое, ба мисли назариявӣ-таърихӣ, масъалагузорӣ-солномавӣ, назариявӣ-муқоисавӣ муқоисавӣ–таърихӣ, бетарафӣ, таърихияти илмӣ ва усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ истифода намудааст. Дар асоси усули муқоисавӣ–таърихӣ масоили таърихӣ дар рисолаҳои таърихии дасти аввал анҷом дода шудааст. Тибқи усули масъалагузорӣ – солномавӣ чаҳорчӯби масоили замонии таҳқиқот муайян шуда, равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки

он ба дараҷаи инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX бахшида шудааст. Навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуқтаҳои зерин баён мегардад:

- дар асоси ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ зиндагиномаи муаррихони нимаи дуюми XVIII-ибтидои асри XX баён гардид;

- сохтор ва муҳтавои сарчашмаҳои таърихии нимаи дуюми XVIII-ибтидои асри XX муайян шуданд;

-ахбори муаррихон оид ба вазъи сиёсии Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфт;

-вазъи кишоварзии Бухоро аз рӯйи ахбори манбаъҳои хаттӣ баррасӣ гардид;

-ҳунармандӣ ва савдои Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX муайян шуданд;

-тарзи андозситонӣ ва шуришҳои халқӣ дар сарчашмаҳои хаттӣ ва осори дигар таърихнависон таҳти омӯзиш қарор ёфтанд;

- вазъи фарҳангӣ ва шарту шароити таълим дар асарҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX мушаххас гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- зимни таҳқиқот муайя гардид, ки осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX воқеаҳои таърихии аморати Бухороро инъикос карда, ҷиҳати омӯзиш ва баррасии масоили таърихии аморати Бухоро ниҳоят муҳиманд. Хусусан, вазъи сиёсӣ ва кишоварзии аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX ба таври васеъ инъикос ёфтааст;

- маълум карда шуд, ки маълумот доир ба ҳунармандӣ ва савдо дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухороӣ ба таври умумӣ оварда шуда бошанд ҳам, вале ин масъаларо

Садриддин Айнӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Н. Хаников, И. Логофет ва дигарон бештар тақвият бахшидаанд;

-пажуҳиш собит намуд, ки тарзи андозситонии замони салтанати амирони манғитӣ дар рисолаҳои Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Мушрифи Бухороӣ ва асарҳои Садриддин Айнӣ, Н.Хаников, И. Логофет ва ғайраҳо возеҳан кушода шудаанд. Гарчанде ҷунбишҳои халқӣ дар осори муаррихони номбурда мавриди таҳлили нисбатан чашмрас қарор наёфта бошанд ҳам, онҳоро дигар манбаъҳо ва таҳқиқоти олимон пурра намуданд.

-мушаххас шуд, ки вазъи фарҳангии аморати Бухоро дар асарҳои А. Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Мушрифи Бухороӣ бо ҳусни таваҷҷӯҳ ба амирони манғитӣ зикр шудааст. Садриддин Айнӣ, Н.Хаников ва И. Логофет ҳақиқати ҳолро баён доштаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқот метавонанд таърихи халқи тоҷикро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX-и Бухоро ва дигар давлатҳои Осиёи Миёна пурра намуда, дар корҳои илмӣ - таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон оид ба инъикоси ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX-и Бухоро маълумоти иловагӣ пешниҳод намоянд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, таълифи рисолаҳои илмӣ, ҳангоми гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихи асрҳои миёна» ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли баъзе

масъалаҳои илмии ҳодисаҳои таърихии асрҳои дарназардошташуда муфиданд.

**Мутобиқати** диссертатсия бо шиносномаи тахассуси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисосҳои 6D020300-Таърих, ихтисоси 6D020303- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар коркарди илмӣ ва инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар баёни ба сари қудрат омадани амирони манғитӣ ва ҳукмронии онҳо дар нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX, инъикоси вазъи кишоварзиву ҳунармандӣ, андозситонию андозбандӣ, ҷунбишҳои халқӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва муайян намудани дараҷаи масоили таърихӣ дар манобеи хаттӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2024-2026), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин конференсияҳои ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи № 4, аз 30 апрели 2025) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқарраротиасосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда (143 номгӯ) иборат буда, дар ҳаҷми 168 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

# БОБИ 1. ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII-ИБТИДОИ АСРИ XX

## 1.1 Маълумоти шарҳиҳолии муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX

Ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, аз ҷумла масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии аморати Бухоро ва шаҳру вилоятҳои дар тобеияти он қарордошта дар сарчашмаҳои таърихии нимаи дуюми XVIII-ибтидои асри XX-и инъикос ёфтааст. Ҳар як аз ин муаррихон ҳаводиси таърихиро аз нигоҳи худ дар рисолаҳояшон ба қалам додаанд. Бо вуҷуди ин, ахбори онҳо дар омӯзиши масоили зикршуда ниҳоят муҳим мебошад.

Яке аз чунин муаррихон Муҳаммадвафои Карминагӣ мебошад, ки ӯ аз нахустин муаррихи замони салтанати амирони манғитӣ ба ҳисоб меравад. Оид ба ҳаёт ва рӯзгори ӯ маълумоти пурра дастрас нест. Аммо худи муаллиф дар асараш «Туҳфату-л-хонӣ» аз номи худ ва навиштани асараш ёдрас мешавад: «Баъд аз инкисор ва аҷзи роҳсипарӣ тариқаи саногустарӣ ва васиқаи дуруду маноқиб муҳаррири авроқи парешонхотирӣ Муҳаммадвафои Карминагӣ нигоштаи килки баёнро бар саҳоифи ароизи мутасаррифони асолиби фиросату камол ва мутасаддиёни қавонини киёсату афзол марқуму мастур медорад» [49, 20]. Муҳаммадвафи Карминагӣ бо тахаллуси Қозӣ Вафо ва ё Мулло Вафо низ маъруф буд, аммо дар куҷо қозӣ будани ӯ маълум нест. Ба ҳар ҳол Муҳаммадвафои Карминагӣ аз дарбориёни Муҳаммадраҳимбий буда, соли 1685 дар Кармина ба дунё омадааст. Соли 1758 ба навиштани таърихи Муҳаммадраҳибий машғул шуда, соли 1769 [120, 177] вафот мекунад. Пас аз вафоти Раҳимбий эътибори ӯ дар дарбор коста нашуда, ҳамзамон аз ҷониби Дониёл атолиқ ба навиштани таърихи салтанаташ дастур мегирад. Аммо марг ба ӯ имкони сабти таърихи пурраи Дониёлро даст намедиҳад. Дар бораи дигар паҳлуҳои ҳаёти ӯ маълумоти комил дастрас нест.

Тавре қайд кардем, асари маъруфи ӯ «Туҳфату-л-хонӣ» буда, аз аввалин сарчашмаи таърихӣ оид ба салтанати сулолаи манғитиён дар Бухоро мебошад. Ин асар ҳаводиси таърихиро аз соли 1722 то соли 1782 дар бар мегирад ва онро ду муаллиф таълиф намудааст. Қисми якуми асар, ки қисми асосии он ба ҳисоб меравад, солҳои 1722 -1769-ро дар бар гирифта, ба қалами Муҳаммадвафои Карминагӣ муатааллиқ аст. Қисми дубюм бошад, ҳаводиси таърихии солҳои 1969-1982 –ро инъикос мекунад, ки ба қалами Олимбек валади Ниёзқулибеки Эшон мансуб аст. Аммо дар бораи муаллифи дуюми ин асар маълумот дастрас нест. Фақат ҳамин маълум аст, ки пас аз вафоти Муҳаммадвафои Карминагӣ Олимбек валади Ниёзқулибеки Эшон ин асарро идома медиҳад. Вай сабаби идома дадани зикри воқеаҳоро дар ин асар чунин баён доштааст: «Ҷомеи ин нусхаи боқӣ домулло Олимбек валади Ниёзқулибек Эшон, алайҳи-р-раҳма, аз вилояти Насаф. Шуруъ ва имлои мазкур дар тасниф ҳасбуламри

Муҳаммадраҳимхон буда, баъд аз интиқоли ӯ ин китоб нотамом монда, сониян амми бузургвори хони марҳуми амир Муҳаммаддониёлбийи атолиқ амр ба итмоми китоби мазкур намуда, маъа зиёдате навиштани муҷории ҳолоти худ. Бино бар он мидод ин китобро ба ду ҷузв ниҳода, ҷузви аввал баёни воқеоти Муҳаммадраҳимхон маъа волиди бузургвори ӯ - амир Муҳаммадҳакимбийи атолиқ, ҷузви сонӣ баёни аҳволи амир Муҳаммаддониёлбийи атолиқ маъа фарзанди бархурдори ӯ - амир Муҳаммадшоҳмуродбий навишта шуд» [49, 343].

Қайд кардан ба маврид аст, ки то имрӯз бархе муҳаққиқон 21 нусхаи ин «Туҳфату-л-хонӣ»-ро зикр кардаанд, вале мутаассифона, аксари онҳо зарар дида, 6 нусхааш дар шуъбаи Санкт-Петербурги Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Федератсияи Россия, 2 нусха дар Китобхонаи миллии Федератсияи Россия дар Санкт-Петербург, 10 нусха дар ганҷинаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии ба номи

Берунии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Тошканд, ду нусха дар ганҷинаи Мероси хаттии АМИТ дар Душанбе ва як нусха дар ганҷинаи дастхатҳои шарқии Донишгоҳи давлатии Қазон маҳфуз буда [133, 13], бо номҳои «Таърихи Раҳимхонӣ» ва «Туҳфату-л-хоқонӣ» низ маъруф мебошад.

**Аҳмад Махдум ибни Мирносир Сиддиқи Бухоройӣ,** машҳур ба Аҳмад Махдуми Дониш аз зумраи нависандагон, шоирон, муаррихон ва донишмандони машҳури тоҷик аст, ки соли 1827 дар Бухоро дар оилаи мулло Мирносир ба дунё омадааст. Садриддин Айнӣ дар «Ёдоштҳо»-и худ менависад, ки «Назар ба қавли Шарифҷон-махдум, бобоҳои Аҳмад-махдум аз тумани Пирмаст (дар тақсимоти ҳозира як қисми ин тумани собиқ ба райони Ғиждувон, қисми дигараш ба райони Шофирком ва боқимондааш ба райони Вобканд ҳамроҳ гардида, Пирмаст ба сифати номи район барҳам хӯрдааст) аз деҳаи Суғд будаанд, ки онҳо дар он ҷо деҳқонӣ мекардаанд» [7, 283]. Падараш дар хурдсолӣ дар мактаби деҳаи худ хонда, баъд аз он ба Бухоро омада, мадрасаро хатм кардааст. Аммо ӯ дигар ба зодгоҳи худ бар нагашта, дар кӯчаи Сангини Бухоро ҳавличае хардида, дар масҷиди ҳамин деҳа имом мешавад.

Модари Аҳмади Дониш зани бохату савод буда, мактаби духтарона дошт. Аҳмади Дониш таҳсили ибтидоиро дар ҳамон мактаби хусусии модараш гирифтааст. Пас аз хатми таҳсилоти ибтидоӣ Аҳмади Донишро падараш барои таҳсил ба мактаби қориёни деҳа дода, ният кардааст, ки ӯ ҳофизи Қуръон шавад, вале ин мактаб ба Дониш писанд наомад. Ҳамчунин, домуллои мактаб ба саҳми падари ӯ мерасонад, ки писараш дар забонаш лакнат дорад ва агар ӯ Қуръонро ҳифз кунад, қории бад мешавад [7, 283]. Бинобар ин, ӯ маҷбур мешавад, ки Аҳмади Донишро аз он мактаб гирад.

Тахминан солҳои 1842 – 1843 Аҳмади Дониш ба мадраса дохил шуда, таҳсилро идома дод ва дар вақтҳои холигияш ба омӯзиши ҳусни

хат ва рассомӣ низ машғул гардида, дар андак вақт хушхати гузаро ва лавҳакаши ҳунарманд шуд. Бино ба ахбори Садриддин Айнӣ «Аҳмад-махдум то ба даст овардани ин ҳунарҳо дар оилаи падараш, ки хеле фақирона будааст, зиндагонӣ карда, баъд аз он ки ба таъмини маишати худ имконият ёфтааст, дар мадрасае аз мадрасаҳои Бухоро ҳуҷрае ёфта, дар он ҷо ба сари худ ва мустақилона рӯз мегузаронидагӣ шудааст. Ӯ дар ин давраи ҳаёташ баёзҳои хушхат навишта ва онҳоро бо лавҳу ҷадвали зебо зинат дода, ба толибонаш фурӯхта, таъмини маишат мекардааст» [7, 284]. Ҳамзамон, ӯ ба омӯзиши илми нуҷум машғул шуда, онро аз худ кардааст. Садриддин Айнӣ аз забони Дониш дар ин хусус мефармояд: «Ман дар як дафтар бо дастхати худи Аҳмад-махдум дидам, ки ӯ дар он ҷо тарзи ба илми нуҷум(ситорашиносӣ) машғулӣ кардани худро ба тарзи зерин ҳикоят мекунад(мазмунан): - Ман шавқ доштам, ки ояндаи худро бидонам ва муайян кунам. Бо ҳамин ният ба илми нуҷум шуғл карданро хостам. Аммо устодони ин фан бисёр бахил буданд ва ба осонӣ чизе аз ин фан ёд намедоданд, ман ба устодони ин фан дуру дароз хизмат карда ва мутолааи шахсии худро зам намуда, ин фанро ба даст даровардам. Азбаски бахилии устодон бисёр ба ҷонам мерасонд, дар дили худ муқаррар карда будам, ки агар ман ин илмро ба даст дарорам, ҳар касе, ки ба пеши ман омада омӯхтани ин фанро хоҳиш кунад, бе музду миннат ва ба зудӣ ба он талаба меомӯзам» [7, 284].

Бо вуҷуди ин, Аҳмади Дониш дар замони ҳукумати хонадони манғития (1753-1920), махсусан замони ҳукмронии Насрулло (1826-1860) ба дарбори ӯ даъват шуда, хидмат намуд. Амир Насрулло бо вуҷуди хунхориву золимияш бо Аҳмади Дониш ва дигар донишмандон муносибати хуб дошта, Аҳмад Махдуми Донишро эҳтиром мекард. Солҳои 1846- 1859 Аҳмади Дониш ба сифати котиби дарбори амир Насрулло таъин гардида, ифои вазифа намуда, дар низоми дафтардории ин солҳои аморат саҳми хоса гузоштааст [114]. Соли 1857

амир Насрулло Аҳмад Махдуми Донишро ба сифати котиби масъули сафорат барои барқарор намудани робитаи дипломатӣ ба Россия фиристод.

Баъди вафоти Насрулло амир Музаффар (1860-1885) ба сари ҳокимият омад. Аҳмади Дониш як муддат дар дарбори ӯ хидмат карда, сипас аз дарбор рафт. Бино ба маълумоти Садриддин Айнӣ ӯ аз вазифаи қозигӣ барканор шуда, ба вазифаи китобхонадориро дар мадрасаи Ҷаъфархоҷа доданд. (Азбаски дар китобхонаҳои мадрасаҳои Бухоро китобе намонда, ба ин сабаб барои китобхонадор коре ҳам набуд, китобхонадор вақфи аз он роҳ ояндаро ҳақиқатан монанди пенсия (нафақа) ҳисоб мекард.) [7, 285] Аммо ҳангоми ҳукуматдории Абдулаҳад (1885-1910) дигарбора ба дарбор ҷалб гардида, фаъолият намуд ва соли 1897 вафот кард.

Ӯ ҳангоми хидматаш дар дарбори манғития се маротиба ба Руссия сафар кард. Нахустин сафари Аҳмади Дониш ба соли 1857 рост меояд, ки ӯ дар ин сафар ба гурӯҳи сафорати Бухоро ҷиҳати табрикоти ба тахт нишастани Александри II шомил мешавад. Ӯ дар ин сафар аз вазъи умумии Русияи подшоҳӣ шинос мешавад. Сафари дуюми ӯ ба Русия ба солҳои 1869-1870 рост меояд. Бо дустури амир Музафар ҳайати сафорат бо мақсади сабук намудани шартҳои шартномаи 23 июли соли 1868 ба Петербург фиристода шуд, ки А. Дониш низ шомили он буд. А. Дониш зимни ин сафар на танҳо сазовори эътимоди дарбори Россия гардид, балки барои мувафаққиятҳои ба дастовардааш дар ин сафар аз ҷониби Музаффар унвони фахрии «ӯроқ» дода, яке аз мансабҳоро дар дарбор пешниҳод намуд. Аммо Аҳмади Дониш ин хоҳиши амирро рад карда, хост дар хусуси тарзи давлатдорӣ андешаҳояшро ба қалам диҳад. Зеро баъди се сафараш ба Россияи подшоҳӣ ( солҳои 1857,1869 ва 1873) андешаҳояш оид ба сохтори идории аморати Бухоро ва қафомондагии он дигар шуд, ақидаҳои таҳлилию татбиқии равшанфикрии созанда ва ислоҳотталабии сохтори

аморати Бухоро дар ниҳоди ӯ пайдо шуда буд. Ин андешаҳои маорифпарваронаи ӯ диққати дигар донишмандонро ҷалб кард. Аз ҷумла, Абдуқодирхоҷаи Савдо (1823-1873), Шамсиддини Шоҳин (1866-1895), Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-1902), Содиқхоҷа Гулшанӣ (1861-1910), Раҳматуллоҳи Возеҳ (1817-1894) ва дигарон дар атрофи А. Дониш ҷамъ шуда, ба ӯ пайравӣ намуданд.

Аҳмади Дониш дар тӯли ҳаёту фаъолияташ як қатор асарҳои илмиву бадеӣ, аз ҷумла «Наводир-ул-вақоеъ», «Манозир-ул-кавокиб» (Манзараҳои ситораҳо), «Рисола фи аъмол ил кура» (Рисола дар бораи амалиёт бо кура), «Ҷомеъ-ул ҳикоет» (асари бадеии тарҷумаиҳолӣ) ва «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» таълиф намудааст. Ӯ порчаҳои шеърӣ ҳам дорад, ки дар шакли куллиёт мураттаб гардидаанд.

«Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш аз манбаъҳои хаттии муҳими таърихии асри XIX ба ҳисоб рафта, муаллиф онро дар охири умри худ навиштааст. Аз сабаби он ки ин асар нотамом мондааст, Аҳмади Дониш ба ӯ ном нагузоштааст ва номи он минбаъд аз ҷониби муҳаққиқон вобаста ба ахбори дар он инъикосшуда гузошта шуда, ҳамзамон бо номҳои «Таърихча», «Таърихи манғития», «Таърихи амирони манғитӣ» низ маъруф аст.

«Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш асосан ба таърихи ҳукмронии амирони манғитӣ бахшида шуда, ҳаводиси таърихиро аз давраи Дониёл атолиқ то замони ҳукуматдории Абдулаҳад фаро гирифта, инчунин дигар паҳлуҳои таърихии ин даврароро мунъакис мекунад.

Аз сабаби он ки муаллиф ҳамзамони воқеаҳои инъикосшуда мебошад, ин асар дар тасвири ҳаводиси таърихии асри XIX манбаи дасти аввал ба ҳисоб меравад. Тавре қайд кардем, ин рисола аз ҷиҳати вақти таълиф охирин ва аз ҷиҳати талаботи ғоявӣ муҳимтарин асари Аҳмади Дониш мебошад. Мавқеи таърихии он дар афкори ҷамъиятии

халқҳои Осиёи Миёна ишғол намудаи ин мутафаккири забардаст, маҳдудияти ғоявӣ ва зиддиятҳои фикрии ӯ дар ҳамин асари вай равшантар ифода ёфтаанд [65, 12].

«Рисола ва ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш аз муқаддима ва шаш гуфтор иборат мебошад. Аҳмади Дониш муқаддимаи рисолаи худро дар васфу ситоиши Худованд оғоз карда, баъдан мефармояд, ки «сабаби ободии ҷаҳон ҳаёту об ва адл бошад ва боиси харобии ӯ маргу беобӣ ва зулм бошад, ки воситаи он аз олами улавӣ шаш кавкабанд» [13, 14].

«Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш аз шаш гуфтор: «Харобии назми аморат дар замони амир Дониёл ва тарзи салтанати амир Шоҳмурод», «Баъзе аз вақоеи замони салтанати амир Ҳайдар», «Марги амир Ҳайдар ва замони салтанати амир Ҳусайн ва амир Умар», «Замони салтанати амир Насруллоҳ ва тарзи мамлакатдории ӯ», «Баъзе аз вақоеи замони салтанати амир Музаффар, тарзи маишат ва мамлакатдории ӯ» ва «Назми аморат ва баъзе аз вақоеи замони салтанати амир Абдулаҳад» иборат аст.

Бино ба таҳқиқоти анҷомдодаи Абдулғанӣ Мирзоев «то кунун панҷ нусхаи хаттии асари «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш то замони мо боқӣ мондааст. Нусхаи якуми он ба қалами худи Аҳмади Дониш тааллуқ дошта, дар фонди нусхаҳои хаттии Осорхонаи Бухоро, таҳти рақами 9823 нигаҳдорӣ мешавад» [65, 6]. Ин нусха 26 моҳи сентябри соли 1959 бо ташаббуси ходими осорхона А. Қосимзода аз нигаҳдоронадаи китоб, сокини Бухоро Муҳидинов, ки он аз бобояш Қозӣ Саидаҳмади Бухорӣ ба мерос мемонад, ба даст меояд. Қозӣ Саидаҳмад аз наздикон ва ҳамсуҳбатони Аҳмад Махдуми Дониш буд, ки ӯ ин нусхаро гуё ба тариқӣ ёдгорӣ ба ӯ бахшидааст. Дар саҳифаҳои 46 ва 48 матни китоб

муҳри Қозӣ Саидаҳмад гузошта шудааст, ки ин дар ҳақиқат ба китобхонаи ин шахс тааллуқ доштани нусхаро таъкид мекунад [65, 6].

Нусхаи дуюм ва сеюми асар дар Маркази мероси хатии Академияи милли илмҳои Тоҷикистон, таҳти №572 ва №2566, нусхаи чорум дар китобхонаи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон нуусхаи панҷум дар китобхонаи шахсии Абдулғанӣ Мирзоев нигаҳдорӣ мешаванд, ки он аз рӯйи нусхаи дуюми асар рӯйнавис шудааст [65,6-10].

Ҳамин тариқ, «Рисола ва ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» охирин асари Аҳмади Дониш буда, дар он таърихи ҳукмронии амирони манғитӣ инъикос шуда, ҷиҳати таҳқиқи масоили таърихии аморати Бухорои дар нимаи дуюми асри XIX манбаи муҳими таърихӣ шуморида мешавад.

**Мирзо Муҳаммад Абдулазим Сомии Бустонӣ аз муаррихони дигари асри** XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Ӯ соли 1837 дар деҳаи Бустон, ки дар 40 км қисми шимолии Бухоро воқеъ аст, ба дунё омадааст [66,9]. Мирзо Абдулазими Сомӣ илмҳои замонашро дар Бухоро аз худ карда, пас аз таҳсил ба дарбори амири Бухоро Музаффар роҳ ёфта, дар ҷангҳои байни аморати Бухоро ва узбеки Шаҳрисабз ва ҷангҳои лашкари Бухоро бо Русияи подшоҳӣ ширкат карда, воқеанигори расмии лашкари Бухоро гардид [66,9]. Ӯ дар замони амир Музаффар ва Абдулаҳад вазифаи муншии дарборро ба уҳда дошт [134, 16]. Мирзо Абдулазими Сомӣ бо сафирони аморати Бухоро ба Русия сафар карда, соли 1881 дар Санкт Петербург дар маросими тоҷгузории подшоҳи рус Александри III иштирок менамояд, аммо ҳангоми салтанати амир Абдулаҳад оҳиста –оҳиста эътибораш дар дарбор паст гардида, аз он ҷо ронда мешавад ва охирҳои умри худро бо азобу машаққат мегузаронад. Худи ӯ дар ин мавриd мегӯяд: «Баъд аз интиқол ва иртиҳоли он подшоҳи соҳибиқбол (амир Музаффар) ин бандаро даст аз амал кӯтоҳ

гардида, аз адами ёварии бахт, аз хидмати саркори олӣ фориғ ёфта, дар гӯшаи гумномӣ хазида…» [42, 21]

Мирзо Абдулазими Сомӣ роҷеъ ба таърихи ҳукмронии амирони манғитӣ ду асар таълиф намудааст, ки яке «Туҳфаи шоҳӣ» ва дигаре «Таърихи салотини манғития» ном доранд, ки асосан ба таърихи ҳукмронии амирони Бухоро тааллуқ доранд.

«Туҳфаи шоҳӣ» соли 1898-1902 таълиф шуда, муаллиф хостааст, таърихи амирони Мовароуннаҳро аз замони ба тахт нишастани Муҳаммадраҳимхон то замони ҳукмронии амир Абдулаҳад инъикос намояд. Аммо бинобар сабаби огоҳ намудани хонанда ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳр пеш аз ба сари ҳокимият омадани сулолаи манғития, аз ҳаводиси солҳои 1702 -1747, яъне замони салтанати Убайдуллохон (1702-1711) ва Абулфайзхони Аштархонӣ (1711-1747) низ ёдовар шудааст.

Мирзо Абдулазими Сомӣ пас аз хориҷ шудан аз дарбор ба таълифи «Туҳфаи шоҳӣ» машғул шуда, сабабашро чунин баён доштааст: «Мирзо Юсуфи Муншӣ дар таърихи худ то воридоти айёми Убайдуллоҳхон ибни сайид Субҳонқулихонро зикр карда, дафтари умраш махтум шуда, пас аз ибтидои ҷулуси сайид Абулфайзхон то алҳол, ки санаи ҳичрӣ ба 1319 (мутобиқ ба солҳои 1901-1902 м.) расида, ахбороти 150 –солаи салотини номдор ва хавонини волотабори мамлакати Мовароуннаҳр, сурати тарқим наёфта ва арӯси ин мақсад чеҳра дар ниқоб ва сар дар ҷилбоб кашида, мастур ва маҳҷуб аз назари тасарруфи яккатозони арсаи суханварӣ монда ва касе аз фусаҳо дар водии баёни ин матлаб, қадами ҷуръат пеш нагузошта ва низ аз ҷиҳати касоди бозори матои дониш ва ҳазоқат, аҳаде перомуни истиоби ин муддао нагардида» [42, 21].

«Туҳфаи шоҳӣ» ва «Таърихи салотини манғития»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ вазъи сиёсиву иҷтимоии аморати Бухороро дар

нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, инчунин дигар масоили таърихии марбут ба ин даврaро дар Осиёи Миёна инъикос мекунад [43].

**Мирзо Саидхоҷа Муширифи Бухорої аз ҷумлаи муаррихони** нимаи дуюми асри XIX -ибтидои асри XX аст. Дар бораи зиндагиномаи ӯ маълумоти аниқ дастрас нест. Ягона манбае, ки номиро ӯро то ба имрӯз расонидааст, асараш «Таърихи амирони манғити Бухорои шариф» мебошад, ки ба ҷуз номи ӯ, яъне Мирзо Саидхоҷа Муширифи Бухорої ахборе вуҷуд надорад. Аз рӯйи ин асараш маълум мешавад, ки ӯ яке аз донишмандон ва таърихнависони замони худ будааст.

«Таърихи амирони манғити Бухорои шарифи»-и Муширифи Бухорої фарогири таърих аз замони қадимтарин, яъне дар асоси нақлу ривоятҳои исломӣ аз офариниши ҳазрати Одам то замони салтанати амир Олимхон мебошад. Ин ҳама ҳодисаҳо дар як китоб таҳия шудааст. Оид ба нусхаҳои китоб чандон маълумот нест. Маълумоти ба дастомада танҳо ишора ба як нусхаи он мекунад, ки дар Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, таҳти № 2354/4 маҳфуз аст. Дар бораи он ки ин нусха дастхати Муширифи Бухорої ҳаст ё не, маълум нест. Инчунин, таърихи ворид шудани асар ба Маркази мероси хаттӣ дар ҷое сабт нашудааст. Бо вуҷуди ин, ин нусха ягона нусхаи китоби «Таърихи амирони манғити Бухорои шарифи»-и Муширифи Бухорої ба ҳисоб меравад, ки бо забони содаи тоҷикӣ таълиф шудааст.

Ҳолати китоб чандон хуб нест. Зеро қисме аз сафаҳоти он вуҷуд надошта, қисми дигар бетартиб ҷобаҷо шудаанд.

Муширифи Бухорої дар муқаддимаи асари худ мефармояд: «Алҳамду ли-л-лаҳи Робби-л-ъоламин ва-л-ъоқибату ли-л-муттақин ва-с-салота ва-с-салому ъало расулан Муҳаммад-ив-ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаин. Аммо баъд бар замоири арбоби дониш пӯшида намонад, ки муаллиф Олимхоҷа ибни Мирзосаидхоҷаи Муширифи Бухорои Шариф аз рӯи нолоиқӣ ва камистеъдодӣ мехост, ки китобе ба забони форсӣ

таълиф намояд, ки аҳли хос ва ом шояд аз он мустафид гардида, сабаби ёдоварии бародарони исломӣ гардад ва низ дар ин дер нест. Ҳаст нишонаву аломате шояд Аллоҳ таъоло гардонида ба баҳона ва боиси ин саҳмдонро ичрое аз каромат ба мунтаҳои худ ато фармояд... Дар ин нусха аз ҳарим он чи зарур аст, ба қадри абохире оварда» [50, 447].

Асари “Таърихи амирони манғити Бухорои Шариф”-и Мушрифи Бухороӣ тибқи «Католог»-и Маркази мероси хаттӣ аз чор ҷилд [93, 120] ва маълумоти Wikipedia аз ду қисм иборат аст. [143]. Аммо дар худи дастхат дар ин боре ҳеҷ маълумоте мавҷуд набуда, ҳаводиси таърихӣ бо ишораи муаллиф ба мавзуъҳо ҷудо карда шудааст. Бинобар ин, зимни таҳқиқот мо онро шартан ба 4 қисм ё ҷилд: аз замони қидим то салтанати Аштархониён, аз замони Пешдодиён то Сомониён, ҳодисаҳои таърихии асрҳои XIX-ибтидои асри XX ва қисми алоҳида вобаста ба одобу ахлоқ ҷудо намудем.

**Қисми сеюми** асар ба таърихи ҳукмронии амирони манғитӣ бахшида шуда, аз 11 фасл ва ё гуфтор иборат мебошад, ки ин гуфторҳо ҳодисаҳои таърихии ба амаломадаро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд. Масалан, «Дар баёни подшоҳии амир Шоҳмуродхон» «Дар байёни амир Сайидбаҳодур Султон», «Дар баёни амир Ҳусайн», «Гуфтор дар баёни амир Насруллоҳ Баҳодурхон» ва ғайраҳо.

Дар қисми сеюми китоби «Таърихи амирони манғити Бухорои Шариф»-и Мушрифи Бухороӣ бештар масъалаҳои сиёсӣ, аҳволи мардум ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ дар даврои салатанати манғития дар аморати Бухоро ва навоҳи тобеи он баррасӣ шудааст.

Ҳамин тавр, аз таълифи асар бармеояд, ки муаллифи он Олимхоҷа ибни Мирзо Саидхоҷа Мушрифи Бухороӣ зимни навиштани чунин як асари таърихии калонҳаҷм, ки таърихи халқи тоҷикро дар шакли ҷомеъ фаро мегирад, асарҳои зиёдеро мутолиа ва истифода бурдааст. Албата навиштани чунин як асари калонҳаҷм бе истифодаи

манобъи илмиву таърихӣ, нақлу гузоришҳо ғайримкон аст. Бо вуҷуди ин, муаллиф аз маводи истифодабурдааш ишора накардааст. Қисми сеюми асар, ки тавре зикр кардем ба ҳукмронии салотини манғития бахшида шудааст, дар инъикоси ҳодисаҳои таърихии ин давра хеле манбаи арзишманд ба ҳисоб меравад. Зеро муаллиф худ шоҳиди зиндаи қисме аз воқеаҳои ин давра буда, ҳодисаҳоро аз наздик мушоҳида кардааст. Аммо дар қисми дигари воқеаҳо бо эҳтимоли зиёд аз «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати амирони манғития»-и Аҳмади Дониш истифода намудааст.

Хулоса, Мушрифи Бухороӣ аз шумули донишмандони замони худ дониста мешавад, ки бо эҳтимол муддате дар дарбори амир Олимхон хидмат намудааст. Аммо, ҳар ҳол дар мероси хатии ӯ ва на дигар адабиёти ёдоштии нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX маълумоти дақиқ дар бораи ӯ вуҷуд надорад. Асари арзишманди ӯ "Таърихи амирони манғити Бухорои Шариф"-и ӯ барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ниҳоят муҳим аст.

**Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ** аз муаррихони дигари нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX буда, соли таваллуди ӯ ба таври аниқ маълум нест. Тибқи ишораи устод Айнӣ дар мавриди Содиқхоҷа Гулшанӣ таваллудаш тахминан ба соли 1861 рост меояд [9, 20]. Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар шаҳри Бухоро, дар хонаводаи муфтӣ ва мударрис Муҳаммад Мирсаид ба дунё омада, илмҳои замонашро дар зодгоҳаш аз худ кадааст. Ӯ дар замони амир Абдулаҳад (1885-1910) ба дарбор даъват шуда, вазифаи надимиро амир ба ӯ супорид. Содиқхоҷаи Гулшанӣ ҳангоми хидмат дар дарбори амир Абдулаҳад ба ноҳияҳо ва вилоятҳои Бухоро сафар намуда, аз таъриху фарҳанг ва вазъи ҷуғрофию фарҳангии онҳо огоҳ шуда, ба навиштани «Таърихи ҳумоюн» шуруъ кард. Ӯ соли 1910 дар синни 48-солагӣ вафот кардааст.

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ сабаби таълифи асари худро чунин баён кардааст «…Ва дар он замон, ки қабл аз ҳаштоду шаш сол аз ин таърих аст, дар он вақт Шаҳрисабзу Ҳисор ва Хатлону Қаротегин ва Дарвоз-ҳамаи инҳо ҳукумоти мустақила будааст ва инҳо дар зарфи як қарн замимаи давлати Бухорои Шариф гаштааст. Ва низ дар ин муддат Бухоро явман фи явман5 дар тараққӣ ва тазаюд рӯй ниҳодааст, аз ин ду ҷиҳат тафовути бисёр ҳосил мегардад. Лиҳозо ба хотири ин ҳақир хутур мекард, ки таърихе таълифу тасниф шавад, ки мутобиқи ин асру мувофиқи ин замон бошад, то ки таърихи он равшану чуғрофии он мубарҳан гардад» [46, 44]. Аз тарафи дигар Гулшанӣ хостааст, ки ба муносибати биступанҷсолагии ҳукмронии Абдулаҳад ин асарро таълиф ва ба ӯ тақдим намояд. Бинобар ин, номи асарро «Таърихи ҳумоюн» гузоштааст, ки дар ин бора худи ӯ мефармояд: «Чун соли биступанҷум аз ҷулуси ҳумоюни ҷаноби 5 Рӯз то рӯз. олӣ амиру-л-мӯъминин ва имому-л-муслимин наздик шуд, хостам, ки ба ёдгории соли мазкур китобе таълиф намоям, ки ёдгории соли бисту панҷ аз ҷулуси ҳумоюн гардад....Ва ин китобро ба муносибати таърихи ҳумоён будан «Таърихи ҳумоюн» ном ниҳодам ва бар ҳашт мақола ва адади иёлоти Бухорои Шариф тартиб намудам» [46, 44-45].

«Таърихи ҳумоюн» соли 1327 ҳичрии қамарӣ, мутобиқ ба соли 1909- и милодӣ пеш аз биступанҷсолагии ба сари қудрат омадани амир Абдулаҳад ба анҷом расид, ки дар ин бора муаллиф дар охири рисолааш зикр кардааст [46, 161]. Ҳарчанд Содиқхоҷаи Гулшанӣ ин асарро ба анҷом расонд, аммо бо сабабҳои номаълум муаллиф ин рисоларо ба амир Абдулаҳад тақдим карда натавонист. Ба андешаи Ҷӯрабек Назриев «…таълифи асар дар соли 1327 ҳичрӣ/ 1909 мелодӣ ба анҷом расидааст, вале он дар шакли мусаввада ва таҳрирталаб буда, дар чунин шакл пешкаши амир гардонидани он аз имкон дур буд. Ва боз метавон гуфт, ки шояд Гулшанӣ фурсати таҳриру ба асар даровардани ислоҳотро низ пайдо накард. Ва ё шояд яке аз сабабҳои

асосӣ он бошад, ки пеш аз фаро расидани рӯзи ҷашн Гулшанӣ оламро падруд гуфт ва ғайра» [102]. Ба ҳар ҳол сабаби ягонаи ба амир Абдулаҳад дастрас нашудани асар номаълум аст, аммо он то имрӯз боқӣ мондааст, ки ҷиҳати омӯзиши таърих ва ҷуғрофияи аморати Бухоро ва шаҳру вилоятҳои он манбаи муҳим мебошад. Рисолаи «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ аз ҳашт мақола иборат аст, ки чунин ном доранд:

-Мақолаи аввал дар зикри иёлати Бухоро.

-Мақолаи дуюм дар иёлати Восеаи Миёнкол аст.

-Мақолаи сеюм зикри иёлати сеюм аз тавобеоти Бухорои Шариф, ки он иёлати Лаби Об аст.

-“Мақолаи чаҳорум дар баёни иёлати вилояти Қаршӣ, ки онро дар кутуби салаф шаҳри Нахшаб ва шаҳри Насаф низ мехонанд”.

-Зикри иёлати вилояти Кеш ал-машҳур ба Шаҳрисабз.

-Иёлати шашум аз иёлатҳои Бухорои Шариф иёлати Ҳисори Шодмон аст.

- Мақолаи ҳафтум аз иёлати Бухорои Шариф вилояти Хатлон аст.

-Мақолаи ҳаштум зикри иёлати қалъаи Хум, яъне Дарвоз.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нусхаи қаламии «Таърихи ҳумоюн» дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти рақами № 2968 маҳфуз аст ва он соли 2006 аз ҷониби Ҷӯрабек Назриев ба хатти кириллӣ баргардонида ва дар шакли китоб чоп карда шуд.

Ҳамин тариқ, «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба муносибати 25-солагии ҳукмронии амир Абдулаҳад иншо шуда, вазъи сиёсиву ҷуғрофӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро, шаҳру вилоятҳо ва ноҳияву маҳаллаҳои ҳудуди онро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба таври васеъ инъикос менамояд. Ин рисола ҷиҳати омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва шаҳру навоҳии он дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX манбаи

арзишманд ба ҳисоб рафта, аҳаммияти бузурги таърихиву ҷуғрофӣ дорад .

**Садриддин Айнӣ** 15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи тумани Ғиждувони Бухоро ба дунё омадааст. Устод Айнӣ қайд менамояд, ки «ба ҳамин тариқа таваллуди ман дар деҳаи Соктареи раёни Ғиждувон воқеъ шуда, айёми бачагии томактабиам тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло гузаштааст» [2, 13]. Падараш Саидмуродхоҷа, бо вуҷуди он ки ба кишоварзӣ машғул буд, аз хату савод низ баҳра дошт. Бинобар ин, кӯшиш мекард, ки писаронаш омӯхта соҳими илму дониш шаванд. Аз ин рӯ, писараш Садриддинро дар шашсолагӣ ба мадрасаи рустояшон дод. Айнӣ дар ин мадраса, ки дар ёдоштҳояш «Мактаби куҳна» номида шудааст, ба илмомӯзӣ машғул мешавад. Аммо устод Айнӣ дар ин мактаб чандон саводи хуб нагирифт. Падараш ин вазъиятро дарк карда, Айниро ба мактаби духтарона дод. Худи устод дар ин бора дар «Ёдоштҳо» чунин мефармояд: «Чун падарам дид, ки дар он мактаб ман саводи амиқ гирифта натавонистам, маро ба мактаби духтарона дод» [6,47]. Дар мактаби духтарона Садриддин чанд ҷузъ аз Бедил ва чанд ҷузъ аз ғазалиёти Соибро хонда дар даҳсолагӣ мактабро хатм намуд.

Соли 1889 дар Бухоро бемории вабо сар зад. Бар асари ин беморӣ падару модари Садриддин Айнӣ вафот каранд [67,32]. Сипас, устод Айнӣ дар 12-солагӣ ба Бухоро омада, 16 сол дар мадрасаҳои он, аз ҷумла дар мадрасаҳои Мири Араб, Олимҷон, Бадалбек, Ҳоҷӣ Зоҳид ва Кӯкалтош таҳсил карда, соли 1908 онро хатм намуд. Аз соли 1896 Садриддин бо тахаллуси адабии «Айнӣ» ба навиштани шеърҳо шуруъ кард.

Садриддин Айнӣ соли 1909 барои таълими хонандагони мактабҳои нав китоби «Тахзиб-ус-сибён»- ро таълиф кард. Ин ба амир писанд наомад. Аз ин сабаб Айниро ба зиндон партофта, 75 чӯб заданд. Пас аз ин Садриддин Айнӣ ба Самарқанд кӯчида, дар он ҷо ва дар

Тошкент ба корҳои тарғибу ташвиқи революцион машғул шуд. Аммо амири Бухоро баҳонаи он ки гӯё Садриддин бо қуввахои зидди аморат алоқа дорад, ду бародари ӯ Сироҷиддин ва Муҳиддинхоҷаро дар зиндон ба қатл расонд.

Пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр С. Айнӣ ба навиштани асару мақолаҳои таърихӣ ва илмиву публисистӣ бештар кӯшиш карда, дар соҳаи илм ба дараҷаи доктори фанҳои филологӣ, унвони академики фахрии Академияи фанҳои РСС Ӯзбекистон соҳиб шуд. Ҳамзамон, ӯ академики Академияи фанҳои Тоҷикистон ва аввалин президенти он интихоб гардид.

Устод Айнӣ барои хизматҳои адабӣ ва ҷамъиятиаш бо се ордени Ленин, ду «Байрақи сурхи меҳнат» ва медалу грамотаҳо мукофотонида шудааст. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми сентябри соли 1997 ба устод С. Айнӣ Унвони «Каҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

Садриддин Айнӣ соли 1954 дар шаҳри Душанбе вафот кард.

Тавре қайд кардем, Садриддин Айнӣ мероси илмиву адабии зиёде боқӣ гузоштааст. Қариб ҳамаи онҳо дар Куллиёташ гирдоварӣ шудаанд ва «Кулиёт»-и ӯ, ки 15 ҷилдро дар бар мегирад, гирдоварӣ шудаанд.

Аз зумраи асарҳои таърихии Садриддин Айнӣ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» мебошад. Ин асар ҳаводиси таърихии аморати Бухороро дар замони ҳукмронии амирони манғитӣ, хусусан аз замони ба сари ҳокимият омадани аввалин намояндаи он Муҳаммадраҳимхон то давраи ҳукумронии охирин амири ин хонадон Олимхон ба қалам додааст.

Муаллиф дар муқаддимаи ин асар аз ҷумла қайд менамояд, ки «Хонандагони киромро пинҳон ва пушида мабод, ки мураттиби ин авроқ, дер боз дар бораи таърихи амирони манғитияи Бухоро татаббуъ ва ҷустуҷӯе дошт. Дар соли 1339 моҳи муҳаррам (сентябри 1920-уми мелодӣ) ба муносибати Инқилоби Кабири Бухоро ба воситаи маҷаллаи

«Шуълаи инқилоб» порча – порча нашр карда шуд. Чун маркази шуъбаи Нашриёти давлатии ҷумҳурияти Бухоро ва Вазорати маорифи Бухоро ҷамъ ва тадвини ин авроқи парешонро хоҳиш намуд, дигарбора хеле сайъ ва кӯшиш ба кор бурда, бо ҳакку ислоҳ ва бо илова ва тафсили баъзе маворид ва вақоеъ ва таъйини манбаъ ва маъхазҳо дар қайди китобат кашида шуд» [3,6].

Таърихи ба сари ҳокимият омадани ҳар як амири манғитӣ ва ё дигар ҳодисаҳои таърихӣ ва дар баъзе ҳолатҳо таркиби воқеаҳо дар асари «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ бо сарлавҳаҳо ва ё гуфторҳо ҷудо карда шудааст. Масалан, «Муқаддимаи ҳукмронии Раҳимхон бинни Ҳаким отолиқи манғит», «Шаҳодати Абулфайзхон ба дасти Раҳимхон», «Амир Дониёл бинни Худоёр отолиқ», «Зикри ҷулуси амир Шоҳмурод», «Баъзе аҳволи амир Шоҳмурод ва хотимаи кораш», «Тахриби Уротеппа ва таъмири Самарқанд», «Зикри ҷулуси амир Ҳайдар бинни Шоҳмурод», «Баъзе аҳволи амир Ҳайдар ва хотимаи кораш», «Зикри ҷулуси амир Ҳусайн, амир Умар ва Насрулло Баҳодур», «Амир Насрулло –инглис ва рус» ва ғайраҳо, ки дар онҳо ҳаводиси таърихӣ хеле хуб инъикос шудааст.

Садриддин Айнӣ бар хилофи дигар таърихнависони дарбори манғития тамоми хунхориву ҷоҳилӣ ва ҳиллаву найрангҳои амирони манғитиро зикр карда, онҳоро барҳақ зери танқид гирифтааст. Масалан, дар хусуси амир Насрулло мефармояд: «Амир Насрулло саффок, бебок, мусриф, муталаввин, мутаҷассис, фосид-ул-ахлок, бо ин ҳама риёкор як шахсе буд. Ба андак шубҳа ҳар касе, ки бошад фавран хунашро мерехт…Амир Насрулло мисли соири амирони манғит даъвои диндорӣ карда, аз номи шариат мардумро ҷазоҳои сахт медод. Камтарин ҷазояш сад тилло ва сад танга ё ки даҳ тилло ва даҳ танга ёрғу (ҷазои нақдӣ) буд. Аммо худ дар фасоди ахлоқ яктои замона буд» [3,40].

Тавре аз ахбори устод Айнӣ баремояд, ҳама амирони манғит хунхору ҷоҳил буда, ба мардуми Бухоро аз ҳад зиёд ҷабру зулм менамуд. Айнӣ дар гуфтори «Зикри ҷулуси амир Музаффар бинни Насрулло Баҳодур» амалҳои манфури амир Музаффарро низ сабт кардааст, ки бо далелҳои радношуда ин воқеаҳоро чунин зикр мекунад: «Амир Музаффар дар авоили ҷулуси худ барои мардумфиребӣ рӯзе чанд равияи адл ва додро пеш гирифт. Ҳамин ки хотири худро аз истиқрори салтанат ҷамъ дид, дасти татовул ва таҷовузро ба мол, ҷон, ирз ва номуси бечорагон дароз кардан гирифт. Ҳар касеро мехост, бепурсиш мекушт. Ҳатто ҳаррӯза ба номи шукуҳи салтанат дар Регистони Бухоро дар Бозори ресмон ба пеши чашми мардум хуни чандин бегуноҳро мерехт» [3,40].

Садриддин Айнӣ дар таълифи асари худ дигар маноби хаттии замоншаро, ки оид ба таърихи амирони манғитӣ, ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX таълиф намудаанд, мавриди таҳқиқ қарор дода, дар таълифи «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» истифода намудааст. Манбаъи дигари истифода дар таълифи асар мактубу ҳуҷҷатҳои дастарас шудаи аморат ва амиру ҳокимон мебошад. Қисми дигари воқаҳо ба замони зиндагии Садриддин рост меояд, ки муаллиф дидаву шунидаҳояшро инъикос кардааст.

“Тавсифи хонигарии Бухоро”-и Н. Хаников [57] низ аз сарчашмаҳои таърихии ин давра маҳсуб меёбад. Н. Хаников, ки соли 1841, замони салтанати Насруллоҳ ба Бухоро омада буд, вазъи сиёсиву иҷимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ, хусусан нишондиҳандаҳои кишоварзӣ, обёрӣ, андозситонӣ, ҳунармандӣ ва савдо, илму маориф ва дигар паҳлуҳои ҳаётии мардуми аморати Бухороро дар асари худ инъикос кардааст.

“Хонигарии Бухоро ва ҳолати он дар замони ҳозира” Д.Н. Логофет [38] аз рисолаҳои таърихие ба ҳисоб меравад, ки вазъи сиёсӣ, кишоварзӣ, ҳунармандӣ, андозситонӣ, мактабу маориф ва дигар

паҳлуҳои хоҷагии халқи Бухороро дар охири асри XIX –ибтидои асри XX дар худ тасвир менамояд. Муаллифи он аз афсарони низомии Русияи подшоҳӣ буда, соли 1897 ба Осиёи Миёна фиристода мешавад. Ӯ дар баробари иҷрои вазифаҳои низомӣ ба навиштани вазъи зиндагии мардум, сиёсати ҳукуматдорони Бухоро ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодиву маишии мардуми ин минтақа шурӯъ мекунад ва чандин китобҳо таълиф менамояд, ки асари номбурдаи ӯ маҳз ба таҳқиқи масоили дарназардошташудаи мо бештар мувофиқ меояд.

Ҳамин тариқ, осори муаллифони зикрашон дар боло рафта, чун манбаъҳои хаттии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар омӯзиши ҳаводиси таърихии Бухоро ниҳоят муҳим буда, омӯзиш ва баррасии маълумоти дар онҳо ҷойдошта, метавонанд бисёре аз сафҳаҳои норавшани таърихро кушоянд.

## 1.2. Нигоҳи муқоисавӣ ба дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии аморати Бухоро

Дар асри XVIII дар Осиёи Миёна парокандагии феодалӣ вуҷуд дошт. Ин шароити номусоиди сиёсӣ диққати дигар давлатҳоро ба Осиёи Миёна ҷалб нокарда наметавонист. Аз ҷумла, соли 1740 шоҳи Эрон Нодиршоҳ (1736-1747) пас аз лашкар кашидан ба Ҳиндустон ба Осиёи Миёна ҳуҷум кард. Ҳангоми убури Амударё Муҳаммад Раҳимбий, ки писари беки Қаршӣ Ҳакимбӣ атолиқ буд, бо маслиҳати падар ва хони Аштархониён Абулфайзхон ба истиқболи ӯ рафт. Шояд ин пазироӣ ва шинохти ӯ сабаб гашт, ки Нодиршоҳ Бухоро ва Хеваро хароб ва онҳоро ба ҳокимияти худ ҳамроҳ накард. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Пирумшоев «омили ҳалкунанда дар қарори Нодиршоҳ оид ба вайрону хароб накардани хонигариҳои Хеваю

Бухоро нисбатан мачрои осоишта доштани походи шоҳи Эрон дар минтақа ва ба қаламрави худ расман ҳамроҳ накардани он хавфи вайрон накардани муносибат ба Русия будааст» [110, 100]. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар он давра Русия низ ба Осиёи Миёна таваҷҷуҳ доштааст.

Пас аз ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Эрон эътибори Ҳакимбий атолиқ афзуда, дар Бухоро соҳиби эҳтиром гардид. Соли 1747 писараш Муҳаммад Раҳимбий бо мақасади фурӯ нишондани шӯриш дар қаламрави Бухоро ба ин ҷо омада, Абулфайзхонро ба қатл расонид. Нодиршоҳ аз воқеа огоҳ шуда, ба муқобили Раҳимбий лашкар кашиданӣ шуд, аммо ӯ дар натиҷаи сӯиқасд ҳалок гардид. Раҳимбий соли 1753 ба ҳукмронии сулолаи манғитӣ асос гузошт ва бо ҳамин Бухоро аз нимаи дуюми асри XVIII то солҳои 20-уми асри XX зери ҳукмронии амирони манғитӣ қарор гирифт.

Вазъи сиёсиву иҷтимоии Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX, яъне замони салтанати амирони манғитӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос ёфтааст. Муҳаммадвафои Карминагӣ, ки аз таърихнависони дарбори Раҳимбий буд, дар асари худ «Туҳфату-л-хонӣ» таърихи Бухороро дар замони салтанати Муҳаммад Раҳимбий инъикос кардааст. Дар ин асар замони салтанати Абулфайзхон, сабабҳои ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Бухоро, роҳ ёфтани Муҳаммад Раҳимбий ба хидмати Нодиршоҳ, ба сари ҳокимияти Бухоро омадани ӯ ва дигар масоили таърихӣ ба таври васеъ қайд мегардад.

Мувофиқи ахбори Муҳамадвафои Карминагӣ пас аз чор соли вафоти Нодиршоҳ Абулфайзхон бештар ба айшу ишрат машғул шуда, аз уҳдаи идораи Бухоро баромада наметавонист ва бо ин сабаб саркашиву туғён дар Бухоро зиёд шуд... [49,66-67] Муаллиф таърихи ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Муҳаммад Раҳимбий, лашкаркашиҳои ӯро ба шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр ва мустаҳкам намудани ҳокимиятро дар Бухоро инъикос намуда, мефармояд: «Чун сиккаи

иртифоъи давлати амири номдор аз кӯраи сад ҳазор хавфу изтироб солим аз ғиллу ғаш баромад ва пойи ҳаводиси айём дар домони сукунату истиқрор мутмаину барқарор гардид ва хотири хатири аҳоливу умаро, ба соири маволиву фуқаро аз занги малоли муҳорабаву ҷидоли фирқаи қизилбош ва инқилоби давлати хоқонӣ ва таворуду масоиби явмия ҷилопазиру софӣ аз қадар гашт, амири комгори соҳибшавкату эътибор алтофи баландпоя ва мароҳими гаронмояро шомили ҳоли харобии мамлакат ва ҷабри нақоиси сипоҳу раият гардонид» [49,127].

Ҳамзамон дар ин асар омадааст, ки асҳоби дувалу мукнатро ба қадри маротиби дарбори султонӣ ба маносиби арҷманд махсусу мусаллам сохт ва арбоби ваколату вазоратро ба умури девонӣ ва муҳиммоти саркорӣ номзад фармуда, раъоёву фуқароро аз аҳли саноеу ҳирфат ва аз мардуми даҳоқину зироат ба муктасаботи зарурия ва хавоиҷи лобудияи эшон фармон дод. Оғози басотини ин мамлакати абтар аз роиҳаи илтифот ва эҳтимоми ӯ рӯйи таваҷҷӯҳ ба назорат оварда ва анҷоми гулистони ин вилояти бепову сар аз юмни қудумаш чеҳраи омол ба ҷониби шукуфтагӣ кард [49,127]. Аз сабаби он ки муаллиф побанди дарбори манғития буд, то ҷое метавонист Раҳимбиййро таърифу тавсиф ва лашкаркашиву ғоратгариҳояшро аз ҷумлаи тадбирҳои дуруст дар роҳи мустаҳкам намудани давлатдорӣ медонист.

Дар асари «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Олимхоҷа ибни Саидхоҷа Муширифи Бухороӣ, ки тавре зикр кардем дар бораи таърихи амирони манғитӣ аз манбаъҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва ба хотири инъикоси таърихи амирони манғитӣ таълиф шудааст, замони салтанати Муҳаммад Раҳимбий зикр нашуда, ҳаводиси таърихии ин замон дар ин рисола аз замони ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Шоҳмурод оғоз мешавад. Муширифи Бухороӣ дар охири асараш ишора менамояд, ки ӯ таърихи амирони манғитиро аз замони Дониёл атолиқ оғоз кардааст: «Ахбори подшоҳони Бухорои шариф аз тираи манғити Бухоро, ки

салтанат карданд, аз Донёл- оталиқ то амир Олимхон, ки ҳафт нафар шоҳӣ карданд...» [50,589б] Яъне, муаллиф Дониёл атоликро нахустин шоҳи манғитӣ зикр кардааст. Мутаассифона, дар нусхае, ки мо дастрас намудем, сафҳаҳои дар хусуси ҳукмронии Дониёл бахшидашуда аз китоб канда шудаанд.

Донишманд, мунаҷим ва таърихнависи дигари тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш, ки тавре зик кардем асари таърихие таҳти унвони «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» навиштааст ва дар он таърихи ҳукмронии амирони манғитиро инъикос кардааст, ба монанди Мушрифи Бухоройӣ заминаҳои ба сари ҳокимият омадани сулолаи манғития ва ҳукмронии Муҳаммад Раҳимхонро дар Бухоро зикр накардааст. Тибқи ахбори дигар манбаъҳо нахустин саромади сулолаи манғития Муҳаммад Раҳимбий мебошад, ки тасдиқи илмии худро ёфтааст. Пас, суоле ба миён меояд, ки чаро Мушрифи Бухоройӣ ва Аҳмади Дониш, ки маҳз ба навиштани таърихи амирони манғитӣ машғул шудаанд, аз Муҳаммад Раҳимбий ёдовар нагаштанд. Эҳтимол меравад, ки Мушрифи Бухоройӣ ва Аҳмади Дониш аз ин воқеа бохабар буданду, ба хотири он ки Раҳимбий падари Дониёл набудааст, аз ин сабаб аз зикри салтанати ӯ худдорӣ намудаанд.

Бино ба ахбори Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ Нодиршоҳи Афшор баъд аз сафари Ҳиндустон, соли 1153, мувофиқ ба соли 1740 мелодӣ ҷониби Мовароуннаҳр ҳаракат кард ва Ҳаким атолиқ бинни Худоёр атолиқи манғит, ки аз шахсони бонуфузи дарбори Абулфайзхони Аштархонӣ буд, ба Нодиршоҳ номаи итоат навишта, писари худ Раҳимбийро бо пешкашҳо ба назди ӯ фиристод [3,7]. Тибқи ахбори Садриддин Айнӣ, Раҳимбӣ ба хидмати Нодиршоҳ қабул шуда, ба Эрон рафт, аммо ҳангоми сар задани шӯриш дар Каттақурғон бо роҳбарии Ибодуллобӣ бар зидди Абулфайзхон бо супориши Нодиршоҳ ба Бухоро омада, шӯришро пахш карда, соли 1747 Абулфайзхонро дар Бухоро ба қатл расонда, ҳокимиятро ба даст гирифт. Нодиршоҳ аз ин

воқеа огоҳ шуда, ба Бухоро лашкар фиристод, аммо бо сабаби марги ӯ лашкар ба қафо баргашта [3,10], Бухоро дар дасти Раҳимбийи манғит қарор гирифт. Раҳимбий писари 9-солаи Абулфайхон Абдулмуъминро ба хонӣ бардошта, корҳои идораи давлатро дар дасти худ гирифт. Каме дертар Абдулмуъминро низ ба қатл расонда, ба ҷойш писари хурдии Абулфайзон Убайдуллоро гузошт. Соли 1753 ӯро низ ба қатл расонида, ба ҳукмронии Аштархониён расман хотима ва ба ҳукмронии сулолаи манғитӣ асос гузошт. Пас аз ин ӯ тайёрии ҳарбӣ дида, солҳои 1750-1752 чанд маротиба ба Балх, Шибирғон, Андхой, Бадахшон ва Маймана лашкар кашид [88, 297]. Ҳамчунин ба муқобили ҳокимони Уротеппа, Хуҷанд ва Ҳисор ҳуҷум карда, соли 1754 Ҳисорро дар тобеияти Бухоро даровард. Муҳаммад Раҳимбий соли 1758 вафот кард.

Тавре ишора рафт, Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш дар хусуси таърихи Бухоро дар замони салтанати Муҳаммад Рахимбий маълумоти чашмрас надодаанд. Муҳаммадвафои Карминагӣ ҳарчанд таърихи ин даврaро ба таври васеъ инъикос карда бошад ҳам, ба Муҳаммад Раҳимбий бештар таваҷҷуҳ намуда, масоили таърихиро воқеъбинона нишон дода натавонистаанд. Дар ин ҷода ахбори Садриддин Анӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ба ҳақиқат наздиканд.

Соли 1758 пас аз вафоти Муҳаммад Раҳимбий Дониёл атолиқ ба сари ҳокимияти Бухоро омад. Мутаассифона, ахбори Мушрифи Бухороӣ дар хусуси таърихи ба сари ҳокимият омадани Дониёл атолиқ мавҷуд нест. Аҳмади Дониш низ дар ин бора ишора намекунад. Бино ба тайиди дигар манобеи таърихӣ, хусусан «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»- Садридин Айнӣ пас аз вафоти Раҳимбӣ Дониёл атолиқ набераи духтарии Раҳимхон Фозилтураи шашсоларо ба хонӣ бардошта, ҳукуматро аз номи вай идора мекард. Дертар ӯ Фозилтураро ҳокими Қаршӣ таъин карда, ба ҷояш Абдулғозихон набераи Абулфайзхонро нишонда [3, 12], корҳои сиёсии ҳукуматро ба дасти худ гирифт.

Аҳмади Дониш бо ишора ба умури давлат дар замони салтанати Дониёл менигорад, ки ҷабру зулм болои мардум фа фасодкориву ришвахӯрӣ дар ин давра ниҳоят зиёд буд. Ба андешаи ӯ Дониёл, ки хеле пир шуда буд, бо сабаб аз ин гуна ҳодисаҳо бехабар монда буд. [13, 20].

Ҳақиқат ин аст, ки дар ин давра аз сабаби ноуҳдабароии Дониёл ҳокимони маҳаллӣ ба саркашӣ оғоз намуда буданд. Инчунин, ҷиноятҳои аҳли дарбор ба хотири манфиатҳои худ ба парокандагии феодалӣ қувват бахшид. Дар натиҷа Балх мустақилият ба даст овард. Фарғона бошад, дар аввал ба мулки ниммустақил ва сипас мустақил шуда, ба хони Хуқанд табдил ёфт. «Мулкҳои кӯҳистоние, ки дар сарзамини кунунии Тоҷикистон, аксаран навоҳии Ҳисору Кӯлоб воқеъ гардида буданд, аз давраи салтанати Ҷониён дар амал ҳамчун мулкҳои ниммустқил боқӣ монда, аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ идора мешуданд. Мулки Ӯротеппа ҳам, ки саргаҳи Зарафшон –аз Панҷакент то Мастчоҳ ҳамоно дар ҳайати он буд, истиқлолияти худро нигаҳ медошт» [77, 90].

Дониёл 38 сол идораи ҳукумати Бухороро дар дасташ нигоҳ дошта, соли 1800 вафот кард. Ҷойгузини ӯ - писараш Шоҳмурод ба тахти Бухоро нишаст.

Таърихи Бухоро дар давраи ҳукмронии Дониёл дар рисолаи Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ нисбатан равшан ба назар мерасад. Мушрифи Бухороӣ бо вуҷуди он ки ҳаводиси сиёсии замони салтанати амир Шоҳмуродро хеле хуб ба қалам додааст, аммо аз овони ҷавонӣ ва наврасии Шоҳмурод гузориш надодааст. Мирзо Абдулазими Сомӣ бештар, ки ӯ низ ба навиштани таърихи амирони манғитӣ машғул буд, таърихи ҳукмронии Шоҳмуродро ба монанди Мушрифи Бухороӣ аз лаҳзаи ба сари ҳокимият омаданаш оғоз намуда, доир ба давраи наврасӣ ва ҷавониаш маълумоти амиқ наовардааст. Тибқи маълумоти дигар манобеи хаттӣ Шоҳмурод ҳанӯз дар ҷавонӣ бо либосҳои фақирона ва одӣ дар кӯчаҳои Бухоро гашта, ба ин восита кӯшиш мекард худро дар назари мардум шахси хоксору

тақводор вонамуд кунад ва ба ин восита эътимоди мардумро ба даст орад. Ин масъаларо устод Садриддин Айнӣ дар рисолааш «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» мунъакис карда, сабабҳои чунин рафтори Шоҳмуродро нигоштааст: «Шоҳмурод пеш аз он ки дар сарири ҳукмронӣ нишинад, ҳамаи ин нукотро ба мулоҳаза гирифта, дар омода кардани асбоби рафъи ин ғавоил мекӯшид. Бинобар ин…ки эшон ва шайхро аз шиддати ихлос ва ақида, гӯё ки мепарастиданд, ба тарафи худ ҷалб намуд. Дар масъалаи зуҳд чунон ғулув карда шуд, ки дар айёми падар чун бепадарони ятими мискин сарупобараҳна мезист» [3, 15].

Бино ба санади Мушрифи Бухоронӣ Шоҳмурод соли 1208 (1794) ба соҳибтахтӣ расидааст [50, 589б], ки ба ҳақиқат рост намеояд. Тибқи назари Мирзо Абдулазими Сомӣ соли 1199 ҳ (мувофиқ ба соли 1785) Шоҳмурод ба тахти Бухоро соҳиб шуд, [43, 124] ин ба ҳақиқат наздиктар аст. Зеро баъди вафоти марги Дониёл дар соли 1785 Шоҳмурод, ки фарзанди калонии вай буд, соҳиби тахти Бухоро гашта, худро амир эълон кард. Ин маънои даст кашидан аз унвони хониро дошт. [88, 298]. Аммо тарзи зиндагӣ ва одатҳои фақирона гаштани худро дигар накард. [89, 123].

Мушрифи Бухоронӣ бо ишора ба ислоҳоте, ки Шоҳмурод дар солҳои аввали ҳокимиятдориаш анҷом дода, бо таваҷҷуҳ ба ӯ менавсад: «Ҳангоме ки шоҳ шуданд,-менависад муаллиф- золимон ва муфсидонро оварда, аз дорҳо овехтанд, то ибрати оламиён гардад ва ҳар кори хилофи шаръӣ, ки буд, манъи балиғ намуда, аҳли онро оварда мувофиқи шаръи шариф баъзеро кушта ва баъзеро тағриз карда ва гоҳеро ҳабс фармуда. Ва ҳар ҷо ки ҳокимон ва коркунон ба фуқаро зулм ва зачр мекард, ба ҷазо расид ва ба ҷои онҳо мардумони худотарс насб фармуда, васият мефармуданд, ки ба миқдор дарҳаме ба роаё зарарро раво надоранд» [50, 590б].

Дигар муаррихони ин давра, хусусан Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ба Мушрифи Бухоронӣ дар ин масъала ҳамфикр буда, ин ҳодисаро ба тарзи дигар баён намуданд. Маслан, А. Дониш ишора мекунад, ки Шоҳмурод бар зидди ришвахӯрон фасодкорон ҳатто дар замони зиндагии падарш мубориза мебурд ва бо ин сабаб чанде аз мансабдоронро низ ба қатл расонидааст. [13, 23]. Сабаби ин рафтори гӯё ҳақиқатҷӯёнаи амир Шоҳмуродро устод Садриддин Айнӣ воқеъбинона кушодааст. Бино ба иттилои ӯ ин гуна адолатпешагии Шоҳмурод на ба хотири аз байн бурдани фисқу фасод, балки ба хотири ба даст овардани нуфуз дар байни мардум ва рӯҳониёни ислом буд. Айнӣ қайд менамояд, ки «Шоҳмурод баробари ба сари ҳокимият омаданаш қозиюлқуззот Сайид мир Низомиддинхоҷаи қозикалонро дар таҳти дарвозаи арки Бухоро, ба ҳузури умум пушт бар замин хобонида, мех ба шикамаш зада кушт» [3, 15-16]. Сабаби ба қатл расонидани қозиюлқузот гӯё дар ришвахуриву фасодкории ӯ будааст. Аммо ин ҳақиқат надорад. Ба андншаи мо ба қатл расонидани қозиюлқузот кинаи дерини Шоҳмурод бо ӯ будааст.

Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоронӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ оид ба масъалаи дар боло зикршуда аз ҳад беш ба Шоҳмурод таваҷҷуҳ намуда, ба муболиға роҳ додаанд. Аммо чунин як воқеаи тасвирнамудаи Садриддин Айнӣ бар хилофи онҳо ишора менамояд, ки Шоҳмурод на ин ки бо мақсади ришвахӯрӣ ва фасодкорияш қозиюлқузотро ба қатл расонид, балки ӯро бо ин ҷурм айбдор карда, худро дар чашми мардум ҳамчун шахси адолатпешаву ростқавл нишон дод. Маҳз бо ҳамин мақсад бисёр аз мансабдоронро аз вазифа озод карда, масҷиду мадрасаҳо бунёд намуд ва ба онҳо талабаҳои улум ва синфи уламоро таъин кард.

Мувофиқи иттилои Мушрифи Бухоронӣ Шоҳмурод дар давраи ҳукмронии худ барои адолат ва амалҳои нек фарзи айни форсӣ ва дигар масоили диниро ба забони форсӣ ба роҳ монда, ба раиси Бухоро

мефармояд, ки ҳар пагоҳ намози фаҷрро дар як масҷид хонанд ва мардумро ба фарзу айнхонӣ руҷуъ кунонанд. Ҳамчунин, сӯфиён мардумони ҳар кӯчаву маҳалро ба рӯйхат гирифтаанд, ки ҳар касе дар вақти намоз ба масҷид намеомад, ӯро таъзир медоданд [50, 592]. Аҳмади Дониш низ дар ин масоил ба Мушрифи Бухоройӣ ҳамфикр буда, қайд менамояд, ки «амири маъсум ҳам дар айёми шоҳзодагӣ ва давлати падари худ, ҳама завоиду бидаъ ва олуқу солуқро аз рақбаи халқ бардошта, нашри муосири адлу эҳсон намуд ва аксар душманони дину давлатро қаҳр кард. Ба масҷидҳо имому муаззин ва ба хонақоҳ машоих ва ба мадрасаҳо мударрис насб намуд...» [13, 23]. Аммо Садриддин Айнӣ ҳукумати Бухороро дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод дар ҳоли харобӣ зикр карда, мефармояд, ки «ҳар амирро дағдағаи сардорӣ дар дил ва ҳар вазирро савдои шаҳриёрӣ дар сар буд, бинобар ин сохти мамлакат ҳеҷ гоҳ аз фитна ва ошӯб эмин намебуд» [3, 15].

Ба андешаи мо ҳақиқат ин аст, ки Шоҳмурод бо риёкориҳои худ таваҷҷуҳи бисёр аз уламои динӣ ва мардумиро ба худ ҷалб карда буд ва баробари ба сари ҳокимияти Бухоро омаданаш ба хотири аз байн бурдани норозигиҳои мардум, ки дар вақти ҳукмронии падараш сар зада буданд, ба корҳои шаръӣ машғул шуда, ба ин васила мардумро ором намуд. Ҳамчунин, дар корҳои дохилии кишвар ислоҳот ворид карда, андозҳои шаръиро (ба ғайр аз хироҷ ва закот) бекор кард. Деҳқононро як дараҷа аз зарру тааддӣ халос карда, хироҷ ва молиёти подшоҳиро низ аз деҳқон ба ҳадди ақал ситонида, дар зироат ба хубӣ ёрӣ медод. [3, 16] Аммо ба ивази ин андози аз шахсони ғайримусулмон бударо хеле зиёд кард [77, 92].

Дар хусуси қаноатпешагиву парҳезгории Шоҳмурод Мушрифи Бухоройӣ мефармояд, ки ҳаррӯза аз пули ҷазя ду дирам ба қавле дуюним дирҳам гирифта ба ҳавоиҷашон сарф мекарданд ва хӯроки он ҷаноб ярма ва мошоба будааст. Як пӯстини чиркин доштаанд [50, 593]. Ҳамин маънӣ дар рисолаи Сомӣ ва С. Айнӣ низ зикр шудааст ва онҳо илова

менамоянд, ки «тамоми либосҳои ӯ 12 дирҳам арзиш доштанд» [3, 16]. Ба андешаи мо Шоҳмурод ин ҳама амалҳоро сохтакорона анҷом медод. Гумон аст, ки чунин як амири манғитӣ ба ин ҳад парҳезкору қаноатпеша бошад. Зеро дигар амалҳои ӯ, ки дар поён зикр хоҳем кард, мачрои андешаро дар хусуси парҳезкориву қаноатпешагии ӯ ба самти дигар мебарад.

Шоҳмурод дар давраи ҳукмронии худ ба шаҳру навоҳии атрофи ҳокимияти худ чандин маротиба лашкар кашидааст. Аммо на ҳамаи ин воқеаҳо дар манобеи хаттӣ зикр шудаанд. Мирзо Абдулазими Сомӣ танҳо аз лашкаркашии Шоҳмурод ба Қизилбошӣ ёдовар шуда, мефармояд, ки баъд аз ин лақаби «Ғозӣ»-ро гирифт: «Подшоҳи мазкур чанд бор дар болои Қизилбошӣ лашкарбурда, ...уламо ғазо ва ҷиҳод карда, муллақаб ба «Ғозӣ» шуд» [43, 125]. Назар ба маълумоти Аҳмади Дониш бо нияти ғазо чандин маротиба то хоки Теҳрон ҳуҷум намуда, дар ҳар дафъа қатлу куштори шиаҳо менамуд [13, 26]. Тибқи маълумоти Муширифи Бухороӣ Шоҳмурод баъди аз байн бурдани фисқу фасод лашкар ороста, ба Миёнколои Бухоро, ки хитойи қипчоқ (қарахитоӣ) тасарруф карда буданд, лашкар кашида, ин мавзеъро пурра ба ихтиёри худ даровардa, ба ҷониби Хуқанд, Ҳисор, Кӯлоб, Шаҳрисабз ва Марв таваҷҷуҳ фармуда, онҳоро ба тасарруфи худ даровард. Ҳамзамон, дар идома менигорад, ки аммо марвиён боз ёғӣ мешуданд ва боз подшоҳи жуфта мегирифтанд. Охар нашуд фармуданд, ки калонони марвиёнро рӯйхат карда гирифта, ҳамаро кӯчонида Бухоро биёранд [50, 590б]. Муаллиф аз шумораи асирони Марв ва соли сар задани воқеаҳо, сабабҳои ҳуҷуми Шоҳмурод ба шаҳрҳои зикршуда, инчунин дигар ҷузъиёти воқеаҳо сарфи назар кардааст.

Бояд гуфт, ки муаллифони зикршуда аз асли мақсаду ҳадафҳои Шоҳмурод огоҳ набуда, ба ин сохтакориҳои ӯ боварӣ ҳосил намуда, ифтихор ҳам мекарданд. Вале Садриддин Айнӣ аз асли ҳадафҳои Шоҳмурод огоҳ буда, оид ба ин масъала дар рисолаи худ «Таърихи

салтанати амирони манғитияи Бухоро» ишора менамояд, ки сипоҳи ӯ ба тохту тороҷ унс гирифта, ҳар сол бо номи ғазои «қизилбош» диёри Хуросонро то Машҳад хароб ва поймол мекарданд [3, 16]. Бо вуҷуди он ки баъзе аз амирони Хуросон бо ҳадя ва пешкашҳо ба амир Шоҳмурод аҳд баста, мардуми шаҳру навоҳии худро аз сипоҳи Шоҳмурод эмин нигоҳ доштанӣ мешуданд, аммо Шоҳмурод ба ин ҳама аҳду мушовараҳо нигоҳ накарда, аҳдшиканона ба онҳо ҳуҷум мекард. Нафароне, ки дар натиҷаи ин ҷангҳо асир меафтиданд, бо пешниҳоди ҳадяҳо озод мешуданд ва ё дар бозори ғуломфурӯшии Бухоро, ки дар давраи худи Шоҳмурод ба вуҷуд омада буданд, фурӯхта мешуданд.

Садриддин Айнӣ аз ҳуҷуми Шоҳмурод ба Марв ёдрас шуда, зикр менамояд, ки шаҳри Марв ва атрофаш дар аҳди амир Шоҳмурод чунон хароб шуд, ки иборат аз як дашти регзор гардид [3, 17]. Қайд кардан ба маврид аст, пеш аз ҳуҷуми Шоҳмурод ба Марв ҳокими он Байрамалӣ бо ӯ ҷиҳати амнияту субот аҳд карда буданд. Аммо Шоҳмурод ҳангоми ҳуҷум ин ҳамаро фаромӯш карда, ҳатто худи Байрамалиро ба қатл расонид. Байрамалӣ дар давраи ҳукмронии Дониёл бо пешниҳоди ҳадяву туҳфаҳо шаҳри худро аз ҳуҷуми Дониёл ҳифз мекард. Дониёлбӣ ба қавли худ истода, ба ин шаҳр ҳуҷум намекард, балки Байрамалиро яке аз шахсони наздики худ қабул карда буд. Аз ин маълум мешавад, ки Шоҳмурод нисбат ба падараш хунхортару ғоратгар будааст.

Ба андешаи мо лашкаркашиҳои Шоҳмурод ба дигар шаҳру минтақаҳо дар сарчашмаҳои таърихии зикршуда чандон воқеъбинона инъикос наёфтааст. Ҳақиқат ин аст, ки Шоҳмурод баъди ба сари ҳокимият омаданаш дар соҳаи низомӣ ислоҳот ворид намуда, дар артиш интизоми сахттарро ҷорӣ ва ба ҳар як қисм мулло таъйин кард [88, 300]. Пас аз ин сиёсати берунии худро ҷорӣ намуда, бо истифода аз вазъи ногувори Эрон ба муқобили он ҷанг эълон кард [89, 123]. Соли 1784 ба Марв лашкар кашида, ҳокими он Байрамалиро ба қатл расонид ва писари ӯро бо 30 ҳазор шиаи марвӣ ба Бухоро овард. Соли 1796-1797

ба муқобили Темуршоҳи афғон, ки барои гирифтани Балх омада буд, мубориза бурда, ӯро шикаст дод. Ҳамчунин, зимни ҳуҷуми Атахони Эронӣ ба Машҳад бо хоҳиши ҳокими Машҳад 20 ҳазор нафар аз сипоҳиёни худро фиристода, худ бо гурӯҳи дигари сарбозонаш дар назди дарёи Таҷан қарор гирифт, ки Атахон баъд аз дидани чунин омодагиҳо ба қафо баргашт [79, 464].

Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухороӣ дар бораи ҳаёти минбаъдаи Шоҳмурод маълумот надодаанд. Назар ба ахбори Аҳмади Дониш Шоҳмурод «дар охир аз ин шева низ мутақоид гашта, ба тоати Офаридгори таъоло машғул шуд [13, 26]. Садриддин Айнӣ бошад, тамоми амалҳои ӯро ба назар гирифта, хулоса мебарорад, ки «Ба ҳар ҳол Шоҳмурод беҳтарин ва одилтарин подшоҳони манғитии Бухорост. Ба эътибори ин ки як мамлакати парешонро ба интизом дароварда, бесобиқаи ҳуқуқ подшоҳиро ба силсилаи худ барқарор кард, «доҳии асри худ буд» гӯем, равост»... Аммо табъан аз соири амирони манғит ҳеҷ фарқ надошт. Ба хоҳиши ин табиат Марвро хароб ва аҳолиашро парешон кард ва шоҳзодагони нодирро бе муҷибе кушт. Аҳолии Зомин, Хавос, Хуҷанд ва Ӯротеппаро ҷилои ватан кард» [3, 23]. Ӯ соли 1800 дар арки Бухоро аз дунё даргузашт.

Пас аз омӯзишу таҳлил ба хулосае омадан мумкин аст, ки Шоҳмурод «риёкорона қиёфаи дарвеши порсоро ба худ гирифта, таассуби диниро ривоҷ медод ва аз он ба мақсади ҷорӣ намудани сиёсаташ истифода менамуд» [77, 93]. Ҳамчунин, ӯ се маротиба ба шаҳру навоҳии ҳамҷавор лашкар кашид, ки дар натиҷа бисёр аз шиамазҳабони Марвро ба қатл расонида, 30 ҳазор нафар аз онҳоро ҳамчун асир ба Бухоро оварад.

Ҳамин тариқ, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухороӣ дар инъикоси ҳодисаҳои таърихии Бухоро дар замони ҳукмронии Шоҳмурод ба ӯ бештар таваҷҷуҳ намуда, вобаста ба мавқеи иҷтимоии худ ҳақиқати таърихиро ошкоро нагуфтаанд. Дар ин

ҷода баҳои Садриддин Айнӣ нисбат ба дигар манбаъҳои хаттӣ ба ҳақиқат наздиктар аст.

Бино ба тайиди Мушрифи Бухоройӣ пас аз марги Шоҳмурод писараш амир Сайидбаҳодур султон ба тахти аморат соҳиб шуд. Аммо муаллиф аз санаи ба вуқуъ омадани ин рухдод ва дигар ҷузъиёти ин ҳодиса маълумот намедиҳад. Аз ахбори дигар манобеи хаттӣ, хусусан "Рисола ё маухтасаре аз таърихи салотини хонадони манғитияи А. Дониш бармеояд, ки ба тахт нишастани Ҳайдар ба явми якшанбе, чордаҳуми рачаби соли 1215 (мувофиқ ба 2 декабри соли 1800) [13, 30] ва ба ахбори Мирзо Азими Сомӣ ба соли 1216 [43, 126] рост меояд. Аммо муаррихони зикршуда аз ҷузъиёти ин воқеа хабар надодаанд. Садриддин Айнӣ бошад, қайд мекунад, ки баъди даргузашти Шоҳмурод марги ӯ аз ҷониби вазираш Уткурсуфӣ ва қозӣ Мирзо Фузайл пинҳон дошта шуда, ба валиаҳди салтанат-Ҳайдар, ки волии Қаршӣ буд, хабар доданд. Дар ҳамин вақт Умарбӣ, Маҳмудбӣ ва Фозилбӣ, ки аз бародарони Шоҳмурод буданд, ба арки Бухоро ҳуҷум карданд. Мирзо Фузайл ва тӯпчибошӣ Муҳаммадамин ба мардуми шаҳр эълон карданд, ки амир ба тороҷи хона ва амволи Умарбӣ, Маҳмудбӣ ва Фозилбӣ иҷозат додааст. Дар ин ҳолат Умарбӣ ба тарафи Миёнкол, Маҳмудбӣ ва Фозилбӣ ба тарафи Кармина фирор карданд. Ҳайдар баъди се рӯзи вафоти Шоҳмурод ба Бухоро омада, ба тахт нишаст. Ӯ дар такя ба китоби «Таърихи Туркистон» соли вафоти Шоҳмуродро ба соли 1215 ҳ.қ. нисбат дода, ишора менамояд, ки баъд аз се рӯзи ин воқеа амир Ҳайдар ба тахт нишаст [3, 22].

Мушрифи Бухоройӣ дар такя ба ахбори дастраскардааш замони ба сари қудрат расидани Ҳайдарро ба таври умумӣ инъикос карда, аз соли рух додани ин воқеа ва ҷузъиёти дигари он бехабар мондааст. Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ, гарчанде ки соли ба тахт нишастани амир Ҳайдарро зикр кардаанд, аммо ба монанди Мушрифи Бухоройӣ аз инъикоси ҷузъиёти он сарфи назар намуданд. Бинобар ин,

ақидаи Садриддин Айнӣ нисбат ба маълумоти дигар сарчашмаҳои таърихӣ мукаммал ва боиси эътимод аст.

Мушрифи Бухоройӣ бо назардошти ҳукумати Ҳайдар қайд кардааст: «Дар баёни амир Саййидбаҳодур Султон манқул аст, ки ин ҷаноб бинобар саъйи амир ҷаннатмакон бисёр буданд. Рӯзе, ки шоҳ шуданд, дар болои арки Бухоро дарсгӯӣ сар карданд ва толибони илм ҷамоа- ҷамоа баромада дарс мехонданд ва ба ҷиҳати таъзим ва тавқири шоҳӣ гуфтаанд, чунон шогирд ва дарсшунав бисёр буданд, ки подшоҳ ба маслиҳати мамлакат намепардохтанд ва мардумони сипоҳӣ ва бузургони мулк ҳарчанд ба арзи амир мерасониданд, мақбул намегардид ва муҳим мусалмононро ба қадри зарур мепурсиданд» [50, 594б]. Тибқи иттилои ин сарчашма Ҳайдар дар ҳолати набудани дарс шабҳо ба намозхонӣ, хондани дигар китоб ва ё тиловати Қуръон машғул мешуд. [50,594б]. Ҳамзамон, ин манбаъ иттилоъ медиҳад, ки амир Ҳайдар баъзе шабҳо олимонро ба баҳси илмӣ даъват намуда, ба онҳо шахсан худаш оби таҳорат мегирифтааст: « ...оби таҳорати он азизонро худ бо будани подшоҳзодагӣ муҳайё ва омода мекарданд ва олимон дар ҳаққи он ҷаноб бисёр дуо мекарданд» [50, 595б].

Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ дар ин бора ба Мушрифи Бухоройӣ ҳамфикр мебошанд. Аҳмади Дониш бо ифтихор қайд менамояд, ки ҳангоми осудагӣ амир Ҳайдар дар болои арки Бузхоро ба дарсгӯӣ машғул мешуд, ки аъёну ашрофи Бухоро иштирок ба баҳс мекарданд. Назар ба андешаи ӯ ин гуна ҳукуматдорӣ дар таърих бори нахуст сурат гирифта, ислом рушд карда, мардуми зиёд ба бухоро барои таҳсил меомад. [13, 31]. Аммо ба навиштаи Садриддин Айнӣ ин ҳодиса баръак буд. Амир Ҳайдар, ки таҳсилкардаи мадрасаҳои Бухоро ва Қаршӣ буд, худро бисёр донишманд гумошта, ба дарсгӯӣ машғул мешуд, ки дар дарсҳои ӯ олимон ва толибилмоне, ки бисёрашон ахлоқи хуб надоштанд, ба дарсҳои вай мешитофтанд. [3, 23].

Муширифи Бухорои, Мирзо Азими Сомӣ ва Аҳмади Дониш дар инъикоси ин масъала бештар ба муболиға роҳ дода, бо таваҷҷуҳ ба ин амири манғит ҳақиқати таърихӣ ва кирдорҳои пасипардагии Ҳайдарро пинҳон доштанд. Аз ҷумла, ӯ бисёр бадахлоқ буда, ба хотири ҳиси шаҳвонии худ, ҳар духтареро, ки маъқул мекард, иҷборан ба никоҳ дароварда, пас аз як рӯз талоқаш медрд. Ин гуна рафторҳои ӯро Садриддин Айнӣ дар мисоли як воқеае, баён менамояд, ки хеле таассуфовар аст. С.Айнӣ менависад, ки вақте Замоншоҳ-подшоҳи Афғонистон дар мубориза бо бародараш мағлуб гашта, ба Бухоро фирор ва аз Ҳайдар паноҳ металабад, Ҳайдар иҷборан духтари 14-солаи ӯро хостгорӣ ва ба занӣ мегирад [3, 27]. Ин ҳодиса шаҳодат медиҳад, ки воқеан ба аҳкоми шариати ислом риёкорона рафтор карда, ба хотири манофеи худ тамоми қавонини ахлоқӣ ва исломиро лағв мекард.

Муширифи Бухорои натиҷаи амали фосиқонаи амир Ҳайдарро нишон дода, менависад: «Мардумон диданд, ки ин ҷаноб ба мулкдорӣ ва тадбир ва машварати сипоҳӣ камтар руҷуъ доранд, аз ҳар ҷониб душманон сар баровардand ва ҳама мулкҳо, ки ғайри Бухоро буд, гирифтанд [50, 594б]. Ба ақидаи Аҳмади Дониш аз сабаби он ки иноятиҲайдар ба уламо бештар буд, умаро ба ӯ ба нифоқ зист мекарданд [13, 31]. Аммо ҳақиқат ин аст,ки Ҳайдар ба корҳои сиёсии мамлакат кам аҳамият медод, ки ин ба мухолифати ҳокимони маҳаллӣ ва кишварҳои ҳамсоя анҷомид. Аз рӯи маълумоти Муширифи Бухорои оварда, дар аҳди амир Ҳайдар душманон ба ғайр аз Бухоро дигар мулкҳоро забт карданд. Ин хулосаи худро тақвият бахшида, муаллиф чунин менигорад: «...ҳама мулкҳо, ки ғайри Бухоро буд, гирифтанд, як Бухоро маъа Чаҳорҷӯй ва он ҷониби Машриқ то Дизах ва ҷониби Қаршӣ то Ғурор баъд аз он Хитойи Қипчоқ муфсидон ба ҷиҳати ибрати ли-л-нозирин манорае тартиб диҳанд. Ҳасби ал-фармон аз сарҳои хитоиён манора тартиб доданд, ки ҳоло низ мебошад» [50, 594б]. Пас аз баёни ин

воқеа таъкид мекунад, ки душманон аз ҷониби Ҳайдар мағлуб карда шуда, ба ҷазо гирифтор карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки Муширифи Бухорої доир ба дигар корҳои сиёсӣ ва лашкаркашиҳои амир Ҳайдар маълумоти амиқ наовардааст. Ҳамчунин, Аҳмади Дониш низ аз инъикоси бисёр воқеаҳои ин давра сарфи назар кардааст. Садриддин Айнӣ нисбат ба Муширифи Бухорої ва Аҳмади Дониш ба фаъолияти амир Ҳайдар бештар диққат дода, диди онҳоро тақвият бахшидааст. Аз ҷумла, ӯ қайд менамояд, ки Ҳайдар баробари ба сари тахт омаданаш нахустин маротиба ба Каримина ҳуҷум карда, амакаш Фазлбийро бо аҳли оилааш ба қатл расонд ва амаки дигараш Маҳмудбий ба ҷониби Хуҷанд фирор намуд [3, 24]. Пас аз он ба ҷониби Самарқанд таваҷҷуҳ карда, бародараш Ҳусайнбийро ба асорат гирифта, аҳлу оилаи ӯро низ ба қатл расонд. Ӯ Уротеппаро низ дар тасарруфи худ даровард.

Дар давраи ҳукмронии Ҳайдар байни аморати Бухоро ва Хева муборизаҳо авҷ гирифт. Бо назардошти ин С. Айнӣ афзудааст: «Дар соли 1221 ҳиҷрӣ (1805 мелодӣ) хони Хева Элтузор ба атрофи Бухоро ҳуҷум оварда, қишлоқ ва қуроро тороҷ намуда, тақрибан 50 ҳазор гӯсфанд ва чанд ҳазор уштур ва соири мол ва мавоширо ба яғмо ва марду зани бисёреро ба асирӣ бурд. Дар аҳди амир Ҳайдар хони Хева чандин бор атрофи Бухороро тороҷ кард. Ба ин сабаб амир Ҳайдар бо сӣ ҳазор аскар ба ҷониби Хева неҳзат фармуд. Элтузор аз муқобала оҷиз омада, фироран дар наҳри Омуя маа як қисми қӯшуни худ ғарқ шуд» [3, 25].

Амир Ҳайдар дар аввали ҳукмронии худ бо мақсади бартараф кардани хавфи хатари душман ба Хева зарба зад. Лекин баъдтар, ба сабаби заиф гардидани аморати Бухоро, хонҳои Хева боз муттаасил ҳуҷум намуда, то девори пойтахт расиданд [77, 94]. Ҳамзамон, дар ин давра муборизаи байни Бухоро ва хонигарии Қуқанд барои шаҳрҳои Уротеппаву Хуҷанд муттасил сурат мегирифт. Хони Қуқанд Олимхон

(1800-1810) артиши доимамалкунанда ташкил кард, ки бештари ҳайати онро тоҷикони Мастчоҳ ва Қаротегину Дарвоз ташкил мекарданд [103,609]. Аммо соли 1806 дар Уротеппа амир Ҳайдар бо кӯмаки ҳокимони қазок ва Ташкент хони Қуқанд Олимхонро шикаст дода, Уротеппаро ба Бухоро ҳамроҳ кард [123, 164]. Соли 1810 амир Ҳайдар лашкар ҷамъ намуда [88,301], ба муқобили Хоразм 20 ҳазор сарбоз зери фармондеҳии Ниёзбек-парвоначӣ равон кард ва дар соҳили дарёи Омӯ хоразмиёнро шикаст дод [89,163]. Ҳамзамон, кашмакашиҳои феодалӣ ва ҷудоихоҳии ҳокимони вилоятҳо ба авҷи аъло расид. Қабилаҳои хитойқипчоқ ба ғорату сӯзондани деҳот пардохта, то ба мавзеи Боғчаи калони Кармина расиданд [79, 467], ки амир Ҳайдар бо кӯмаки ҳокимони Ҳисор ва Уротеппа онҳоро пароканда кард.

Бино ба назари Муширифи Бухороӣ ва Садриддин Айнӣ амир Ҳайдар 28 сол [50, 595б] ва мувофиқи гуфтаи Аҳмади Дониш 27 сол ҳукмронӣ намуда [13, 31], вафот кардааст. Аҳмади Дониш санаи марги Ҳайдарро ба чаҳоруми рабеъ-ул-аввали соли 1242 ҳ. (6 октябри соли 1826) дар синни 53 –солагӣ [13, 31] ва Садриддин Айнӣ ба соли 1244 ҳичрӣ (1828 мелодӣ) [3, 28] нисбат додаанд, ки ба андешаи мо далели Аҳмади Дониш оварда саҳеҳтар ба назар мерасад. Муширифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш аз макони дафни амир Ҳайдар ёдовар нашудаанд. Ба санади Садриддин Айнӣ амир Ҳайдарро дар дохили Бухоро ба ҷавори мазори эшони Имло ба мадрасае, ки Ҳаким қушбегӣ бино карда буд, дар як ҳуҷра дафн карданд [3, 28].

Ҳамин тавр, амир Ҳайдар пас аз 26 соли ҳукмронии худ дар соли 1826 вафот кард ва ҷасадашро дар ҳуҷрае аз мадрасаи Ҳаким Қушбегӣ ба хок супурданд. Аз ӯ ҳафт писар ва ҳашт духтар боқӣ монд. Аз ҷумлаи писарон се писари калониаш –амир Насрулло дар Қаршӣ, мир Умар дар Кармина ҳоким буданд.

Бино ба таъиди тамоми манобеи таърихӣ баъд аз вафоти амир Ҳайдар (1800-1826) ду писари ӯ Ҳусайн ва Умар пайи ҳам ба тахти

Бухоро нишастаанд, вале дер ҳукмронӣ карда натавонистанд. Мушрифи Бухороӣ дар рисолаи худ қайд менамояд, ки Ҳусайн шахси хоксор ва хушмуомила буда, касеро озор намедод, аммо ӯ баъди шаш моҳи ҳукмрониаш вафот кард [50, 595б]. Аҳмади Дониш низ дар асари худ ин масъаларо тасдиқ карда, ҳукмронии ӯро ду моҳу чаҳордаҳ рӯз [13, 32] ва Садриддин Айнӣ ду моҳу чанд рӯз [3, 29] тасвир намудаанд, ки ба андешаи мо ахбори Аҳмади Дониш нисбат ба санади Мушрифи Бухороӣ ва Садриддин Айнӣ ба ҳақиқат наздик аст. Ҳамзамон, Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш дар рисолаҳои хеш сабаби вафот кардани Ҳусайнро қайд накардаанд. Аз рӯйи навиштаи Садриддин Айнӣ бошад, ӯро ҳаким Қӯшбегӣ заҳр дода кушт [3, 29]. Эҳтимол меравад, ки Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш дар нигориши рисолаҳои худ аз ин воқеа бехабар буда, ба ахбори шунидаашон қаноат намуданд.

Тибқи иттилои Мирзо Абдулазими Сомӣ, Мушрифи Бухороӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ баъд аз вафоти Ҳусайн Умар ба тахт нишаст. Аммо Мушрифи Бухороӣ менигорад, ки амир Насрулло, ки аз Умар калон буд, мебоист ба тахт менишаст, бинобар ин баробари шунидани ба тахт нишастани Умар ба Бухоро ҳуҷум карда, шаҳрро муддати 40 рӯз [50, 598а-598б], аз рӯйи ахбори Мирзо Азими Сомӣ муддати 70 рӯз [43, 128] ва бино ба маълумоти Садриддин Айнӣ 72 рӯз дар муҳосира қарор дода, оқибат ҳаким Қӯшбегӣ, ки аз мансабдорони Умархон буд, дарвозаҳоро кушода, лашкари Насруллоҳ ба он ворид шуд [3, 29]. Аҳмади Дониш бошад, аз муддати муҳосираи Бухоро ва кушодани дарвозаи шаҳр аз ҷониби ҳаким Қӯшбегӣ ёдовар нашудааст.

Бино ба навиштаи Мушрифи Бухороӣ баробари ба шаҳр ворид шудани Насрулло Умархон ба Хуқанд фирор карда, дар он ҷо аз ҷониби шахсони номаълум ба қатл расонида шуд [50, 598а-598б]. Аҳмади Дониш бошад, дар хусуси марги Умархон ишора намекунад, вале ба маълумоти Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ шабе,

ки Умархон дохили Хуқанд мешавад, Хайруллобек бо дастури Насрулло ҳамон шаб ба назди ӯ расида, сарашро аз танаш ҷудо карда, ба амир Насрулло пешкаш мекунад [43; 3, 30]. Ба андешаи мо ин маълумот нисбат ба ахбори дигар манбаъҳо ба ҳақиқат наздик буда, эҳтимол меравад, ки Мушрифи Бухоронӣ ва Аҳмади Дониш аз ин воқеаҳо бохабар буданду онро пинҳон доштаанд.

Бо вуҷуди ин, дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки баъд аз вафоти Ҳусайн ҳирси ҳокимиятталабӣ дар ниҳоди ду бародари ӯ: Умар ва Насрулло боло гирифта, Умар аз Кармина ва Насрулло аз Самарқанд ба ҷониби Бухоро шитофтанд. Умар пеш аз Насрулло ба Бухоро расида, ба тахт нишаст. Насрулло, ки дар синну сол аз Умар бузургтар буд, худро вориси қонунии тоҷу тахт дониста, барои мубориза ба Умар тайёрӣ дид ва дар андак муддат ба Бухоро ҳуҷум карда, онро дар муҳосира қарор дод. Ҳаким Қӯшбегӣ ба Умар хиёнат карда, дарвозаи шаҳрро ба рӯйи Насрулло кушод. Умар ба ҷониби Хуқанд фирор намуда, аз ҷониби фиристодаи Насруллоҳ Хайруллобек ба қатл расонида шуд. Ҳамчунин Насрулло ҳаким Қӯшбегиро низ ба қатл расонид.

Соли ба сари ҳокимият омадани Насруло дар асарҳои Мушрифи Бухоронӣ ва С. Айнӣ ишора намешавад. Аҳмади Дониш бошад, ин ҳодисаро ба рӯзи панҷшанбе, салҳи рамазони санаи 1242 (1826) нисбат додааст [13, 33]. Аммо С. Айнӣ дар асари таърихии «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» марги амир Ҳайдар ва тахт нишастани писараш амир Ҳусайнро ба соли 1244 (1828) нисбат медиҳад [3, 39], ки ба андешаи мо чандон ба ҳақиқат наздик набуда, дар ин бора маълумоти Аҳмади Дониш боиси эътимод аст.

Бо вуҷуди ин, гуфтан мумкин аст, ки амир Насрулло соли 1826 ҳокимиятро дар Бухоро соҳиб шуд.

Мушрифи Бухоронӣ хабар медиҳад, ки Насрулло баробари ба сари ҳокимият омаданаш гунҳгоронро ҷазо ва мардумро дастгирӣ

намудан:«...аввал ҷаноби олӣ, баъд аз ин ки мардуми Бухороро ином ва иҳсон карда, он чӣ шарир ва муфсид буд, ба адам фиристода ҳамаро хурсанд ва розӣ фармуданд, иродаи Маёнкол ва Самарқанд карданд ва ба ҳар шаҳре, ки даромаданд, мардумони он шаҳрро аз сипоҳӣ ва омилон ва коркунону оқсаққолон - ҳамаро ином ва иҳсон карда ва бадонро танбеҳи балиғ фармуда мерафтанд то Самарқанд. Ва он ҷо низ ҳамаро марҳамат ва меҳрубонӣ карда, сипоҳ ва фуқароро розӣ ва шокир гардонида...» [50, 600б]. Ин ахбори ӯро Аҳмади Дониш низ тасдиқ карда, ба Мушрифи Бухороӣ ҳамфикр мебошад ва зикр мекунад, ки вақте ба сари қудрат омада, бетартибиро бартараф намуд. [13, 33]. Инчунин, вай менависад: «Боз ҷаҳон ранги тоза гирифт ва ин амир подшоҳе буд ботамкин ва қавидил ва маҳибу мудаббир. Дар айёми (давлату) ҳукумати худ касонеро, ки дар фитнаи элу улус машҳур шуда буданд ё ба амирони собиқ кӯрнамакӣ карда, ҳамаро қаҳру қатъ кард ва давлатхоҳони худро нек истимолат дод. Ва ба сулуки падар ривоҷи дину уламо» [13, 33] .

Садриддин Айнӣ бошад, баръакси Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш баробари ба сари тахт нишастани Насрулло хунхориву ҷоҳилии ӯро инъикос карда, мефармояд, ки амир Насрулло бо соири ақориб ва бародарони худ низ бераҳмона муомала кард: Забир ва Ҷаҳонгирро ба Чорҷӯй нафӣ карда, дар он ҷо ба қатл расонид. Умаро ва сарони сипоҳро низ қатл карда, амволашонро тороҷ намуд. Чунончи, ҳаким Қӯшбегиро ба ҷои ин ки навозиш кунад, хунашро рехт ва ҳол он ки қӯшбегии мазкур аз аввали кор барои таъмини подшоҳии Насрулло кушида буд. Исматуллобӣ Аёзбӣ ном бузургони аркони давлатро ба қатл ва мусодара расонд. Билхосса дар авохири аёми давлати худ ҳар ҳокими соҳибмукнатро қатл ва мусодара мекард [3, 30].

Аз маълумоти дар рисолаҳои зикршуда бармеояд, ки аз сабаби дар дарбори манғития хидмат кардани Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш мекарданд ва дар хусуси ҳукмронии Насрулло ахбори дақиқ

надоштанд, ҳақиқатро воқеъбинона инъикос карда натавониста, ба сиёсати Насрулло баҳои мусбӣ додаанд. Аммо аз диди мо ақидаи Садриддин Айнӣ оид ба ин масъала ба ҳақиқат наздиктар ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки Насрулло баробари ба сари ҳокимият омаданаш тамоми мансабдорони дарборро кушт. Аз ҷумла, баъди ба Бухоро даромаданаш Исматуллобиро, ки аз тарафдорони Умархон буд, бо писар ва панҷоҳ нафар аз сардорони сипоҳ, ки дарвозаро баста теғ кашида буданд, қатл кард [79, 149]. «Дар давоми як моҳи пас аз ҷулуси худ рӯзе 50-100 касро ба қатл мерасонид» [77, 96]. Ин хунхориҳои ӯ боис шуд, ки мардум ба ӯ «амири қассоб» ном ниҳоданд.

Муширифи Бухоронӣ дар рисолаи худ қайд менамояд, ки аз забони мардуми худи Шаҳрисабз камина шунидаам, ки мегуфтанд ҳеҷ асре монанди асри Баҳодурхон моён хурсанду арзонӣ ва сериву пурӣ намебудем, агар як сол наёянд моён ҳосилот ва пайдои сол омада эшонро намеёфтем, бо он ки дар вақти пухтани ҳосилоту биринҷи мо меомаданд ва ҳамаро мехӯрониданд [50, 613а]. Эҳтимол меравад, ки Муширифи Бухоронӣ ин «ҳақиқат»-ро хуб бофта ва ё аз нафаре шунидааст, ки аз ҳукмронии Насрулло манфиатдор будааст.

Аҳмади Дониш дар хусуси идораи ҳукумати Насрулло ёдрас мешавад, ки барои бақои давлати худ аксар тоҷику мардуми мусофирро бар сарири маносибу аъмол бароварда. Дар идома таъкид менамояд, ки ба ҳар кайф аз аҳволи умаро ва сипоҳ ва уламо хабардор буда, мартабан ҳоли ҳар касро фарохури он нигоҳ медошт ва бе иллате қавӣ халқро ба маърази беобрӯӣ намекашид. Ва дар асри ӯ ҳамаи фуқаро ва раияту сипоҳ дар аҳди амну амон осуда, доим фарохиву арзонӣ буд ва вуфури неъмату ободонӣ [13, 33] Аммо ба навиштаи С. Айнӣ амир Насрулло, бо вуҷуди ин ки дар ҳаёти шахсии худ ҳаргиз аз ҳавои нафс бознамеистод, ба мардум ҳамеша лофи шариатмадорӣ мезад. Ба андак

ҷурм аз номи шариат ҷазоҳои сахт дода, нафси зулмкеши худро таскин медод [3 ,30]. Ӯ дар тақвият ба ин гуфтаҳояш баҳои Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Донишро зери шубҳа гирифта, кӯшиш кардааст, ки ҳақиқатро ошкор намояд ва чунин далеле пеш овардааст: «…рӯзе амир Насрулло аз даричаи хонаи худ Регистонро назора мекард. Рустоие аз русто омада, хари худро дар Регистон баст ва аз пеши хари дигаре, ки дар он ҷо баста буд ва алаф мехӯрд як найча алафро гирифта ба пеши хари худ андохт. Чун амир ин ҳол ба чашми худ мушоҳада кард, фавран ҷаллодро талаб карда, парвонаи қатли рустоии мазкурро дод ва ҷаллод ҳам дар ҳамон ҷо сари рустоиро аз танаш ҷудо кард» [3, 31]. Ин воқеа собит месозад, ки Насрулло чандон ақлу дониш надошта, аз қонунҳои шариати ислом низ бехабар будааст. Зеро ӯ ба кӯчактарин гуноҳ ба мардум ҳукми қатлро раво медидааст, ки ин гуна адолатро шариати ислом тамоман маҳкум мекунад. Ҳамзамон, аз воқеаи зикршуда бармеояд, ки Насрулло хунхортарин амири манғития буда, маълумоти Аҳмади Дониш ва Мушрифи Бухороӣ дар ин хусус ҳақиқати боэътимод буда наметавонад.

Лашкаркашии Насрулло ба Хуқанду Ӯротеппа, Шаҳрисабзу Ҳисор ва Кӯлобу Балх дар манобеи хаттӣ зикр мешавад. Аммо зимни шарҳи воқеаҳо таваҷҷуҳи муаллиф ба Насрулло бештар эҳсос мегардад. Масалан, сабаби ҳуҷуми ӯро ба Хуқанд Мушрифи Бухороӣ менигорад, ки фарзанди вай Муҳаммадалихон ба ҷои падар шоҳ шуд ва аз падар зане буда мутарриҳу вай модари ӯ, ки худро ба худ таклифи ақд карда, аммо он зан қабул накардааст, ки ба шариат норавост ва баъд аз он Муҳаммадалихон ривояти ҷаълӣ карда, маҳри ҳаблӣ пахш карда бехабар муфтиҳо дар он зан нишон дода, ки инро ҳамин муфтиҳо маҳр карда фатво додаанд, ки дар подшоҳ дуруст аст. Бо ин тадбир дурӯғи модари ӯ, ки (...варақ даридааст) Муҳаммадалихон ақд карда мегирад ва баъд аз он ин ҳангомаро шоҳи одил мешунаванд, ба муҷаррадӣ

шунидан сафари Хуқандро ба лашкариён хабар дода, бо лашкари бекарон озими Хуқанд шуданд [50, 601б].

Бино ба аснодиин манбаъ Насрулло шаҳрро ғасб карда, ба ҷониби Ҳисор, Кӯлоб ва Балх низ лашкар кашида, онҳоро аз худ менамояд [50, 602б] ва 17 маротиба ба Шаҳрисабз ҳуҷум мекунад [50, 613а], аммо муаллиф аз куштору харобкориҳои Насрулло ёдовар намешавад. Бино ба тайиди ҳамин манбаъ дар давраи ҳукмронии Насрулло лашкари рус дар соҳили дарёи Сир қарор гирифта, баъд аз як-ду воқеаи кӯчак байни онҳо ва Насрулло намояндагони рус ба хулосае меоянд, ки то ин амир вафот накунад, ба сарзамини ӯ ҳуҷум кардан номумкин аст: «...алқисса вазирони рус он ҷо даст мондаанд, модоме ки ин шоҳи Бухоро зиндааст, дар вай набояд чизе гуфтан, чун вай бимирад он гоҳ ба диёри ислом хоҳем лашкар кашидан» [50, 613а].

Аҳмади Дониш қайд мекунад, ки баъд аз қарор гирифтани лашкари рус дар соҳили дарёи Сир баъзе аз мансабдорон ба амир Насрулло тавсия медиҳанд, ки ба онҳо ҳуҷум намояд. Аммо амир Насрулло дар ҷавоб мегӯяд: «давлати рус давлати бузург аст ва моро дастгоҳи муқобала шудан бо ӯ нест...Алҳол ба мо забони дӯстӣ дорад, агар вақте шавад, ки дохили замини мо шавад, кор дар он ҳол як тарафа хоҳад шуд...» [13, 38]. Ӯ аз дигар муносиботи аморати Бухоро бо Русия ва Англия, ки барои гирифтани Осиёи Миёна ҳавасманд буданд, ёдовар нашудааст. Садриддин Айнӣ бошад, зикр менамояд, ки хонҳои минтақа, хусусан амир Насрулло аз бозиҳои давлатҳои абарқудрати рус ва инглис тамоман бехабар буда, ба як ҳолати мағрурона бо якдигар муҳорабаҳои бемаънӣ карда, дар тахриби Туркистон мекушиданд ва ба ин восита дарвозаи Туркистонро ба дасти худ ба рӯи давлатҳои ҷаҳонгир кушоданд [3, 31].

Дар ҳолате ки ҳукуматҳои минтақаро хатари истилои аҷнабиён аз ду ҷониб таҳдид мекард, амир Насрулло ба ҷангу ғасбкориҳои дохилӣ машғул шуд. Аз ҷумла, ӯ ба Фарғона ҳуҷум карда [4, 12], аз ҳеҷ гуна

хунрезӣ боз наистод. Муҳаммадалихонро бо бародараш Султонмаҳмуд ва соири авлод ва атбоаш ба модараш дастгир карда ба қатл расонид. Ба Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Хуқанд ва Хева мудом ҷанг мекард. Ӯ 28 маротиба ба Шаҳрисабз ҳуҷум карда, онро ба аморати Бухоро ҳамроҳ кард [79, 471].

Насрулло дар сиёсати идораи давлати худ бо мақсади ба тобеияти худ даровардани феодалони дохилии мамлакат як қатор чораҳои барояш манфиатбахш андешид. Масалан, ҳуқуқи қӯшбегиро маҳдуд карда, лашкариёнеро, ки норозигӣ менамуданд ва ё майли ҷудошавӣ мекарданд, ба қатл мерасонид ва ё онҳоро бадарға ва молу мулкашонро мусодира мекард.

Насрулло соли 1837 ислоҳоти ҳарбӣ гузаронд [88, 304] ва «ба ташкили қисми калони ҳарбии муназзам саъй намуд. Асоси он аз асирони рус, инчунин аз форсҳо ва дигарон фароҳам омада буд. Баталони 800–нафараи сарбозон ва қисмати 250–нафараи тӯпчиён ташкил ёфта, либоси махсуси низомӣ ҷорӣ карда шуд» [77, 97].

Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш аслан аз хунхориву ҷоҳилии Насрулло ва қатлу кушторҳои бешумори ӯ ёдовар нашудаанд. Масалан, амир Насрулло ҳар рӯз дар як моҳ аз 50 то 100 нафарро ба қатл мерасонид [88, 308], ки Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш дар ин хусус ҳатто ишорае накардаанд. Эҳтимол меравад, ки онҳо аз сабаби он ки дар дарбори ӯ ва ворисонаш хидмат мекарданд, ҳарфе ба муқобили онҳо гуфта наметавонистанд. Бо ин нигоҳ накарда, маълумоти доир ба дигар амалҳои фоҷиаангези Насрулло дар рисолаҳои Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш омада, арзиши баланди маъхазиро соҳибанд.

Мушрифи Бухороӣ аз соли вафоти Насрулло ёдовар нашудааст. Бино ба навиштаҳои Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва Муҳмадазими Сомӣ [41, 56] Насрулло соли 1277 (1860) ҳичрӣ вафот кард [13, 35]. Мушрифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш сабаби вафоти ӯро зикр

накардаанд, тибқи маълумоти ба Садриддин Айнӣ дастрас, ҳамсари ӯ Кенгасхоним, ки духтари ҳокими Шаҳрисабз буд ва амир Насрулло ӯро баъди ғасби Шаҳрисабз ва ба қатл расонидани падар ва дигар хешу табораш маҷбуран ба занӣ гирифта буд, ба гӯши Насрулло симоб рехт. Дар ин маврид устод С. Айнӣ овардааст, ки амир Насрулло пеш аз вафоти худ Кенагасхонимро кушта, ба чоҳи Чиҳилдухтарон, ки дар дохили арки Бухорост, андохта, дар саҳнаи хунрезии худ пас аз ин фоҷиа парда кашид [3, 36].

Ҳамин тариқ, чи тавре ишора рафт, дар бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ, ки муаллифони онҳо аз хидматгорони дарбори амирони манғитӣ буданд, таърихи Бухоро дар замони ҳукмронии Насрулло воқеъбинона инъикос наёфта, бештар ба тарафҳои мусбати фаъолияти амир ва дарбориёнаш таваҷҷуҳ намудаанд. Муаллифон бо дарназардошти манфиатҳои шахсии худ ҳақиқати таърихро пинҳон дошта, Насруллоро ҳамчун шоҳи одилу раиятпарвар нишон додаанд. Ҳақиқат ин аст, ки дар замони ҳукмронии амир Насрулло мардуми Бухоро ҷабру зулми аз ҳад зиёд дида, аз тарси теғи амир сар боло карда наметавонист. Насрулло бо андак гуноҳ ҳам мардуми одӣ ва ҳам шахсони мансабдорро ба қатл расонида, ба ин восита мехост ҳукуматро мустаҳкам ва ҳокимонро дар тобеияти худ нигаҳ дорад. Ӯ дар идораи ҳукумати худ берӯёна ва ба мардум бераҳмона амал мекард. Ба ҳар куҷое, ки лашкар мекашид, мардуми онро ба қатл расонида, молу мулкашонро мусодира мекард.

Насрулло ҳангоми зиндагияш яке аз набераҳояшро валиаҳд эълон карда, намехост писари ягонааш Музаффар ба тахти салтанат соҳиб шавад. Аммо воқеаи таври дигар рух дод. Пас аз марги Насрулло амир Музаффар ба ҷойи ӯ ба тахти салтанат нишаст [50, 624а]. Сабаби валиаҳд эълон шудани набераи Насруллоро Муширифи Бухуроӣ дар асари худ «Таърихи амирони манғити Бухорои Шариф» чунин овардааст: «Амир Баҳодурхон чанд борҳо гуфта буданд, ки агар баъд

аз сари ман ҳамин фарзанди ман шоҳ шавад, вой бар ҳоли фуқарои бечора ва агар Худои таоло аз ман пурсад, ки ман туро дар дунё бар бандагонам шоҳ кардам, ҳоло ки омадӣ боре ба ҷои худ киро монда омадӣ ва бар бандагони ман киро ҳоким кардӣ? Ман он ҷо чӣ ҷавоб мегуфта бошам,- гуфта, чун абри навбаҳор мегиристанд. Аммо диёри ислом, ки буд ва Бухоро маъдани илм аз Худои таоло умед медоштанд, ки худаш нигаҳ дорад ва илло равшани кор буд» [50, 622]. Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ин ахбори Муширифи Бухороиро тасдиқ мекунанд. [13, 35; 41, 56]. Аммо Садриддин Айнӣ аз ҷузъиёти ин ҳодиса хабар надода, танҳо ишора менамояд, ки пас аз вафоти Насрулло фарзанди ӯ Музафар ҳокимиятро ба даст гирифт. [3, 41].

Ба андешаи мо ахбори Муширифи Бухоройӣ, Аҳмади Дониш ва Мирзо Азими Сомӣ роҷеъ ба валиаҳд эълон нашудани амир Музаффар аз ҷониби Насрулло то андозае ҳақиқат дорад. Чунки Насрулло на танҳо намехост, ки Музафар ба сари ҳокимият ояд, балки мехост ӯро ба қатл расонад. Аммо бо сабаби он ки дигар писаре надошт, маҷбур буд, аз қатли ӯ худдорӣ кунад [78, 98]. Бинобарин ин, баъди марги Насрулло аҳли дарбор ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд, ки яке тарафдори ба тахт нишастани набераш ва дигаре ҷонибдори ба тахт нишастани Музаффар буданд. Ҷонибдорони Музаффар даъвои онро доштанд, ки тахти салтанат ирсӣ аст ва бояд Музафар ба сари ҳокимият нишинад. Ба ин хотир ӯро аз Каримина оварда, ҳукуматро ба ӯ доданд [79, 486].

Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ таърихи ба сари ҳокимият омадани амир Музафарро ба соли 1277 (1860) нисбат додаанд [41, 56; 3, 41]. Аҳмади Дониш дар хусуси ба тахти Бухоро нишастани Музаффар дақиқтар ишора карда, мефармояд: «Дар ҳафтуми рабеъ-ул-аввал дар санаи 1277 ҳичрӣ баъд аз панҷоҳ дақиқа аз тулӯъи (Офтоб) ба тахти аморати Бухоро ҷулус фармуданд» [13, 36].

Тибқи санади Муширифи Бухоройӣ амир Музаффар пас аз он ки ба қудрат расид, ба ҷониби Ҳисор лашкар кашид. Ҳокими Ҳисор ба

ҷониби Кӯлоб фирор карда, аз ҳокими он Сарахон паноҳ хост [50, 629а-630а]. Мушрифи Бухороӣ дар идома қайд менамяд, ки амири Бухоро дар Ҳисор ба лашкараш мефармояд, ки ҳамаро қатл кунанд. Дар натиҷа аз ҳудуди Ҳисор то дарёи Вахш, ки ба таъқиби лашкари ҳокими Ҳисор рафта буданд, аз 10 то 15 ҳазор нафарро аз дами теғ гузарониданд: «…Вақте понсад нафар фуқарои бандӣ гардид, ҳамин понсад нафарро намози аср буд, ки ҳукми куш карданд. Як ҷаллод, ки Чит мегуфтанд, аз аср то шом ҳамаро бикушт. Аз аввали музофоти Ҳисор то ба дарёи Вахш қариб даҳ понздаҳ ҳазор фуқароро бе ҷиноят куштанд ва таҳти пой карда, молу маошӣ мусалмононро гирифтанд ва аз мукофоти амал наандешиданд» [50, 630а]. Аз ахбори асари Мушрифи Бухороӣ бармеояд, ки Музаффар ҳангоми ҳаракат ба сӯи Кӯлоб, хусусан вақти расидан ба соҳили дарёи Вахш, ба Сарахон мактуб ирсол карда, дар он менависад, ки Абдукаримро таслим кунад. Сарахон дар асоси ин дастур Абдулкаримхонро бо шахсони наздикаш ба Музаффар таслим мекунад ва онҳо ба қатл расонида мешаванд [50, 630а]. Мушрифи Бухороӣ аз санаи рух додани ин ҳодиса хабар намедиҳад. Эҳтимол меравад, ки ӯ ин воқеаро аз шахсе шунида ва сабт кардааст. Инчунин, Мушрифи Бухороӣ пурра ба тасарруфи амири Бухоро даромадани Ҳисорро дар дафъаи дигари ҳуҷуми Музаффар ба қалам медиҳад, ки зимни пахши шӯриш дар Деҳнав ҳуҷум карда, Ҳисоро ба ихтиёри худ мегирад. Мушрифи Бухорои сабаби сар задани шуришро инъикос намекунад, аммо ба ахбори айни сабаби он қатлу куштори зиёди мардум аз ҷониби Музаффар буд. Мутаассифони Музафар дар ҷараёни пахшиши шуриш ҳазор нафарро ба ҳалокат мерасонад [3, 42]. Бино ба тайиди тамоми манобеи хаттии муаррихони маҳаллӣ ҳокими Кӯлоб Сарахон ва ҳокими Тошкент бе ҷанг ба тобеияти Музаффар даромаданд. Музаффар ба Хуқанд ҳуҷум карда онро тасарруф ва ба он Худоёрхонро ҳоким таъин намуд.

Аз баррасии ахбори осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки Музаффар ба мисли падари худ бисёр хунхор ва золим буда, мардуми зиёди бегуноҳро ба қатл расонидааст. Дар солҳои аввали ҳукуматдории худ тарафдорони набераи падаршро пурра аз байн бурд, аммо дар ин вақт, ба хотири ба даст овардани эътимоди мардум мекушид худро дар назди мардум худро як подшоҳи одил, ҳақиқатҷӯ ва ғамхорӯ пуштибони халқ нишон диҳад. Аммо ӯ ин сохтакориро дер давом дода натавонист, ба мардум ҷабру зулми зиёд раво дид, бегуноҳонро ба қатл расонид. Музаффр дар байни солҳои 1862-1863 ба Кӯлобу Қаротегин, Дарвозу Ҳисор, Қуқанду Балҷувон бо сабаби он ки дар вақти ба тахти салтанат расиданаш ба ӯ туҳфаҳо нафиристода буданд, лашкар кашид. Албатта, ин як баҳонае беш набуд. Зеро худи Музаффар чунин як шахси хунхор ва бераҳму золим буд, ки ҳар коре мехост, бояд анҷом медод.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи ҳукмронии амир Музаффар Русияи подшоҳӣ бо мақсади тасарруфи Осиёи Миёна ба сарҳади давлати Бухоро омада, Тошкандро гирифт. Мушрифи Бухороӣ аз ҳаводиси пеш аз фатҳи Тошканд ишора накарда, ин воқеаро аз ҳамин лаҳза оғоз кардааст. Бино ба ахбори ӯ дар ин ҳангом амир Музаффар лашкар ҷамъ намуда, бо мақсади мубориза бар зидди куффор мардумро ба ғазо даъват намуд [50, 636]. Тибқи иттилои ҳамин манбаъ лашкари Музаффар ба Дизах ва аз он ҷо ба мавзеи Чӯли Мирзо рафта, ба муқобили лашкари Рус мубориза бурд, ки дар натиҷа шикаст хӯрда, лашкари амир ба қафо гурехта, лашкари рус Дизахро фатҳ кард [50, 638-639]. Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ низ дар инъикоси ин воқеа ба Мушрифи Бухороӣ ҳамфикр мебошанд. Аммо дар ҷузъиёти ахбори онҳо фарқиятҳо ҷой дорад. Масалан, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ қайд менамояд, ки амир Музаффар бо мақсади мубориза бар зидди душман атрофи Дизахро истеҳком кард [13, 41], ки ин мазмун дар рисолаи Мушрифи Бухороӣ ба чашм намерасад. Ҳамчунин, Мушрифи

Бухоро̄ ва Аҳмади Дониш соли ба вуқуъ омадани ҳодисаро қайд накардаанд. Бино ба санади Садриддин Айнӣ бошад, он соли 1866 рух додааст [3, 49], ки ба ҳақиқат наздик аст.

Аҳмади Дониш ва Муширифи Бухоро̄ муҳорибаи Дизахро нахустин муҳорибаи амир Музаффар бо лакашкари рус ҳисобидаанд. Аммо С. Айнӣ пеш аз муҳорибаи Дизах муҳорибаи «Майдаюлғун» ё ин ки «Эрчор»-ро ном бурда мефармояд: «Муҳорабаи нахустини амир Музаффар бо Русия муҳорабаи «Майдаюлғун» ё ки «Эрҷор» гуфта ба саҳойифи таворих машҳур аст» [3, 49]. Эҳтимол меравад, ки С. Айнӣ ҷанги «Майдаюлғун»-гуфта, ҳамон ҷанги Чӯли Мирзо»-и қайдкардаи Муширифи Бухороиро дар назар дошта бошад.

Тибқи маълумоти Муширифи Бухоро̄ лашкари рус пас аз истилои Дизах ба ҷониби Хуҷанд ҳаракат карда, онро дар муддати 9 рӯз забт карданд [50, 663б]. Муширифи Бухоро̄ ишғоли Самарқанд, Чаҳорҷӯӣ, Каттақурғон ва дигар шаҳрҳу ноҳияҳо ва рафти задухурдҳоро инъикос намуда, аммо аз сана ва соли сар задани воқеаҳо ёдрас нашудааст. Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ низ масоили муборизаи амир Музаффар бо лашкари Русияи подшоҳӣ, шикасти амир Музаффар, шартномаи байни Руссия ва аморати Бухоро ва дигар паҳлуҳои сиёсиву иҷтимоии аморати Бухоро инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, Аҳмади Дониш мефармояд, ки «... баъд аз балвои Самарқанд хароҷоти тазминоти ҳарб ҳам ба болои он мунзам шуда, чору ночор илтизоми итоатро ба худ мусаммам намуданд. Дар «Амсоли ҳукамо» овардаанд, ки яке аз ҳукком яке аз уммоли золими худро ба шиканҷа кашид ва фармуд: «Вай мухаййар аст миёнаи се амр - сесад динор ба мусодара бидиҳад ва ё сад чӯбро таҳаммул кунад, ё табақе аз наҷосати одамиро бардорад».

Садриддин Айнӣ менигорад, ки вақте ки инсон таърихи маҳоработи амир Музаффарро бо Русия мутолаа мекунад, дар ҳайрат меафтад. Баъд аз фатҳи Тошканд ба дасти аскари рус, бо суқути Самарқанд ва Қаттақӯрғон на амир ва на аркони давлати ӯ барои худ

ягон роҳи сиёсӣ ва ҳарбӣ муқаррар накарда ва хатти ҳаракати муайянеро таъқиб нанамудаанд [3, 57]. Сарчашмаҳои таърихӣ дар хусуси лашкаркашии Русияи подшоҳи маълумотҳои муҳимро дар худ инъикос карда, дар маҷмуъ ахбори онҳо ба ҳам шабоҳат доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Руссия подшоҳӣ бо омодагии пешакӣ соли 1964 бо сардории Черняев ба Осиёи Миёна ҳуҷум карда, шаҳрҳои Чимкент, Қуқанд ва соли 1866 Тошкандро гирифт [86,10]. Моҳи майи соли 1866 қушуни Русия дар роҳи Дизаху Хуҷанд қушуни аморати Бухороро торумор намуд [78, 166]. Аммо қушуни Руссия ба ҷониби Бухоро лашкар накашида, ба ҷониби Хуҷанд, Нов ва Уротеппа ҳаракат карданд. Баъд аз ишғоли ин шаҳрҳо ва Дизах лашкари рус Самарқандро низ гирифт.

Лашкари рус соли 1868 дар асоси созишномаи хони Хуқанд Худоёрхон ва ҳукумати подшоҳӣ Хуқандро тасарруф намуданд. Пас аз ин ба ҷониби Бухоро ҳаракат карда, Қатақурғонро ишғол кард. Амир Музаффар бо лашкари худ дар Зирабулоқ ҷамъ омада, ба муқобили лашкари рус мубориза бурданд, ки дар ин муҳориба лашкари амир Музаффар шикаст хӯрда, амир ба Бухоро гурехт ва ба генерал губернатор Кауфман қосид фиристода, сулҳ бастанро пешниҳод кард. Ҳукумати подшоҳӣ ин пешниҳоди амир Музаффаро қабул карда, шартнома ба имзо расонд, ки мувофиқи он заминҳои ҳудуди Самарқанд, Қатақурғон ва водии дарёи Зарафшон, ки аскарони ҳукумати подшоҳӣ ишғол карда буданд, ба Россия гузашта, Бухоро аз муносибатҳои тиҷоратӣ бо дигар кишварҳо бе иҷозати Русия маҳрум шуд [124, 12]. Амир Музаффар ба пардохтани 500 ҳазор сӯм барои хароҷоти ҳарбии Россия ризоият дод. Ҳамин тариқ, амири Бухоро ба вассали фармонбардори ҳукумати подшоҳӣ мубаддал гардид» [78, 169].

Аҳмади Дониш замони ҳукмронии Музаффарро хулоса карда, мефармояд, ки «дар замони амир Музаффар заъфи куллӣ ва ихтилоли тамом дар миллати ислом зоҳир шуда, шариат забуни салтанат гардид

ва басе дунону ғуломону ноаҳлон бар сарири аъмолу маносиби давлатӣ ҷулус фармуданд ва харҷу марҷ дар маротиби назми миллату давлат афтод, ки ҳеҷ касро осудагиву фароғат муяссар набуд» [13, 124].

Бино ба таъиди тамоми манобеи таърихӣ баъд аз вафоти амир Музаффар амир Абдулаҳад ба тахти Бухоро нишаст. Мушрифи Бухороӣ низ ин воқеаро тасдиқ кардааст. Аммо ӯ соли ба сари ҳокимият нишастани онро зикр накарда, танҳо ишора менамояд, ки пеш аз ин ҳокими Кармина буд. Аз рӯйи нишондоди Аҳмади Дониш Абдулаҳад 9 сафари санаи 1303 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 17 ноябри соли 1885 мелодӣ ба тахт нишаст [13, 124]. Садриддин Айнӣ бошад, қайд менамояд, ки амир Музаффар 6 моҳи сафари соли 1303 ҳиҷрӣ (1885) вафот карда, 7 моҳи сафари ҳамон сол амир Абдулаҳад ба тахти Бухоро нишаст [3, 104-105]. Ахбори Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ба ҳақиқат наздик буда, боиси эътимод мебошанд.

Мушрифи Бухороӣ дар хусуси вазъи сиёсии Бухоро дар замони ҳукмронии амир Абдулаҳад чандон маълумот надода, танҳо як-ду ҳодисаи сатҳиро баён менамояд. Мувофиқи таъйиди Мушрифи Бухороӣ Абдулаҳад баъди ба сари ҳокимият нишастанаш Остонқул девонбегиро ҳокими Ҳисор ва Тураи ҳисорӣ (ҳокими пештараи Ҳисорро) ҳокими Бойсун таъин карданд [50, 663б]. Тибқи навиштаи Мушрифи Бухороӣ Остонақул дар Ҳисор адлу инсофро пеш гирифта, ба мардум хидмат мекард: «...баъд аз он ба Ҳисор омада нишаста ба хайр ва саховат кушиданд,...ҳар муҳтоҷе ва фақире ва қарздоре, ки он ҷо илтиҷо овард, ҳоҷаташро мебаровардand, то ки дар Бухоро аксари бечорагон шунида рафта ё вақташон хуш шуда меомаданд, ё он ҷо хидмат карда соҳиби давлат ва чанд касро корфармо мешуданд ва ин чунин бисёр мардумон аз давлати он ҷаноб пайдо карда, ба давлат шуда рафтанд» [50, 664а] Ҳамчунин, муаллиф қайд менамояд, ки Абдулаҳад «хайрот ва муббарот намуда», дар санаи 1325 ҳиҷрӣ вафот мекунад [50, 664а].

Аҳмади Дониш дар рисолаи худ мефармояд, ки баъди ба сари ҳокимият омаданаш амир Абдулаҳад корҳои аҳли илмро ба қозикалон, умаро ва сипоҳро ба Дурбинбий (қушбегии сафсх), ки ғуломи падараш буд ва вазорати умури Бухороро ба ихтиёри Шоҳмирзо ӯноки (нодон), ки ғуломи худаш буд, супурд [13, 125]. Аҳмади Дониш сафарҳои амир Абдулаҳадро ба Руссия ва Истанбул инъикос карда, вазъи идораи аморати Бухоро ва ҳукумати он замонро зери танқиди сахт қарор додааст. Аз ҷумла, ӯ офардааст: «Амир Абдулаҳад валиаҳди ӯ ба ҷояш нишаст ва мардуми Русия дар Бухоро ва ҳавошии он муставлӣ шуданд ба тариқи эълону ошкоро. Ва амири гузашта, агар тафвизи мамлакат карда буд, аммо ба хуфияву китмон буд ва амири баромада баралония таслими мамлакат намуд на муҷаддиде ба сареҳ ба зуҳур нарасид» [13, 105]. Ҳамчунин, ӯ қайд менамояд, ки Абдулаҳад ба ҷуз хурдану хуфтан коре дар пешравӣ ва рушди Бухоро анҷом надод. Аҳмади Дониш ба монанди Муширифи Бухоройӣ дар хусуси идораи аморати Бухоро ва воқеаҳои сиёсии замони Абудлаҳад чандон маълумот надодааст. Ба андешаи мо яке аз сабабҳояш ин буд, ки ӯ худ дар ин дарбор хидмат мекард ва ба навиштани таърихи пурраи воқеаҳо ҷуръат намекард.

Бино ба ахбори Садриддини Айнӣ Абдулаҳдад баъд аз ба сари ҳокимият омаданаш ба ғайр аз Миракрам-ҳокими Ғузор дигар бародаронашро, ки дар ҳар шаҳр ҳоким буданд, ба қатл расонда, ҳамаи раққосонро, ки дар аҳди амир Музаффар расман ба рикоб мунсалик буданд, кокул ва зулфҳояшонро бурида аз раққосӣ манъ намуд. Ба ҳамин қадар зоҳирфиребӣ зикри шариатпарварӣ ва диндории худро дар забони аҳолии содадили Бухоро достон кард» [3, 106]. Аммо баъдан ӯ ин корро дубора эҳё карда, ҳатто ба баччабозӣ машғул шуд.

Дар давраи ҳукумронии амир Абдулаҳад корҳои ҳукумати Бухоро асосан аз ҷониби козӣ Бадриддин анҷом дода мешуд. Баъд аз вафоти ӯ корҳои подшоҳӣ ба Остонақул қушбегӣ вогузор гардид.

Бино ба иттилои Садриддин Айнӣ «Амир Абдулаҳад бағоят соҳибзаковат ва руҳшинос буд. Ба ин сабаб аҳли дарбор ва маъмурони худро ба хубӣ идора мекард. Ба тахмину қиёс мақсад ва нияти ҳар маъмурро дармеёфт ва ба он тахмини худ бино монда муомила мекард, ки дар воқеъ мувофиқ меафтод… Одатан, аҳли дарбор, ҳукком, қуззот ва мутааллиқони эшон аз хазинаи ҳукумат мавоқиб намегирифтанд. Баъзе аҳли дарбор «воҷиб» - гӯён аз хазина чизе мегирифта бошанд ҳам, ба ҳеҷ дарди эшон даво намешуд. Ҳама мояҳтоҷи ин ҳашарот ба хуни раийяи фалакзада ҳавола буд. Дар ин сурат, албатта, ҳар маъмур ҳар падар, ки тавонад ва ба ҳар роҳ, ки донад, чиз меситонд» [3, 120].

Қайд кардан ба маврид аст, ки амир Абдулаҳад соли 1873 дар синни 14-солагӣ ҳокими Кармина таъин шуда, соли 1883 дар маросими тоҷгузории подшоҳи рус - Александри III иштирок намуд ва дар ин маросим аз ҷонби ӯ валиаҳди тахти салтанати Бухоро гардид. Ӯ баъди вафоти падараш 17 ноябри соли 1885 дар Арки Бухоро ба тахти аморат нишаст. Дар давраи ҳукмронии амир Абдулаҳад нуфузи Руссия дар Бухоро зиёд шуд [79, 510]. Бештари вазифаҳои амир ба салоҳияти Руссия гузашта, аз ҳукумат чизе намонда ва кори ин ҳукумат мекардагӣ мансаб додану аз мансаб гирифтани 5-6 раису қозӣ, ҷамъ кардани хироҷу закот барои ба хазинаи Русия супоридан мебошаду халос [78,510]. Бо вуҷуди ин, Абдулаҳад мехост дар Бухоро ислоҳот ворид намояд, вале ба ин мақсади худ нарасид, балки Бухороро тарк карда, аз соли 1897 то охири умр дар Кармина қарор гирифта, соли 1910 дар он ҷо вафот кард [124, 34].

Манобеи хаттӣ дар хусуси вазъи сиёсии замони салтанати амир Абдулаҳад маълумоти гуногун додаанд. Хусусан, Мушрифи Бухороӣ аз тасвири бештраи воқеаҳо худорӣ кардааст. Бо эҳтимоли зиёд сабабаш дар он аст, ки муаллиф хидматгори дабори Абдулаҳад буда, ба инъикоси воқеаҳои замони ӯ ҷуръат накардааст. Аҳмади Дониш низ ҳаводиси замони Абдулаҳадро чандон равшан инъикос накардааст, ки

шояд сабабаш ба монанди Мушрифи Бухорой аз хидматгузорони дарбори Абдулаҳад будани ӯ бошад. Аммо бо вуҷуди ин Дониш гаҳу гузаре аз сиёсати нодуруст ва риёкоронаи Абдулаҳад ишора менамояд, ки дар воқеъ ба ҳақиқат наздик аст. Дар ин ҷода рисолаи «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ нисбат ба дигар манобеи таъриҳи комилтар аст.

Пас аз вафоти амир Абдулаҳад аморати Бухоро ба дасти писараш амир Олимхон гузашт. Мушрифи Бухорой қайд менамояд, ки пас аз ба тахт нишастанаш уламову мардуми осоиштаро даъват карда, обу таъом дод. Ӯ бо ҳусни таваҷҷуҳ ба амир Олимхон мефармояд, ки Насруллоҳбиро дар Бухоро қушбегӣ ва Мирзои Урганҷиро дар Бухоро закотчӣ карда, баъзе боҷу хироҷро нисбат ба замони падараш аз камбағалону фақирон сабуктар [50, 678а] ва моҳонаи сарбозонашро, ки 20 тангаро ташкил медод, ба 60 танга расонида, ҳар як сарбозашро ҷома ва харҷи инъом кард. Бино ба иттилои ин манбаъ дар замони ҳукмронии амир Олимхон дар Бухоро адлу адолат ҷорӣ гардид, аммо Бухоро бештар ба тасарруфи Россия даромад [50, 678б]. Мушрифи Бухорой аз дигар ҳодисаҳои сиёсии замони амир Олимхон маълумот надодааст. Эҳтимол меравад, ки муаллиф дар давраи амир Абдулаҳад ва амир Олимхон ба навиштани ин асари худ машғул шуда, дар инъикоси воқеаҳои замони худ ҷуръат накардааст.

Бо вуҷуди он ки Мушрифи Бухорой ба таври фишурда баъзан ҳодисаҳои сиёсии замони ҳукмронии амир Олимхонро инъикос кардааст, онҳо дар дигар манобеи таърихӣ, хусусан рисолаи Садриддин Айнӣ тасдиқи худро ёфтаанд.

Бино ба ахбори Садриддин Айнӣ амир Олимхон соли 1910 ба тахти Бухоро нишаста, ҳамон рӯз фармонро дар хусуси ворид намудани ислоҳот дар мамлкат бароварда, паҳн кард, ки мувофиқи он баъзан, андозҳо сабук ва маоши кормандон каме боло бардошта шуд. Мазмуни фармон чунин буд: «Ҷаноби олӣ рафоҳ ва осоиши умуми аҳолиро

самимона мехоҳанд, барои саодати раийя ва ободии мамлакат ба авни илоҳӣ саъй ва кӯшиш мекунанд. То ҳол қозиён, ки ба дарбори амир соле чанд бор тортуқ ва пешкаш мефиристоданд ва ба аҳли дарбор таоруф ва ҳадя медоданд, баъд аз ин ба куллӣ марфуъ ва ба сурати қатъӣ мамнуъ аст. Чун, қозиён аз ин масориф маоф шуданд, лозим аст, ки ба ҳоли фуқаро тараҳҳум намуда, зиёдаталабӣ нанамоянд. Мулозимон ва навкарони эшон низ аз фарсахпулӣ (фарсахӣ сеюним тангаи Бухоро) зиёда нагирад. Ҳар касе, ки аз ин фармон таҷовуз кунад, маъзул ва масъул хоҳад буд» [3, 104]. Аммо талаботҳои ин фармон чандон хуб иҷро нашуда, баъди муддате аҳволи мардуми Бухоро ба мисли пешина идома ёфт. Аморати Бухоро дар корҳои сиёсӣ мустақилона фаъолият карда наметавонист, хусусан дар муносибатҳои хориҷӣ танҳо бо розигии генерал губернатор метавонист ин ва он масъаларо ҳаллу фасл кунад. Дар корҳои дохилӣ бошад, каме мустаъқил буд. Аммо амир Олимхон бевосита побанди ҳукумати подшоҳии Русия буда, ба қавле аз хатти кашидаи он берун баромада наметавонист.

Дар давраи ҳукмронии амир Олимхон соли 1910 дар натиҷаи баҳсҳои шиаву сунӣ дар мактабҳои ҷараёни ислоҳотхоҳон-ҷавонбухориён ба вуҷуд омаданд, ки мехостанд дар мамлкат ислоҳти ҷиддӣ ворид шавад. Бинобар ин онҳо аввалин маротиба соли 1912 рӯзномаи худро таъсис дода, дар он ҳукумати амириро танқид карданд. Гарчанде ки фаъолияти ин рӯзнома бо иҷозати ҳукумати Руссия ба фаъолият оғоз карда бошад ҳам, соли 1914 ба ҳукумати Бухоро дастур дод, ки фаъолияти рӯзномаро қатъ намояд. Ҳамзамон дар ин сол аз ҳукумати Бухоро талаб кард, ки дар Бухоро ислоҳт гузаронад. Ҳукумати Бухоро ин амрро иҷро карда, дар хусуси ислоҳот фармон бароварда, аммо бо сабаби иҷро нашудани бандҳои он ва чандон қаноатбахш набудани бандҳои он «намояндагони императорӣ ба иҷбори афкори умумия ё барои дигар мақсад дар моҳи раҷаби 1332

ҳичрӣ (мутобиқ ба 1914 мелодӣ ) ба ҳукумати Бухоро лоиҳае тақдим карда, иҷрояшро ба тарики қатъӣ талаб намуданд» [3, 150].

Пас аз ғалабаи Инқилоби октябри соли 1917 дар Руссия дар гӯшаву канораҳои Бухоро ҳаракатҳои ислоҳотхоҳона ба амал омад. Ҳарчанд амир ва дарбориёни ӯ ислоҳотро намехостанд, аммо маҷбур шуданд талаби ислоҳотхоҳонро иҷро намоянд.

Бо забт шудани Бухоро аз ҷониби аскарони сурх дар соли 1920 амир Олимхон ба Бухороӣ Шарқӣ ва сипас ба Афғонистон фирор намуд. Бо ғалабаи ҳукумати шӯравӣ ҳукмронии сулолаи манғития анҷом пазируфт ва амир Олимхон соли 1944 дар Афғонистон вафот кард.

Хулоса, инъикоси вазъи сиёсии Бухоро дар таълифоти таърихии муаррихони дарбор нисбатан васеъ инъикос ёфита бошад ҳам, вале таваҷҷуҳи муаллифон ба амирони манғитӣ равшан эҳсос мегардад. Ин гурӯҳи муаллифон гарчанде қисме аз масъалаҳоро ба ҳақиқат наздик ба қалам додаанд, вале дар умум ҳаводиси таърихиро номукаммал ва қисми дигарашонро то андозае хилофи воқеияти замон офаридаанд. Дар маҷмуъ рисолаҳои онҳо дар инъкиоси ҳодисаҳои сиёсии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX сарчашмаҳои арзишманд ба ҳисоб мераванд.

## БОБИ 2. **ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ ИҚТИСОДИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ МАҲАЛЛӢ**

### 2.1. Баррасии вазъи кишоварзии аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ

Кишоварзӣ яке соҳаҳои муҳимми ҳаёти хоҷагии мардуми Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX буда, омӯзиш ва баррасии он дар манобеи таърихӣ аз масъалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Аммо вазъи кишоварзии замони ҳукмронии Муҳаммадраҳимбӣ ва Дониёл атолиқ дар сарчашмаҳои таърихии дасти аввали мансуб ба ин давра, ба монанди «Туҳфату-л-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития»-и Аҳмади Дониш, «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухоронӣ, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ мушаххас зикр нашудааст. Бо вуҷуди ин, маълумот дар осори Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоронӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ аз худ боқигузошта дар хусуси андозҳои замони Дониёл, аз ҷумла хироҷ, закот ва дигар навъҳои он, ки дар ин масъала поёнтар ишора мешавад, бармеояд, ки шуғли асосии мардум дар ин давра кишоварзӣ, ғаллакорӣ, боғдорию чорводорӣ ҳисоб меёфт. Садриддин Айнӣ бо дарназардошти замони салтанати Шоҳмурод мефармояд, ки умаро ва сарони сипоҳ ба унвони амлок ва танхоҳ қитъа-қитъа заминҳои зироатро соҳиб шуда, ба корандагон анвои зачр ва зулмро раво медиданд. Ба ин сабаб мояи ҳаёти мамлакат, ки иборат аз зироат аст, тамом мухтал шуда, мардумро ҳамеша як қаҳту ғалои умумӣ таҳдид мекард. [3, 15]. Аз диди муаррихони зикршуда бармеояд, ки дар замони салтанати Дониёл атолиқ ва амир Шоҳмурод мардум ба кишту кори заминҳо машғул шуда, дар онҳо ҷав, гандум ва дигар навъҳои зироату ғаладонагиҳо кишт мекарданд.

Мушрифи Бухоронӣ дар хусуси кишоварзии замони салтанати Дониёл ва Шоҳмурод иттилоъ надодааст. Аммо дар ҷое аз асараш аз

вазъи кишоварзии деҳқонон дар давраи ҳукмронии амир Музаффар хабар медиҳад. Бино ба маълумоти ӯ дар ин давра мардум аз ҷабри андозҳои гарон ва амалдорони амир заминҳои кишти худро партофта, дар кӯчаҳо мегаштанд, гуруснагӣ хурӯҷ карда буд. Хусусан, вай зикр менамояд, ки заминҳои амлок ва дашту чул шуда, шӯрзада хоб карда аст. Қарзан агар касе, ки бо замини амлок панҷ таноб - даҳ таноб вақф ё мулк ҳам дорад, ки мекорад ва ё касби дигаре дорад, ки вай мебардорад, аммо холис бе касбе ва даромади дигаре надошта, ки замини амлок кор намонад, ки ҳама ҳар ҷониб рафта, муздурӣ ва ҳамолӣ карда, авқот мекунанд. Камина вақте андаке шикасту рехт ва лой доштам, се - чаҳор мардикор одам фармуда овардам ва кор мекарданд. Аҳволи онҳоро пурсидам, гуфтанд амлоккор ҳастем, деҳқонӣ карда натавонистем, муздурӣ мекунем [50, 635а]. Ҳамчунин, қайд менамояд, ки Худои таоло низ балоҳо аз ҳар навъ аз ҳар тараф бар сари мардуми Бухоро боронид, ки руоёи бечора ҳама талаф шуда, аввал чунон қимат шуд, ки мардумони бечора аз гуруснагӣ бимурданд ва боз ҳама вақт қиматӣ дар болои ин балоҳо буд [50, 635б]. Ин иттилои Мушрифи Бухороиро С. Айнӣ дар асари худ «Таърихи инқилоби Бухоро» тасдиқ карда, ба таври кӯтоҳ қайд менамояд, ки аз ҷаври амлокдор бисьёр заминҳо нокишта монда, шуғли деҳқонони бечора муздурӣ- мардикорӣ шуда, аксарӣ онҳо ҷилои ватан карданд [4, 151]. Мушрифи Бухороӣ ҳангоми андозситони ба маҳсулотҳои кишоварзӣ ишора менамояд: «Инчунин, дар гандум ва ҷав ва ҷуворӣ ва зағер ва мош ва наҳир ва алаф, яъне ҷамеи ашёе, ки мефурӯшанд, аминона медиҳанд» [50, 635б]. Садриддин Айнӣ бо ишора ба замони ҳукмронии Музаффар ва Абдулаҳад низ қайд менамояд, ки «...заминҳои зироат ва ахзи закоти турук ва шавореъ як ранги тороҷ ва ярморо гирифт. Бинобар як таомули куҳна аз ҳосилоти заминҳои мамлукаи султонӣ (аксар заминҳои Бухоро аз ҳамин қисм аст) аз даҳ чаҳор, яъне аз сад чиҳил ба ҳисоби хазина ситонида мешуд. Дар аҳди Абдулаҳад ҳамин

таомул расман ва суратан ҷорӣ буд» [3, 139]. Мушрифи Бухороӣ ва Садриддин Айнӣ ҳарчанд дар ин масъала маълумоти муфассал надодаанд, вале он чӣ овардаанд, метавонад вазъи кишоварзӣ ва аҳволи кишоварзонро маълум намоянд. Дар такя ба далелҳои пешовардаи муаллифон натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар давраи Музаффар ва амир Абдулаҳад нисбат ба дигар даврaҳои салтанати амирони манғитӣ вазъи кишоварзон дар дараҷаи мушкил қарор дошт. Андозҳои дар ин давра ҷоришуда аз ҳосили ба даст овардаи деҳқон зиёдтар буд. Аз ин рӯ, бисёри деҳқонон аз кишоварзӣ даст кашида, ба дигар корҳо машғул шуданд. Бо вуҷуди ин, дар ин давра дар заминҳои атрофи Бухоро, Ҳисор, Водии Вахш ва дигар минтақаҳо навъҳои гуногуни ғалладонагӣ, ба монанди гандум, ҷав, зағир ва ғайраҳо кишт карда шуда, мардум ба обчакорӣ ва полезӣ низ машғул мешуданд.

Сайёҳ ва корманди низомии рус Д.И.Логофет қайд менамояд, ки пуштакуҳҳои Вахшу Ҳисор барои коридани гандуму ҷав мусоид буда, ки дар кишти он ба обёрии сунъӣ ҳоҷат нест, зеро барои сабзиш ва пухта расидани онҳо оби борон кифоят мекунад [38, 85]. Ҳамзамон, ӯ аз киштукори зағир, пахта, ҷуворимака ва дигар навъҳои зироату ғаладонагиҳо дарак додааст, ки дар моҳи сентябр ҷамъоварӣ мешаванд [38,85]. Тибқи маълумоти ӯ дар кишти заминҳо аз навъи пулуге (омоч) истифода мебаранд, ки аз даврaҳои Ошуру Бобул маъмул аст. Ин ахбори ӯро муаллифи дигари рус Т.Н. Бурнашев то дараҷае тасдиқ карда, мефармояд, ки дар водии Ҳисор шолӣ, пахта, тамоку, бангдона кишт карда мешуданд, аммо кишти пахта барои мардуми Бухоро яке аз масъалаҳои муҳимми саноатӣ ба ҳисоб мерафт [30, 76-77]. Шарқшиноси рус Н. В. Хаников, ки соли 1841 ба Бухоро омада буда, дар хусуси омода шудани нон дар Бухоро аз панҷ навъи ғаладонагӣ ишора менамояд: «Дар Бухоро нонро аз 5 навъи ғаладонагиҳо: гандум, арзани сорочинӣ, ҷав, арзан ва ҷугорӣ омода мекунанд» [58, 121-139. 147]. С. Айнӣ вобаста ба солҳои ҳукмронии амир Олимхон қайд менамояд, ки

«...ҳавлиҳои хуби Бухоро, дӯконҳои хушиҷора, боғҳои маъмури атрофи шаҳр ва заминҳои ҳосилхези бисёре ба дасти маъмурин даромад» [3, 35]. А.К. Абрамов вобаста ба кишоварзӣ дар Қаротегин менигорад, ки зироаткорӣ дар кишвар ба андозае вуҷуд дорад, ки талаботи дохилии ин сарзаминро қонеъ гардонад, зеро ба сабаби душворихои роҳҳо на имкони фурӯш ба берун вуҷуд дорад ва на воридот. Ба андешаи В. Ф. Ошанин Машғулияти асосии тоҷикон зироаткорист [104, 46].

Бино ба санади Е. К. Мейендорф дар Бухоро ду дарё махсусан аз ҷиҳати бузургӣ ва аҳаммияти кишоварзӣ муҳим буданд - Зарафшон ва Қашқадарё. Зарафшон бо шабакаи зиёди ҷӯю каналҳо заминҳои байни Самарқанд ва Бухороро обёрӣ мекард. Миёникол - минтақаи байни Бухоро ва Самарқанд - аз ҳамин сабаб сернуфус, ғанӣ ва ҳосилхезтарин қисми кишвар ба ҳисоб мерафт [40, 86]. Путята навиштааст, ки «аз тамоми минтақаҳои Сарикӯл танҳо дар водии Тагарма ва Тайб-Қунгон кишти зироатҳои ғалладона имконпазир буд. Дар дигар ҷойҳои баландии зиёд аз сатҳи баҳр ва шароити иқлимӣ барои кишоварзӣ мусоид набуд» [51, 50].

Яъне, аз ин мазмун бармеояд, ки дар ибтидои асри XX мансабдорон бо истифода аз мавқеи худ заминҳои ҳосилхезро аз дасти деҳқонон ба ҳар васила кашида мегирифтанд. Ин воқеа метавонист бо иҷозати ҳоким ва ё қозӣ сурат гирад.

Дар манобеи ишораёфта нишондиҳандаҳои кишоварзии мардуми аморати Бухоро ба таври мушаххас муаян карда нашудааст. Аммо ахбори пароканда ва кӯтоҳи онҳо ба ҳар ҳол дарак медиҳанд, ки дар давраи ҳукмронии амирони манғития деҳқонон ғаллакорӣ, боғдорӣ, зироткорӣ ва чорводорӣ шуғли асосии сокинони аморат ҳисоб мешуд.

Аз маълумоти дар осори муаллифон омада маълум мешавад, ки дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX мардуми хонигарии Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он ба кишту кори ғалладона, аз ҷумла гандум, ҷав, кунҷит, наск, нахуд ва дигар навъҳои зироаткорӣ машғул

мешуданд. Ин намуд зироатҳо ҳам дар заминҳои лалмӣ ва ҳам обӣ кишт карда мешуд. Дигар навъҳои зироатҳои техникӣ, ба монанди пахта, биринҷ, ҷуворимакка, зироатҳои гуногуни полезӣ ва ғайраҳо низ ба таври васеъ парвариш меёфтанд.

Заминҳои «киштзорҳои лалмӣ, ки одатан дар баландиҳо, нишебиҳо ва доманакӯҳҳо воқеъ мегардиданд, бисёр буданд» [77, 105]. Дар ин навъи заминҳо одатан ғаладонагиҳо ва полезиҳое парвариш меёфтанд, ки ба шароити лаламӣ мутобиқ буданд. Дар заминҳои обӣ бошад, ба ғайр аз ғалладонагиҳо парвариши пахта ва шолӣ ниҳоят маъмул буд. Масалан, дар водиҳои Ҳисору Вахш ин навъи зироатҳои техникӣ хеле васеъ ба роҳ монда мешуд. Аммо дар ноҳияҳо ва минтақаҳое, ки ҳарорат хунуктар буд, аз қабили Балҷувон, Ховалинг, Ванҷу Дарвоз ва дигар ноҳияҳои Бадахшон васеъ ривоҷ надошта, маҳсулоти ғалладона мавқеи аввалро мегирифт. Тавре академик Б. Ғафуров дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, «пас аз ба Руссия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар ноҳияи Хуҷанд 60 фоизи заминро киштзори ғалла ( аз он нисфаш гандум, баъд ҷуворӣ ва шолӣ, камтар ҷав ва арзан ташкил менамуданд... Тақрибан 14 % майдон аз боғу токзор, иборат буд. Пахтаи ҷойдорӣ 11,5%, ришқа (юнучқа) 6,4%, обчакорӣ 4,6% майдонро ишғол менамуд» [77, 105].

Дигар аз масъалаи муҳимми кишоварзӣ дар ин давр тарзи шудгори заминҳо мебошад. Мушрифи Бухороӣ, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, С. Айнӣ дар ин хусус маълумоти нисбатан муфассал надодаанд. Вале доир ба ҳар як ҳолат бетағйир мондани олоти кишоварзӣ Д.И. Логофет ишора карда, ки олотҳои шудгори ин давра хеле сода буд, агар олотҳои меҳнат хубтар мешуд, ҳосили хуб ба даст меомад [38,85]. Хулосаи худро тақвият бахшида қайд кардааст, ки мардуми Бухоро аз олоти кишти вазнин, ки аз давраи қадим - аз Ошуру Вавилон мерос гирифтаанд, истифода мекарданд [38,85]. Н. Хаников низ дар ин масъала ба Д.И. Логофет ҳамфикр мебошад [57, 121-139.

146]. Ҳамзамон, аз кишти замин, тарзи истифодаи омочҳо ба воситаи барзаговҳо ва сохти омочҳо (плуг) ёдовар шудааст [57, 121-139. 146]. Ахбори Д.И. Логофет ва Н. Хаников дар ин хусус ба ҳақиқат наздиканд. Дар такя ба ахбори онҳо ва манобеи илмӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар нимаи дуюми асри XVIII ибтидои асри XX олоти меҳнат ниҳоят оддӣ буд. Дар кишти заминҳо аз омоч ва каланду бел истифода мекарданд. Ҳамчунин, дар ин давра ду навъи омочҳо вуҷуд дошт. Навъи якум, ки омочи калон ном дошт, ба воситаи барзагов ба кишти мазрааҳои саҳро истифода мешуд ва омочи хурд бошад, ба воситаи хар барои кишти полезиҳо ба кор мерафт. Пас аз ин бо мола ва сихмола хоки замини шудгоршударо майда ва ҳамвор мекарданд [77, 105].

Дигар аз воситаҳои шудгори замин каланд ва бел ба ҳисоб мерафтанд. Барои бод кардани хирман бел ва панҷшохаи чӯбин, барои дарави алаф ва ғаладонагиҳо дос истифода мешуданд. Барои кашондани коҳу дон дар ноҳияҳои кӯҳистон аз чигина ва дар водиҳо аз ароба истифода мебурданд. Дар баробари ин мардум барои ҳосилнокии замин аз пору ва хоки теппаҳо ба заминҳои кишт мепошиданд. Ҳамчунин, ҳар сол ҷойи ғаладонагӣ ва зироатҳои техникии худро ба хотири ба даст овардани ҳосили хуб иваз мекарданд.

Кишти зироатҳо, ғалладонагиҳо ва дигар навъи полезиву сабзавотҳо бе истифодаи об чандон ҳосили хуб намедиҳад. Ахбори сарчашмаҳо дар хусуси зироату ғалладонагиҳо ва заминҳои кишти обиву лалмӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX барои обёрии заминҳо, бешубҳа, корҳои бузург анҷом дода шуда, шабакаҳои обёрӣ вуҷуд дошт. Аммо масоили обёрӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ, хусусан асарҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ ва Мирзо Содиқхоҷаи Гулшанӣ мушаххас зикр нашудааст. Ягона далели онҳо дар ин бора ёдовар шудан аз заминҳои кишти обӣ ва ё зикри навъҳои

зироате мебошанд, ки парвариши онҳо бе истифодаи об ғайриимкон аст. Дар гурӯҳи дигари манобеи таърихӣ, яъне дар асарҳои муаррихон ва саёҳон дар ин бора то дараҷае ишора шудааст. Аз ҷумла, Н. Хаников, ки бештар ба масоили обёрии шаҳрҳо ишора кардааст, дар баъзан ҷойҳо аз обёрии заминҳои кишти ин ё он минтақа низ ёдовар мешавад. Масалан, дар хусусии обёрии заминҳои Кармина мефармояд: «...заминҳои Кармина бо ҷӯйборҳои на чандон калон аз дарёи Зарафшон обёрӣ шудаанд. Шаҳрирӯд яке аз ҷӯйборҳои калонтарини сунъии хонигарӣ мебошад ва он шаҳри Бухороро убур карда, дар қисмати ғарбии деворҳои шаҳр дар назди дарвозаи Талипач тамом мешавад. Аз он як миқдор ҷӯйборҳо барои обёрии заминҳои кишт ва боғҳои Бухоро ва навоҳии он сохта шудаанд...дар ин ҷӯйбор моҳе ду маротиба барои пур кардани ҳавзҳо ва обёрии заминҳо об ҷорӣ карда мешавад.» [57, 121-139] Д. Логофет низ масоили обёрии заминҳои киштро аз дарёҳо зикр мекунад. Аз ҷумла, мефармояд, ки аз қадимулайём давлатҳои назди Амударё, ки ҳоло заминҳои Бухороро ташкил медиҳанд, ба шумули минтақаи серҳосил мансуб буданд, чунки асоси онро заминҳои корам ва маҷмӯи дарёҳое, ки аз пиряхҳои қаторкӯҳҳои Ҳисор, Зарафшон ва Помир сарчашма мегирифтанд ва ин давлатҳоро обёрӣ мекарданд, ташкил менамуданд. Амударё, Панҷ, Вахш, Қизилсу (Сурхоб), Кофарниҳон, Сурхон, Зарафшон ва шохобҳои сершумори онҳо ин сарзамини калони барои кишт муносибро обшор мекарданд. На он қадар дертар маҷмӯи обёрии таназулёфта қаблан тамоми аҳолии ин давлатҳоро бо об таъмин мекарданд, ки ин боиси серҳосилӣ ва сабаби асосии некуаҳволии мардуми зикргардида буд [38, 83]. Тибқи ахбори ӯ дар мавсими тобистон корҳои обёрӣ сурат мегирад, ки ҳамаи мардум ҳисса мегузоранд [38, 83]. Т. Н. Бурнашев ба Н. Хаников ва Логофет ҳамфикр буда, қайд менамояд, ки Ҳисор нағз обёрӣ карда шуда буд [30, 76]. Т. Н. Бурнашев, Н. Хаников ва Д. Логофет, ки худ ба Бухоро ва дигар шаҳру навоҳии он омада буданд, аз

вазъи зиндагии мардум ва хоҷагидории онҳо аз наздик шинос шуда, асосан дидаву шунидаҳояшонро мунъакис кардаанд, ки дар воқеъбинона тасвир ёфтани ин ҳодиса аз ҷониби онҳо ба андешаи мо ҷойи шубҳа нест. Аммо Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухорои Мирзо Абдулазими Сомӣ побанди масоили сиёсӣ шуда, инъикоси вазъи зиндагии мардум, хусусан деҳқононро аз мадди назари худ дур гузоштанд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ накардааст. Шояд яке аз сабабҳои асосии ба синфи ҳукмрон таваҷҷуҳ намудани муаррихони зикршуда ва ба шарту шароити деҳқонон камаҳамият будани онҳо маҳз ба мавқеи онҳо вобаста бошад, зеро ин муаррихон, тавре ки қайд кардем, аз хидматгорони дарбори манғития буданд. Бо вуҷуди ин, ҳарчанд ин муаллифон ба ин масъала тамоман таваҷҷуҳ накарда бошанд ҳам, далоили дар хусуси кишоварзӣ овардаи онҳо аз обёрии заминҳо дарак медиҳад.

Инчунин, дар натиҷаи омӯзиши манобеи хаттӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар аморати Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он корҳои бузурги обёрӣ ҷиҳати кишт ва парвариши зироату ғалладонагиҳо анҷом дода мешуд. Заминҳо асосан аз ҳисоби дарёҳо ва шохобҳои Амударё, Зарафшон, Кофарниҳон, Панҷ, Вахш ва ғайраҳо бо об таъмин карда мешуданд. Каналу ҷӯйборҳо дар аввал аз ҳисоби ҳукумат анҷом меёфт, аммо дар он мардум даъват карда мешуд, яъне кандани ҷӯйбору каналҳо низ ба зиммаи деҳқонон бор буд. Истифодаи ин гуна обҳо андози худро дошт, ки бо номи қушпулӣ маъмул буд. Қисми аз ин маблағи ҷамоваришуда барои корҳои обёрии оянда истифода мешуд ва қисми дигараш дар фоидаи мансабдорон мемонд. Минбаъд феодалон низ ба сохтани каналҳои обёрӣ даст заданд, ки фоидаи худро аз деҳқонони кишоварз меситониданд. Таъмири иншооти гидротехникӣ низ аз ҳисоби мардум маҷбуран анҷом меёфт ва фақат барои нигоҳ доштани Чӯпонато баҳору тирамоҳ панҷҳазоркасӣ ба кори маҷбурӣ бурда мешуд [77, 105].

Ҳукумати амирӣ каналу захбурҳои коммуналиро моликияти худ эълон карда, барои танзиму нигоҳдории об мироб таъин мекард. Аҳолӣ вазифадор буд, ки барои истифодаи об ба давлат андоз супоранд ва барои тоза кардани канлҳо маҷбуран ба ҳашар бароянд.

Дар Бухорои Шарқӣ низ каналҳои обёрӣ вуҷуд дошт, ки то асри XIX сохта шудаанд. Дар наздикии деҳаи Қаратоғ, ки дар худи соҳили дарёи Каратоғ воқеъ аст, 4 ҷӯйбор мавҷуд буд, ки дарозии ҳар кадоми онҳо аз 3 то 3,5 километрро ташкил мекард. Дар Душанбе низ 2 ҷӯйбор – Сариосиё ва Шоҳмансур воқеъ буд, ки аз дарёи Душанбе сарчашма мегирифтанд ва заминҳои деҳаҳои Шохмансур, Сариосиё, Алачабофан ва Заргарро бо об таъмин мекарданд [98, 94]. Заминҳои кишти ноҳияи Янгибозор аз ҳисоби дарёи Кофарниҳон обшор карда мешуд. Ин заминҳо аз дарёи мазкур дар масофаи 10 километр обёрӣ карда шуда буданд. Дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб захбурҳои Даҳана ва Зиракӣ вуҷуд доштанд, ки аз дарёи Сурхоб сарчашма гирифта, заминҳои даҳҳо деҳаро бо об таъмин мекарданд. Дарозии ин каналҳо 10—15 километрро дар бар мегирифт [98, 94].

Водии Вахш, хусусан Қурғонтеппа ва Қубодиён нисбат ба дигар минтақаҳо обёрӣ карда шуда буд, зеро шароити иқлими ин ҷойҳо барои зироаткории лалмӣ чандон мувофиқ нест. Аз ин рӯ, бештари заминҳои водии Вахш аз дарёи Вахш обёрӣ карда мешуданд. Масофаи каналлҳо зиёда аз даҳҳо километрро дар бар мегирифт. Дар бекигарии Қубодиён аз дарёи Кофарниҳон 13 адад каналу ҷӯйборҳо сохта шуда буданд, ки ҳар кадоми онҳо бо номи деҳаҳо зикр мешуд. Масалан, Чоркӯҳ, Хокаки Боло, Хокаки Поён, Чоршамбе ва ғайраҳо. Ҳамчунин, заминҳои деҳаи Бешкент аз ҳисоби чашмаи «Чилучорчашма» обёрӣ мегардид. Заминҳои ҳудуди Самарқанд, Бухоро, Катақурғон ва ғайраҳо аз дарёи Зарафшон обёрӣ мешуд.

Тавре қайд кардем, каналу захбурҳои обёрӣ ба воситаи мардум ба зӯрӣ анҷом дода мешуд, ки ҳокимон ва дигар мансабдорон мардуми ҳар

як деҳаро ба ҳашар бароварда, ба корҳои обёрӣ сафарбар менамуданд ва аз ҳисоби каналу ҷӯйборҳо фоидаи калон ба нафъи худ ва амирони манғитӣ ба даст меоварданд.

Ҳамин тариқ, масоили обёрии заминҳои кишоварзӣ дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати амирони манғитӣ»-и Аҳмади Дониш, «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухорої, «Туҳфаи Шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ мавқеи марказӣ надошта бошанд ҳам, маълумоти дигар маъхазҳо онҳоро бештар тақвият бахшидаанд. Ахбори кӯтоҳи онҳо дар бораи зироатҳои обӣ шаҳодат медиҳад, ки метавон бо ин инъикоси масоили обёрии заминҳои кишоварзиро дар асарҳои онҳо эътироф ва тасдиқ кард. Маълумоти бештар дар ин бора дар асарҳои Н. Хаников ва И. Логофет инъикос шудааст.

Боғдорӣ низ яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзӣ мебошад. Мушрифи Бухорои дар рисолаи худ аз вазъи боғу токпарварӣ дар нимаи дуюми асри XVIII ибтидои асри XX мушаххасан ёдовар нашудааст. Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, С. Айнӣ ва Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба монанди Мушрифи Бухорої вазъи боғутокпарварии ин даврaро дар фасл ё боби алоҳида инъикос накардаанд. Аммо дар рисолаҳои онҳо зимни инъикоси воқеаҳои таърихӣ гаҳу гузаре ба ин масъала ба таври умумӣ ишора шудааст. Масалан, Мушрифи Бухорої мефармояд, ки ...камина ба вақте ки дар Янғиқурғон будем, бисёр ба чаҳорбоғ табарруки эшон раҳимаҳу-л-Лоҳ мерафтем ва аз ангур ва дигар меваҳои табаррук гирифта мехӯрдем [50,616б]. Мушрифи Бухорої дар чанд ҷойи дигар ба таври умумӣ ишора ба боғ кардааст, вале ӯ аз корҳои боғдорӣ, навъи меваҳо (ба истиснои ангур), ҳосилғундорӣ ва аҳволи боғпарварон ёдовар нашудааст. Тибқи ахбори Аҳмади Дониш дар аҳди амир Музаффар «аксар заминҳои фуқароро барои чаҳорбоғи султонӣ баргузида бихарид ва ҳар ҷо, ки (чаҳор) боғе медиданд, барои подшоҳ

мехариданд, то ҳама фавоқиҳу неъмат ба давлатхона ҷамъ бошад, то агар касеро иштиҳои ангуру анҷир бошад, сар дар ин дарбор ниҳаду хидмат кунад ва бодиринг хӯрад» [3, 76]. Содиқхоҷаи Гулшанӣ низ аз меваҳои якчанд ноҳиву тумонҳои тобеи Бухоро, ба монанди тумони Пирмаст, Наршах ва дигар ноҳияву вилоятҳо ёдовар шудааст. Хусусан дар бораи боғҳои Пирмаст мефармояд: «Ва тамоми арозии ин тумон боғу басотин аст. Ширинӣ ва мавиз ва ангури ин ҷо аз ҳадди таъриф бурун аст, дар ниҳояти дараҷа шаҳднок аст» [46, 53]. Ӯ ба таври умумӣ аз боғҳои Қарнаб, Қаршӣ, вилояти Калиф (воқеъ дар соҳили дарёи Ҷайҳун), Шаҳрисабз, боғҳои атрофи Деҳнав, Вахш, Ванҷ ва ғайраҳо ёдовар мешавад. Аммо вазъи боғутокпарварӣ ва навъҳои парвариши меваҳоро (ба ғайр аз ангур ва тут) зикр намекунад. Бино ба ахбори Н. Хаников дар боғҳои атрофи Бухоро себ, нок, ангур, анҷир, зардолу, анор, тут, бодом ва ғайраҳо мавҷуд буданд [58, 121-139].

Ахбори манобеи хаттӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар замони салтанати амирони манғитӣ дар баробари кишти ғалладонагиву зироткорӣ боғдорӣ низ вуҷуд дошт. Қисме аз деҳқонон ба боғдорӣ машғул шуда, ба ин восита зиндагии худро пеш мебурданд. Боғҳои ҳукуматӣ ва амирӣ низ вуҷуд доштанд, ки барои истироҳат ва истифодаи амирон қарор мегирифтанд. Ҳокимон ва ё бекҳо боғҳои хоси зудро доштанд. Ҳамчунин, бисёре аз боғҳои деҳқонон дар охири ҳукмронии сулолаи манғития зӯран харида ва ё мусодира мегаштанд. Ин ҳам дар ҳоле сурат мегирифт, ки агар боғи меҳнаткардаи деҳқон ба амир ва ё амалдорони ӯ писанд меомад.

Боғҳои ин давра ҳам дар заминҳои лалмӣ ва ҳам дар заминҳои обӣ бунёд мегардид. Боғҳои амирӣ ва ё ҳокимон асосан дар заминҳои обӣ ҷой доштанд. Дар боғҳои ин давра навъҳои гуногуни дарахтони себ, нок, зардолу, гелос, анор, анҷир, хурмо, тут, ангур ва ғайраҳо парвариш меёфтанд.

Ҳамин тариқ, дар асарҳои таърихии Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба ҳаёти кишоварзии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX ба таври умумӣ ба ин масъала ишора кардаанд, ки дар маҷмуъ бо дигар маъхазҳо вазъик ишоварзӣ то андозае инъикоси худро ёфтааст. Муаллифон бештар ба масоили сиёсӣ рӯ оварда, бо вуҷуди он аз маълумоти онҳо бармеояд, ки вазъи кишоварзии аморати Бухороро хеле хуб дарк мекарданд. Масоили мазкур дар асарҳои Н. Хаников ва Д. Логофет бештар маълумоти А. Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва дигаронро тақвият мебахшидаанд.

**2.2. Ҳунармандӣ ва савдо дар Бухорои миёнаи асри XVIII-ибтидои асри XX дар осори муаррихон.**

Нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX мардуми Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он дар баробари кишоварзиву боғдорӣ ба ҳунармандӣ ва савдо низ машғул буданд. Аммо дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ маълумот аз машғулияти аҳолии Бухоро ба касбу ҳунар хеле кам ба назар мерасад. Содиқхоҷаи Гулшанӣ бошад, дар рисолаи худ гоҳе аз ин масоил ёдовар шудааст. Ӯ дар хусуси бофандагии мардуми амлокдори вилояти Қаршӣ чунин мефармояд: «Аҳолии он ҷо даст аз зироат бардоштанд ва бо санъати пашминабофӣ иштиғол намуданд. Аз ин ҳунар касби маош менамоянд. Аксари онҳо ғалладоранд. Ҳар қадар ашёи пашмина ва хусусан гилемча миқдоре, ки аз вилояти Қаршӣ ба соири вилоёт ҳамлу нақл мешавад, ҳамаи онҳо дар он ҷо ба ҳам мерасад» [46, 93]. Тибқи ахбори Гулшанӣ аҳолии Ҳисору Қаратоғ ба илми саноат машғул буда, ба алочабофӣ, кордсозӣ ва муҳраканӣ маъруфанд, ки ин ҳунари онҳо забонзадаи аҳли олам шудааст [46, 126]. Содиқхоҷаи Гулшанӣ аз касбу

кори заршӯӣ дар водии Вахш, Кангурт ва Ёхсуи Ховалинг ёдовар мешавад, вале дар хусуси ҳунармандии худи шаҳри Бухоро ишора накардааст. Садриддин Айнӣ ҳарчанд дар асарҳои таърихии худ, ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» дар ин масоил тамоман ишора накарда бошад ҳам, аммо дар асари дигари худ «Ёдоштҳо» аҳволи баъзе аз устоҳо ва ҳунармандонро равшан нишон додааст, ки ба ҳунарҳои дастӣ, бофандагӣ, дуредгарӣ, чӯбтарошӣ ва кандакорӣ, чархиосиётарошӣ, косибӣ ва ғайраҳо машғул буданд. Бино ба ахбори ӯ дар деҳаи Маҳаллаи Болои Бухоро саноати ҳунармандӣ қариб, ки вуҷуд надошта, косибон танҳо куҳнадӯзон буданд. -Дар ин деҳа,-менависад муаллиф, - саноати ҳунармандӣ гӯё ҳеҷ набуд, аз косибон танҳо куҳнадӯзон буданд, ки онҳо ҳам ба монанди худ побараҳнагон хизмат мекарданд. Дар маркази деҳа - дар Деҳнави Абдуллоҷон тагламадӯзон - касоне, ки ба соқи мӯзаи куҳна таг ва рӯй мебанданд, бошанд ҳам, дар ин ҳисор — монополияи тагламаҷаллобон буданд ва самараи меҳнати онҳоро он ҷаллобон мехӯрданд [2, 10]. Бино ба ахбори Садриддин Айнӣ дар аввали ҳукмронии давраи манғитиён тиҷорат ва саноати ҳунармандӣ қариб вуҷуд надошт: «Дар давраи Аштархониён тиҷорат ва саноати ҳунармандӣ қариб тамоман барҳам хӯрда буд, сарой ва тиҷоратхонаҳои вақф аз даромаддиҳӣ баромада буданд. Ин харобӣ дар аввалҳои давраи манғитиён низ давом намуд» [2, 176]. Ахбори Садриддин Айнӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳунармандӣ дар аморати Бухоро дар сатҳи паст қарор дошт. Т.С. Бурнашев ва М. Бекчурин аз касби бофандагии мардуми Бухоро ва деҳаҳои он хабар додаанд. Хусусан, Бекчурин, ки соли 1781 ба Бухоро омада буд, менависад, ки дар Бухоро фабрикаҳои калон набуда, фабрикаҳои хурди матоъҳои абрешиму пахтагӣ вуҷуд доранд, ки ҳунармандон дар хонаҳои худ ба бофандагӣ машғул мешаванд [77, 108]. Сайёҳи хориҷӣ Е. Мейендорф, ки соли 1820 ба Бухоро омада буд, дар ин масоил назари дигар дорад. Аз ҷумла, ӯ мегӯяд, ки тоҷикон коргар ва меҳнатдӯстанд

ва ба пешаҳои гуногун қобилияти зиёде доранд: Онҳо ҳам тоҷир, ҳам ҳунарманд ва ҳам деҳқонанд: ҳаёти бодиянишинӣ барояшон ягон фараҳмандӣ намебахшад [77, 109].

Қайд кардан зарур аст, ки бо сабаби парокандагии феодалӣ ва ҷангҳои дохилӣ дар охири салтанати Аштархониён ҳама соҳаҳои мамлакат зарари калон дида буданд. Бинобар ин, ҳунармандӣ ва савдо дар ҳолати паст қарор гирифт. Дар аввали ҳукмронии амирони манғитӣ, ки аз ҷангу лашкаркашиҳо иборат буд, масоили хоҷагии халқ, хусусан ҳунармандӣ ва савдо мисли пештара боқӣ монд. Минбаъд, ки аморати Бухоро то як андоза аз кашмакашиҳои дохилӣ озод шуд, дар баробари дигар соҳаҳо ҳунармандӣ ва савдо инкишоф ёфта, як дараҷа пеш рафт.

Масоили ҳунармандии мардуми Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он дар нимаи дуюми асри XVIII –ибтидои асри XX ҳарчанд дар манобеи хаттии дасти аввали муаррихони форсизабон чандон воқеъбинона ва васеъ инъикос наёта бошад ҳам, ахбори парокандаи онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки дар аморати Бухоро навъҳои гуногуни ҳунармандӣ мавҷуд буд. Ғайр аз ин, қисми зиёди аҳолии шаҳрҳоро косибон ва тоҷирон ташкил мекарданд. Хусусан, дар Бухоро, ки аз калонтарин шаҳрҳои он давра дар Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт, бисёр ҳунармандон кору фаъолият мекарданд. Маҳсули ҳунари ҳунармандони он на танҳо ба аҳолии худи Бухоро, балки ба дигар шаҳру деҳаҳо низ интиқол меёфт. Аз ҷониби дигар васеъ паҳн шудани маҳсули ҳунармандони Бухоро дар он буд, ки шаҳри Бухоро дар маркази роҳи корвонгарди савдои Осиёи Миёна бо Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Руссия қарор дошт. Бинобар ин, ҳунармандон кӯшиш мекарданд, ки молҳои босифат ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори хориҷиро истеҳсол намоянд. Аз ин рӯ, дар Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он мардум дар баробари хоҷагидориву деҳқонӣ ба дуредгарӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ, дузандагӣ, бофандагӣ, табоҳӣ, косибӣ, заршӯӣ, рехтагарӣ, кандакорӣ,

алочабофӣ, кордсозӣ, қуфлсозӣ, муҳраканӣ ва ғайраҳо машғул буданд. Дар асоси ин ҳунарҳо воситаҳои рӯзгор, ба монанди дег, табар, теша, корд, ороишоти занона, либос, қолин, сӯзан, зарфҳои обгирӣ ва дигар лавозимотҳои лозима сохта шуда, дигар корҳои зебу зинат, пухутпази хӯрокҳои гуногун ва кандакориву рангуборкунии қасру хонаҳо ва ғайраҳо анҷом дода мешуд. О. Сухарева, ки дар ин масоил таҳқиқоти муҳиме анҷом додааст, қайд менамояд, ки дар Бухоро то 400 заргар фаъолият мекунанд, ки намудҳои гуногуни ҷавоҳироти занон, ба монанди гӯшвора (ҳалқапеч) ва ангӯштарин ва дигар лавозимотҳои зарурӣ месозанд [122, 194]. Ба андешаи ӯ ҷудо намудани металҳои қиматбаҳо, хусусан ҷудо кардани тилло аз нуқра ба заргарон вобаста буд [122, 194]. Пешаварӣ ва бофандагӣ низ дар Бухоро хеле тараққӣ карда буд. Чунин навъи ҳунармандӣ дар дигар шаҳру навоҳӣ низ вуҷуд дошт. Хусусан, пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Руссия ҳунарҳои халқӣ дар шаҳри Хуҷанд рушд кард. Тибқи баъзе маълумотҳо дар он ҷо зиёда аз 100 намуди истеҳсолоти ҳунармандӣ вуҷуд дошта, матоъҳои пахтагин ва абрешимӣ ба хориҷ содир мегардид. Кулолӣ низ дар он ҷо равнақ гирифта буд. Дар Ташкент ва Уротеппа низ бофандагӣ, чӯянрезӣ, кордсозӣ ва ғайраҳо вуҷуд дошт. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи А. Мухторов дар Уротеппа 1041 адад дукони косибон вуҷуд дошт, ки аз он 187 ададаш дар деҳаҳои калон ҷой гирифта буданд [103, 73]. Чунин навъҳои ҳунармандӣ дар шаҳру навоҳии Бухорои Шарқӣ низ вуҷуд дошт, аммо дар ибтидо чандон тараққӣ накарда буд.

Тамоми маҳсули дасти ҳунармондон дар асоси ашёи хом сохта мешуд. Аз ин сабаб ҳунармандон, пеш аз он ки ба кори худ шурӯъ кунанд, маҷбур буданд, ки ашёи хоми онро дастрас намоянд. Аз ин рӯ, коркарди ашёи хом низ дар давраи мавриди таҳқиқ дар аморати Бухоро яке аз бахшҳои муҳими ҳунармандӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳунармандон ашёи хомро бештар аз хоҷагии қишлоқ дастрас мекарданд. Масалан, мардуми Бухорои Шарқӣ тиллоро ба воситаи заршӯӣ ба даст

меоварданд. Дар асри XVIII мардуми кӯҳистони Зарафшон дар дарёҳои Зарафшон ва Искандаркӯл ба заршӯӣ машғул мешуданд [88,338]. Маъдани оҳан аз қӯҳҳои Ҳисору Помир ва сурб аз кӯҳҳои Фарғонаву Варзоб ва Кӯҳи Танг истихроҷ мешуданд. Дар Бадахшон низ сангҳои қиматбаҳо ба монанди лаъл, фирӯза, ёқут ва ғайраҳо ба даст меоварданд [77, 111-112]. Дар конҳои намаки Ашт ва Хоҷамуъмин навъҳои намак истеҳсол мегардид, ки ҳамаи ин барои ҳунармондони соҳаҳои дахлдор ниҳоят муҳим буданд. Аммо ин гуна металҳое, ки дар ҳудуди аморати Бухоро истеҳсол мегардид, барои талаботи мардумро қонеъ кардан кифоя набуд. Аз ин сабаб аз Русия, Ҳиндустон, Эрон, Хитой ва дигар кишварҳо навъҳои гуногуни маъдан, ба монанди оҳан, нуқра, тилло ва ғайраҳо ба Бухоро ворид карда мешуд. Пас аз истилои Осиёи Миёна ба Руссия мутахассисони рус ҷиҳати коркарди маъдан ба Осиёи Миёна сафарбар карда шуданд, ки дар натиҷа ин соҳа қадре рушд кард.

Ҳамин тариқ, Аҳмади Дониш, Мирзо Абадулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухоройӣ дар асарҳои худ касбу ҳунари мардуми Бухороро инъикос накардаанд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Садриддин Айнӣ бошанд, дар асарҳои худ то дараҷе аз касбу ҳунарҳои мавҷудаи замони салтанати манғития ёдовар шудаанд. Аммо ин масъала дар асарҳои онҳо низ мушаххас ва пурра тасвир нашуда, дар адабиёти илмӣ инъикоси бештари худро ёфтааст.

Мушрифи Бухоройӣ дар бораи савдо ва тиҷорати нимаи дуюми асри XVIII –ибтидои асри XX –и аморати Бухоро дар чанд ҷойе ба таври умумӣ ёдрас мешавад. Ӯ мефармояд, ки касе дар Бухоро ояд, хоҳ раванда ва савдогар ва ё қаландаре... [50, 599б] Дар ин ҷумла, ки ҳадафи Мушрифи Бухоройӣ инъикоси дигар масъала аст, аз аҳволи савдогарон ва ё тоҷирон ёдовар намешавад. Аммо дар ҷойи дигар вобаста ба замони салтанати Насруллоҳ қайд менамояд, ки подшоҳи рус ба хотири муҳофизати корвонаш дар дашти Қазоқ қалъа сохтааст,

ки Насрулло пас аз огоҳ шудан аз ин воқеа мехоҳад онро вайрон кунанд ва ба ин сабаб ба императори Русия мактуб мефиристад. Ӯ менависад, ки ... ҳоло ин тариқ набуд, бояд ки зуд он қалъаро вайрон кунанд. Шоҳи Рус дар ҷавоб гуфта фиристод, ки мардумони корвонҳояшонро чанд маротиб дуздон аз он ҷо бизаданд, ман вайро илғорхона кардаам ба ҷиҳати муҳофизати корвони худашон [50, 611б]. Муаллиф аҳволи корвонро шарҳ надода, дар хусуси дигар масъалаҳои савдо ва тиҷорати аморати Бухоро бо Руссия дар давраи Насрулло маълумот надодааст.

Муаллифи зикршуда дар ҷойи дигари асараш аз савдогарон ёдовар мешавад, ки мувофиқи ахбори ин манбаъ Насрулло аз савдогарон қарз мегирифтааст. Ӯ дар ин бора менигорад, ки ҳамаро ба сипоҳ ва саркардаҳо медоданд, ки дар пагоҳ наемонад. Аксар авқот аз савдогарон як лик ё ду лик қарз доштанд, вақте ки пул шуд, дафъӣ медоданд [50, 621а-621б]. Дар ҷои дигаре аз асар дар давраи салтанати Музаффар ба хотир меоварад, ки зимни базму тараби амир, ки қариб як моҳ тул мекашид, фурӯшандагон фаровон мебаромаданд ва саркардаҳоро ва савдогаронро ҳамаро чодар занонида мебаровардand» [50, 621а-658а]. Ин воқеаро С. Айнӣ низ тасдиқ мекунад. Бино ба ахбори ӯ дар вақти ҷашни иди Наврӯз амир Музаффар ба саҳро баромад, боре то 72 рӯз онро ҷашн гирифтааст, ки дар он савдогарони Бухороро кӯч карда ба саҳро мебарад [3, 101].

Мушрифи Бухоро дар асари худ «Таърихи амирони манғити Бухоро» дар масоили тиҷорат ва савдо аз ин беш маълумот надодааст. Бо вуҷуди ин, ахбори ӯ ба таври умумӣ дарак медиҳад, ки дар Бухоро савдо ва тиҷорат вуҷуд дошта, корвонҳои тиҷоратӣ аз дигар кишварҳо, хусусан Русия ба Бухоро ва аз Бухоро ба дигар кишварҳо сафар мекарданд. Аҳмади Дониш низ ба монанди Мушрифи Бухороӣ дар чанд ҷое аз асараш аз тиҷорату савдо ба таври умумӣ ёдовар мешавад. Назар ба ахбори ӯ ҳангоми сафар ба Руссия дар давраи амир Музаффар хӯроки онҳо аз ҳисоби тоҷирони Бухоро таъмин карда мешуд: «Авқоти

маоши ёрон дар гардани туҷҷори Бухоро бор шуда, ҳар кадом каҳран ва тавъан чизе меовардану медоданд» [13, 60]. Аз ин ахбор маълум нест, ки Аҳмади Дониш кадом тоҷиронро дар назар доштааст. Тоҷироне, ки худ ба Руссия ба тиҷорат мерафтанд ва ё 10 тан аз тоҷироне, ки зимни сафари амир Музаффар ба Руссия дар ҳайати намояндагони аморати Бухоро шомил буданд. Ба ҳар ҳол ин ахбори ӯ аз вуҷуд доштани тоҷирон дар аморати Бухоро дарак медиҳад. Ҳамзамон, Аҳмади Дониш воқеаро нақл мекунад, ки то андозае аз тиҷорати Русияву Бухоро ишора менамояд: «...навбате чанде аз Русия ва Фаранг ба расми тиҷорат дар Бухоро омаданд ва дар сарое манзил гузиданд. Туҷҷори бухорӣ, ки дар вилояти рус буданд, хат карданд ба қушбегӣ, ки панҷ-шаш нафар аз Русия ва Фаранг Бухоро рафтанд, зоҳиран ҷосусу элчӣ бошанд, онҳоро тафаххус бояд кард. Қушбегӣ кас фармуда ҳамаи онҳоро ба қайду ҳабс кашид, моли онҳоро ба мусодара дар хизона овард...» [13, 65] Ин воқеа пеш аз ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна сурат гирифтааст. Аҳмади Дониш вобаста ба ҳамин давра ахбори дигаре меорад, ки ниҳоят ҷолиб аст: «Алалфавр аз пайтахти Русия эълон доданд ба Уринбурх, ки шаҳрест маҷмаъи туҷҷори Бухоро, фармуданд, ки туҷҷорро маа амволашон бигиранд ва гумшудагонро биталабанд» [13, 65]. Аз ин ахбори Аҳмади Дониш бармеояд, ки пеш аз ҳуҷуми Русия ба Осиёи Миёна муносибатҳои тиҷорати байни тоҷирони ин кишварҳо вуҷуд доштааст. Тоҷирони Бухоропӣ ба шаҳрҳои Русия сафар мекарданд ва тоҷирони рус низ ба Осиёи Миёна ба тиҷорат меомаданд. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Пирумшоев муносибатҳои тиҷоратии Русия ва Осиёи Миёна ҳанӯз солҳои 60-уми асри XVIII ба миён омада буд [110, 109-110]. Соли 1762 гурӯҳе аз тоҷирони рус ба Хева омада буданд ва соли 1764 Екатеринаи II барои ҳамкориҳои тиҷоратии Русияву Осиёи Миёна, хусусан хонигариҳои Бухорову Хева ва таъмини амнияти тоҷирон як қатор чораҳо андешид [110, 109-110]. Минбаъд низ муносибатҳои тиҷоратӣ

байни хонигарии Бухоро ва Русия ривоҷ ёфт. Тоҷирони бухороӣ ба шаҳрҳои Русия, хусусан Петербург молу ашёҳои худро ба фурӯш бурда, аз он ҷо молҳои саноатӣ ва дигар истеҳсолоти ҳунармандии русро ба Бухоро меоварданд. Солҳои 50-60-уми асри XVIII ҳаҷми умумии солонаи ҳама намуди молҳои содиротӣ аз Осиёи Миёна ба Русия 250 ҳазор рубл ва воридотӣ 288 ҳазор рублро ташкил мекард [89, 28]. Ин нишондиҳанда дар солҳои 90-ум ба 1 миллиону 400 ҳазор рубл молҳои содиротӣ ба Русия ва 1 миллиону 130 ҳазор рубл молҳои воридотӣ ба Осиёи Миёна аз Русия баробар шуд [89, 28]. Дар давраи ҳукмронии амир Ҳайдар, Насруллоҳ низ тиҷорати байни ин кишварҳо вуҷуд дошт. Дар охири замони салтанати Насрулло ва аввали ҳукмронии амир Музаффар, ки Русия нияти тасхири ин минтақаро дошт, гумоштаҳои худро дар шакли тоҷир ба Осиёи Миёна сафарбар мекард. Ҳарчанд ин характери сиёсӣ дошт, аммо дар масоили муносибатҳои иқтисодӣ бетаъсир наmemонд. Аз тарафи дигар тиҷорат байни Осиёи Миёна ва Эрону Афғонистон ва Ҳиндустону Хитой вуҷуд дошт. Тоҷирони ин кишарҳо ба Бухоро ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна ва тоҷирони Осиёи Миёна ба он кишварҳо сафар мекарданд. Аммо дуздиву ғоратгарӣ ва ноамнии роҳҳо то як андоза ба рушди муносибатҳои ин кишварҳо монеъ мегардид.

Аҳмади Дониш дар хусуси сафари амир Абдулаҳад ба Руссия шартномаи ҳамкориҳои Русия ба Бухороро зикр мекунад, ки дар банди ҳамкориҳо масоили тиҷорат, хусусан бутхона барои тоҷирони рус дар Бухоро ба имзо мерасад [13, 65]. Аҳмади Дониш дар дигар масъалаҳои тиҷоратии аморати Бухоро, шаҳру навоҳии тобеи он ва тиҷорати дохилӣ маълумот надодааст. Садриддин Айнӣ дар асари худ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» аз савдои дохилии Бухоро ёдовар намешавад. Ӯ ба монанди Аҳмади Дониш аз муносибатҳои тиҷоратии Бухоро ва Руссия қайд менамояд, ки тибқи ахбори ӯ аз тоҷирони рус ҳукумати Бухоро закоти шаръӣ зиёд талаб намекард [3, 70]. Садриддин

Айнӣ дар хусуси молҳои содиротии Бухоро, хусусан ашёи хом ба Русия хабар дода, мефармояд: «...тоҷирон ва соҳибони корхонаҷоти Русия, ки аз Бухоро мисли пахта (панба), пашм ва пӯст ашёи хом харид мекарданд, ба буду нобуди раоёи Бухоро ҳокими мутлақ буданд. Агар миёнаи раоёи Бухоро ва намояндагони туҷҷори Русия мунозирае воқеъ мегардид, ҳукумати Бухоро ҳуқуқи раийяти худро мудофиа карда наметавонист, балки машруъ аст ё ғайримашруъ воситаи иҷрои талаб ва орзӯҳои туҷҷори Русия мегардид» [3, 131]. Бино ба санади Айнӣ Руссия дар охири ҳукмронии Абдулаҳад мехост тамоми молиёти Бухороро расман ба дасти худ дароварад ва бо ин мақсад соли 1910 ҳайати махсус фиристода, ҳамаи воридоти Бухороро ҳисоб карда гирифт [3, 131].

Ахбори Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ҳарчанд тамоми масоили тиҷоратии Бухорову Русияро фаро намегиранд, аммо ҷиҳати омӯзиши масоили тиҷоратии Осиёи Миёна, хусусан Бухоро бисёр муҳим буда, ба ҳақиқат наздиканд. Дар такя ба ахбори онҳо қайд кардан зарур аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии Русияи подшоҳӣ ҷиҳати истилои Осиёи Миёна маҳз ба даст овардани бозори иқтисодӣ дар ин мамлакат буд. Зеро Осиёи Миёна барои заводу фабрикаҳои Русия як манбаи ашёи хом хизмат мекард. Бинобар ин, Осиёи Миёна на танҳо диққати Русия, балки таваҷҷуҳи дигар давлати абарқудрати он давра-Англияро ба худ ҷалб карда буд. Барои ба даст овардани Осиёи Миёна байни Русия ва Анлия рақобатҳо низ вуҷуд дошт.

Тавре қайд кардем муносибатҳои тиҷоратии Осиёи Миёна ва Русияи подшоҳӣ қабл аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба он вуҷуд дошт. Тоҷирони Англия низ ба Бухоро меомаданд. Пас аз ҳуҷуми Руссия ба Осиёи Миёна муносибатҳои тиҷоратии ин давлатҳо суръат гирифт. Ашёи хоми Осиёи Миёна, ба монанди пахта, пашму пӯсти гӯсфанд ва дигар навъҳои ашёи хом аз ҷониби тоҷирони рус харида мешуд ва ё тоҷирони Осиёи Миёна ба Русия мебурданд. Тоҷирони Бухоро бошанд,

аз Русия молҳои саноатӣ ворид мекарданд. Ба инкишофи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Осиёи Миёна ва Русия сохтмони роҳи оҳани Красноводск-Самарқанд, ки аз Бухоро мегузашт, роҳи оҳани Оренбург-Тошкент, ибтидои асри XX сохтмони роҳи оҳани Урсатевская — Қуқанд ва Когон—Тирмиз мусоидат кард [98, 212]. Тиҷорати беруна байни Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Хитой ва дигар кишварҳо дар ин давра то андозае вуҷуд дошт. Аммо аморати Бухоро мисли пештара бо дигар кишварҳо дар соҳаи тиҷорат мустақил ва озод набуда, барои тиҷорат бо дигар кишварҳо танҳо дар асоси ризоияти Русия амал мекард.

Сарчашмаҳои таърихии дар боло зикршуда аз вазъияти савдои дохилӣ хабар надодаанд. Аммо ахбори дигар манбаъҳо воқиф менамоянд, ки на танҳо дар худи шаҳри Бухоро, балки дар дигар шаҳру навоҳии тобеи он савдои дохилӣ ва байнишаҳрии аморати Бухоро вуҷуд дошт. Бино ба ахбори Н. Хаников савдои дохилӣ дар бозорҳо ниҳоят васеъ ҷорӣ буд ва шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Қаршӣ аз марказҳои асосии савдо ба ҳисоб мерафтанд, ки дар он ҷо нарх ва қимати молҳо дар бозорҳо гузошта шуда буданд [57, 161]. Логофет низ аз марказҳои асосии тиҷорат будани Бухоро, молу маҳсулотҳои ба он воридшуда ва аз Бухоро ба дигар кишварҳо содиршуда гузориш додааст [38, 119-126]. Ҳамзамон, роҳҳои корвонгарди байнишаҳрҳо ва вилоятҳои аморати Бухороро чунин тасвир кардааст: «Роҳҳое, ки дар замони қадим ва ҳоло маълуманд, инҳо мебошанд: 1) аз Бухоро ба воситаи қалъаи Каршӣ Каркӣ; 2) аз Бухоро ба воситаи Қаршӣ-Ғузор; Ҳисор- Қурғонтеппа — Балҷувон, Ғарм-Марғелони Нав (вилояти Фарғона); 3) аз Чорҷӯ Каркӣ — Келиф—Тирмиз — Қубодиён, Сарой, Кӯлоб; 4) аз Каркӣ ба шаҳрҳои Афғонистон Андхо ва Маймана; 5) аз Самарқанд тавассути Китоб ба Ғузор, Дарбанд, Шеробод, Тирмиз; 6) аз Чубек ба Кӯлоб ва Ғарм» [38, 121]. Ин ахбори Логофет шаҳодат медиҳад, ки дар байни шаҳру навоҳии Бухоро тиҷорати дохилӣ вуҷуд

дошта, ҳунармандону савдогарон молҳои худро аз як шаҳр ва ё ноҳия ба дигар шаҳру ноҳияҳо мебурданд ва аз он ҷойҳо молҳои дигар меоварданд.

Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба Н. Хаников ва И. Логофет ҳамфикр буда, дар хусуси савдои дохилӣ ва бозорҳо нисбат ба дигар муаррихони он давра маълумоти бештаре овардаст. Бино ба санади ӯ марказҳои савдо на танҳо дар Бухорову Самарқанд, балки дар дигар шаҳру навоҳии тобеи Бухоро вуҷуд доштанд. Ӯ дар хусуси вилояти Хатирчии иёлати Миёнкол мефармояд, ки «сари бозору ҷамъияти он ва тиҷорати он сонии иснайни Бухорои Шариф аст» [46, 66]. Мувофиқи ахбори Гулшанӣ мардуми Каркӣ бештар ба тиҷорати қолин, мардуми Нахшаб ба тиҷорати ғалла, пашминаву гилем, мардуми Қаротегин ба тиҷорати пӯсти ҳайвонҳои ваҳшӣ ва ғайраҳо машғул мебошанд. Гулшанӣ аз бозорҳои ҳар як шаҳру вилоят ёдовар шудааст, ки бино ба санади ӯ дар худи Бухоро ва шаҳру навоҳии атрофи он, Кӯлобу Қаротегин, Қӯрғонтеппаву Ховалинг, Балҷувону Кангурт ва ғайраҳо бозорҳои обод вуҷуд доштааст, аммо ӯ аз сохти бозорҳо ва маҳсулотҳои савдогарон хабар надодааст.

Ахбори сарчашмаҳои таърихӣ дар хусуси савдои дохилии аморати Бухоро ба ҳам шабоҳат доранд. Аз омӯзиш ва баррасии ахбори онҳо бармеояд, ки дар нимаи дуюми асри XVIII –ибтидои асри XX дар ҳудуди хонигарии Бухоро шаҳрҳои ба мисли Бухоро, Самарқанд, Қаршӣ, Шаҳрисабз, Ҳисор ва Кӯлоб марказҳои бузурги тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳо бозорҳо вуҷуд доштанд ва мардум ҳам маҳсулотҳои хоҷагӣ ва ҳам ҳунармандии худро ба фурӯш мебурданд.

Дар солҳои 90-уми асри XVIII дар Бухоро ду бозори калон ва якчанд бозорҳои хурд вуҷуд доштанд, ки яке аз субҳ то нисфирӯзӣ ва дигаре аз нисфирӯзӣ то шом фаъолият карда, савдогарон дар онҳо молу ашёҳои гуногунро ба фурӯш мегузоштанд [88, 350]. Тибқи таҳқиқоти

анҷомдодаи Б. Ғафуров «Он вақт протсеси аз саноат ҷудо шудани тиҷорат ҳоло ба анҷом нарасида буд: дукон дар як вақт вазифаҳои ҳам фурӯшгоҳ ва ҳам коргоҳи косибонро адо мекард, зеро дар Осиёи Миёна низ, монанди кишварҳои асримиёнагии Европа косибону ҳунармандон он вақтҳо дар айни ҳол тоҷир ҳам буданд» [77, 115]. Аммо тавре ки қайд кардем, асосан тиҷорат дар шаҳрҳо дар бозорҳо сурат мегирифт.

Бозорҳои Бухоро бо андоза ва тарҳи худ фарқ мекарданд. Дар охири асри XIX –ибтидои асри XX савдо дар бозорҳои Бухоро ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна нисбат ба солҳои қаблӣ то андозае рушд кард, ки яке аз сабабҳои асосии он кушода шудани роҳҳои корвонгард, хусусан роҳи оҳани Осиёи Миёна ва Русия мебошад. Сохти бозорҳои Бухоро аз қаторҳои савдо иборат буда, дар чороҳаҳо дар биноҳои махсус ҷойгир шуда, аз ду тарафи он дӯконҳо ҷой гирифта буданд [122, 42]. Сухарева қайд менамояд, ки сохти бозорҳои марказии Самарқанду Бухоро ҳамин гуна буданд [122, 42]. Дар ҳар як қатори бозорҳо молҳои махсус фурӯхта мешуд. Дар онҳо корвонсаройҳо низ вуҷуд доштанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар асри XIX дар Осиёи Миёна калонтарин маркази савдо ва тиҷорати берунӣ шаҳри Бухоро ба шумор мерафт ва дар он ҳар сол 12-15 ҳазор шутур молу маҳсулот савдо мешуд [88, 251].

Дар шаҳру навоҳии аморати Бухоро, чӣ тоҷирони калон ва чӣ тоҷирони хурду дукондорон аз ҷониби амалдорони амир мавриди истисмор қарор мегирифтанд. Андозҳои гарон ва ришваву судхӯрии ҳокимон вазъияти савдогаронро хароб мекард. Ғайр аз ин, дар роҳҳо низ амният пурра таъмин набуд. Ғоратгарон ҳар вақт метавонистан ба молу ҷони савдогарон таҳдид кунанд. Аз ин рӯ, муносибатҳои иқтисодии Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Ҳисор, Деҳнав, Кӯлоб, Балҷвон, Қурғонтеппа, Қубодиён, Дарвоз, Қаротегин, инчунин ноҳияҳои Бадахшон ба хонигариҳои Қуқанд ва Бухоро то даврaи истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Русия хеле суст буд [98, 212]. Пас аз ин, Русияи

подшоҳӣ бо мақсади манфиатҳои капиталистии худ ва вусъат додани муносибатҳои тиҷоратӣ, хусусан ҷалби шаҳру ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ ба тиҷорати беруна як қатор роҳҳо сохта, барои амнияти онҳо чораҳо андешид. Аз ҷумла, соли 1900 аз Тирмиз то Кӯлоб роҳи мошингард сохт [98, 212], ки ин ба рушди муносибатҳои иқисодии минтақа бетаъсир намонд.

Ҳамин тариқ, масоили ҳунармандӣ ва савдо дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ, хусусан асарҳои А. Дониш, С. Айнӣ, С. Гулшанӣ, Н. Хаников ва Д. Логофет бештар инъикос ёфтааст, ки ахбори онҳо ба ҳам монанд ва ба ҳақиқат наздиканд. Аз омӯзиши ин манбаъҳо натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ҳунармандӣ ва савдо дар нимаи дуюми асри XVIII дар сатҳи паст қарор дошта, пас аз ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ ва сохта ба истифода додани роҳи оҳан ба Осиёи Миёна тиҷорати дохилӣ ва берунӣ суръати тоза гирифта, ҳунармадӣ то андозае рушд кард.

## БОБИ 3. **БАРРАСИИ ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР МАНОБЕИ ХАТТӢ**

### 3.1.**Инъикоси тарзи андозситонӣ дар аморати Бухоро**

Дар давраи ҳукмронии амирони манғитӣ дар аморати Бухоро андозҳое муқаррар карда шуда буданд, ки аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ, хусусан деҳқонону косибон, чорводорону ҳунармандон, савдогарону тоҷирон ва дигарон ситонида мешуданд. Масоили андозбандиву андозситонии давраи амирони манғитӣ дар манобеи хаттӣ то андозае ишора шудаанд. Аҳмади Дониш ҳарчанд дар мавриди андозҳои замони салтанати Муҳаммадраҳимхон ишора наменамояд, аммо вобаста ба давраи салтанати Дониёд аз якчанд андозҳои аз мардум ситонидамешуда, ба монанди аминона, ҳаққи тарозу, никоҳона, муҳрона ва миқдори онҳо ёдовар мешавад: «Ва бозори хамру қимор ва фисқу фасод бисёр роиҷу гарм буда, дар миёни умаро ва ҳукком. Лекин фуқарро ва раоёро маҷоли ҳаракату сукун набуда, аз фарти зулму заҷр ва олуқу солуқ, мисли аминонаву вакилона ва арзонии никоҳу қиматии никоҳона. Масалан, маҳри муаҷҷал даҳ дирам ва никохонаи қозӣ даҳ динор ва як ман гандум даҳ танга, ҳаққулмизон понздаҳ танга, ало ҳазо» [13, 20]. Дар бораи андозҳои замони ҳукмронии Муҳаммадраҳимохон ва Дониёл атолиқ дар дигар манобеи таърихӣ маълумот дастрас нест. Қайд кардан ба маврид аст, ки тавре аз авзои нобасомони замони Дониёл атолиқ бармеояд, дар давраи ҳукмронии ӯ андозҳои зиёд аз мардум ситонида мешуд, ки далел бар ин гуфтаҳо норозигии мардум ва шӯру ошӯбҳои замони ӯ мебошад. Ҳамзамон, дар ин давра дар баробари андозҳои зикркардаи Аҳмади Дониш андозҳои хироҷ ва закот низ ситонида мешуданд, ки воситаи асосии даромади хазинаи амир ба ҳисоб мерафтанд.

Мушрифи Бухороӣ дар бораи яке аз навъҳои андозҳои замони ҳукмронии Шоҳмурод - ҷизя ишора менамояд, ки нисбат ба мардуми Марв, ки зимни лашкаркашии Шоҳмурод аз Марв ба Бухоро муҳоҷир

шудаанд, таъин намуданд. Масалан, мефармояд, ки бинобар он шоҳ ба уламо ручуъ карданд, уламо фармуданд, ки уламои салаф ҳукм ба куфри эътизолӣ кардаанд, ки агар эътизолиён дар Бухоро хоҳанд, ки истиқомат созанд, бояд ки ҷизя бидиҳанд ва илло аз Бухоро бояд, ки бираванд. Бинобар он подшоҳ ҳукм фармуданд, ки бояд марвиён аз Бухоро раванд ва агар хоҳанд, ки бошанд, ҷизя бидиҳанд ва дар ин боб марвиён чанд рӯзе муҳлат гирифтанд [50, 591а]. Аз ин ахбори кӯтоҳи Мушрифи Бухороӣ бармеояд, ки дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод андози ҷизя аз мардуми куффор ва ё ғайримазҳаб ситонида мешуд, аммо меъёри он дар сарчашма зикр нашудааст. Дар бораи дигар навъҳои андозҳо Мушрифи Бухороӣ ишора накардааст.

Дар дигар манобеи таърихӣ, аз ҷумла «Туҳфаи шоҳӣ»- и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Садриддин Айнӣ дигар навъҳои андоз инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, Мирзо Абдулазими Сомӣ давраи ҳукмронии Шоҳмуродро дар назар гирифта, дар бораи андозҳои ин давра мефармояд: «Сивои закоти шаръӣ аз молу-т-тиҷора, гумрук ва боҷ ва роҳдориро манъ кард. Ҳусули молияи подшоҳӣ холис аз арозии амлок буда, сивои хироҷ ва ушр аз даҳоқин чизе намегирифтанд. Аз куффор ва аҳли замма ҷизя ахз карда, ба махориҷи саркори подшоҳӣ сарф менамуд. Ва масорифи Абулғозихон ва бақияи хонаводаи салтанат аз амлоки холиса муққаррар буда, суюрғали умаро ва кордорони давлат ба дастури маъҳуд барқарор шуда. Аз ҳар касе, ки осори давлатхоҳӣ ва хидмат зоҳир шавад ва ба мазиди атову эҳсон комёб доштӣ, мавоҷиби танхоҳи сипоҳро аз ғайри табзир ва тақтир расонидӣ» [42, 85]. Садриддин Айнӣ ба Мушрифи Бухороӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамфикр буда, мефармояд, ки Шоҳмурод хироҷ ва молиёти подшоҳиро аз деҳқонон ба ҳадди ақал ситонида, дар зироат ба мардум кӯмак мекард. Ҳамчунин, ӯ мефармояд: «Хазинаро низ аз тасарруфи мутлақаи худ бароварда, закот, хироҷ ва соири молиётро ба хонаҳои махсусе гузошта, ба масрифаш мерасонид

[3,16]». Ахбори сарчашмаҳои таърихӣ дар хусуси андозҳои замони ҳукмронии Шоҳмурод ба ҳам монанд буда, ишора менамоянд, ки Шоҳмурод бисёре аз андозҳоро бекор кард, ки ба андешаи мо ин ҳақиқат дорад. Аммо Шоҳмурод бевосита шумораи андозҳоро кам накард. Ӯ худ шоҳид буд, ки дар солҳои ҳукмронии падараш мардум барои ситонидани андозҳои зиёд зуд-зуд ошӯб мебардошт. Шоҳмурод, ки ин вазъиятро дарк карда буд, баробари ба сари ҳокимият омаданаш дар мамлакат ислоҳот ворид намуд. Аз ҷумла, ба ҷуз аз андозҳои шаръӣ: хироҷ, закот ва ҷазия дигар ҳама гуна андозҳо- молиёт, боҷ ва ҷаримаҳоро бекор кард [77, 356]. Аммо миқдори андози ҷизияро, ки аз одамони ғайри мусулмон ситонида мешуд, хеле зиёд кард. Андози хироҷ бошад, андози доимӣ аз заминҳои обӣ буд, ки аз сездаҳ як ва ё аз даҳ як ҳиссаи ҳосилро ташкил дода, сарчашмаи асосӣ ва доимии даромади хазинаи амир ҳисоб мешуд [127, 125; 86, 14]. Дигар аз андози асосии ин давра закот буд, ки аз савдои бозор ва чорвои деҳқонон ситонида мешуд. Ин навъи андозро дар деҳот ва чарогоҳҳо амлокдорон вобаста ба саршумори чорво меситониданд. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқи замони шӯравӣ А. Маҷлисов закот чунин ситонида мешуд: ...аз 5 шутур 1 гӯсфанд, аз 40 гӯсфанд ё буз 1 гӯсфанд, аз 101 то 201 гӯсфанд ва ё буз 2 гӯсфанд [98, 257]. Ҳамзамон, қайд менамояд, ки дар аморати Бухоро аз чорвое, ки дар чарогоҳ парвариш меёфт аз 1/10 ҳиссаи саршумори он, ҳангоми ба бозор ё ба ҷарогоҳи дигар будан аз 1/40 ҳисса ва дар бозор аз 1/20 ҳиссаи саршумори чорво чун закот гирифта мешуд [98, 257].

Мушрифи Бухороӣ дар хусуси андозҳои давраи салтанати Ҳайдар низ ишора намекунад. Оид ба замони Насрулло бошад, воқеаеро нақл мекунад, ки дар он яке аз мансабдоронаш мехоҳад бо мақсади зиёд кардани лашкар андозҳоро зиёд намояд: «Дар замони Баҳодурхон раҳимаҳу-л-Лоҳ чанд мартаба Абдуссамади ноиб арз кард, ки иҷозат диҳанд, ки сарбозро чаҳор - панҷ ҳазор бикунем, он гоҳ дар рӯи замин

ҳарҷо, ки бошад, бигиранд. Фармуданд, ки Бухоро ин миқдор хароҷотро вафо намекунад. Вай боз арз кард, ки ҳар сарборӣ ва пайзамӣ ва алафе, ки дар дарун ва вилояти дигари Бухоро мефурӯшанд, ду пул фармоянд, зиёдатиҳо хоҳад кард. Ҷаноби олӣ фармуданд...дар ман ин тариқа суханҳоро накунед, ки ба шариати ислом норавост..., бинобар он аксар худораҳматӣ қарздор мебуданд [50, 633а-633б]». Аммо ба андешаи мо ин ахбори Мушрифи Бухоройӣ чандон саҳеҳ нест. Зеро аз як амире, ки лақаби « амири қасоб»-ро гирифта буд, чунин ғамхорӣ зоҳир карданаш дар ҳаққи мардум аз имкон дур аст.

Дигар муаррихони давраи манғития, ба монанди Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ масоили андозбандиву андозситонии замони салатанати Ҳайдар ва Насруллоро инъикос накардаанд. Муҳаққиқ ва шарқшиноси рус Н. Ханыков, ки соли 1841 ба Бухоро сарфар карда буд, менависад, ки : «Оид ба шумораи хироҷҳои ситонидашуда мо чизе гуфта наметавонем, аммо ба маълумоти ба даст овардаи мо аз 10 батман нон, кадом намуде, ки набошад, 3 ададаш ба фоидаи хазина, аз як таноб боғ 18 танга, аз як таноб юнучқа шаш танга ситонида мешавад» [57, 119]. С. Айнӣ бо ишора ба замони салтанати Шоҳмурод, Ҳайдар ва Насруллоҳ чунин менигорад: «Дар замонҳои собиқ роҳи мадохили ҳукумати Бухоро мунҳасир буд, ба хироҷ ва ушри заминҳои зироат, закоти савоим закоти молҳои тиҷоратӣ ва амволи луката, яъне молҳои беҳисоб ё беворис...» [3, 109]

Аз таҳқиқ ва омӯзиши дигар манбаъҳои илмӣ бармеояд, ки дар давраи Ҳайдар дар баробари андозҳое, ки дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод вуҷуд доштанд, андозҳои иловагӣ ворид карда шуд. Аз ҷумла, тибқи таҳқиқоти Б. Ғафуров «молиёт ва хироҷҳои бисёр, монанди қушпулӣ, танобпулӣ, алафпулӣ, яксарӣ, чӯбпулӣ, миробона, кавсан ва ғайраҳо дубора ҷорӣ гардида, бори гурӯҳҳои истеҳсолкунандаро вазнинтар намуданд» [77, 96]. Ин андозҳо дар

давраи Насруллоҳ низ вуҷуд доштанд. Ғайр аз ин, ҳар андоз дар ҳар минтақа ба таври гуногун ситонида мешуд.

Аҳмади Дониш вобаста ба давраи ҳукмронии амир Музаффар менависад, ки уммолу мутасаррифон аз заминҳои нокишта ва шудгор ушру хироҷ металабиданд ва «ба музореъ мегуфтанд, ки агар ин замин кишт мешуд, сад ман ғалла ба амал меомад, чун худ эҳмол кардӣ, ғаромат каш. Ва бад-ин иллат деҳқонро дар ҳабсу қайд мекашиданд ва тумонҳо, ки дар вақти амири марҳум даҳ ҳазор тангаву понздаҳ ҳазор танга ушру хироҷ медоданд, дар ин аср ба як лак танга бештар ҷавоб мегуфтанд. Ва ҳар сол дар тирамоҳ амир уммолонро ба ҳисобӣ гирифта, ба зарбу лат моямлик ва мояърифи эшонро ба хазона мекашид ва бад-ин сабаб дираму сими раоё ҳама дар хазона дармеомад» [13, 94].

Мушрифи Бухороӣ низ дар рисолаи худ дар бораи баъзе намуди андозҳои замони ҳукмронии амир Музаффар маълумот додааст. Бино ба ахбори ӯ дар ин давра баъзе заминҳои бекора, дарахтони лаби роҳ ва ҷуйҳои ом подшоҳӣ карда шуданд. Хусусан, ба иттилои ин манбаъ баъзе вақфҳо, замину ҷойҳо, ки васиқаи ҳукм надоштанд ва ё баъзе дарахтҳо, ки бар лаби роҳи рут ё ҷӯйи ом нишонандаанд, ин ҳамаро подшоҳӣ карданд [50, 633а]. Мушрифи Бухороӣ дар баробари ин қайд менамояд, ки дар ин давра андози аминона ҷорӣ карда шуд. Ӯ тарзи андозситонӣ ва меъёри онро чунин овардааст: «баъд аз он аминона гуфта чизеро баровардаанд, ки ҳар кӣ асп фурӯшад, ду танга медиҳад ва агар хар фурӯшад, се мирӣ медиҳад, агар касе гӯсфанд фурӯшад ё харад, як мирӣ, ки ҳар гӯсфанде аз фурӯшанда ва чаҳор пул аз харидагӣ, инчунин дар гандум ва ҷав ва ҷуворӣ ва зағер ва мош ва наҳир ва алаф, яъне ҷамеи ашёе, ки мефурӯшанд, аминона медиҳанд. Ва аминона ҳар бозор ва ҳар чизро ҷудогона дар соле як бор ва ё ду бор ва ё моҳе як бор медодагӣ карда, ба ҳар кадом иҷорадор бимонданд. Як дунёе аз некор дар подшоҳӣ ҳосил гардид, ки баробари закоти вилоят, балки зиёда мебошад. Ва аз чаҳор ҷониби рӯи замин дар Бухоро мол меояд ва

меравад, вайро чаҳорроҳӣ ном карда, аминонаи вайро шаш адад - ҳафт адад иҷорадор мемонанд. Пуле, ки аз вай мешавад, бе андоза мебошад,... ҳар навъе карда хазинаҳоро пур карданд» [50, 633а]. Бино ба санади ин манбаъ амир Музаффар аз ин навъи андозҳо се хазина ва Абдулаҳад ҳафт хазинаро пур карда, ҳамчунин молу амволи нафареро, ки вафот мекарду меросхӯраш дар наздаш намешуд ва ё баъдан пайдо мешуд, онро подшоҳӣ менамуд [50,633б]. С. Айнӣ ва И. Логофет низ аз ситонидани андози аминона ба Мушрифи Бухоройӣ ҳамфикр мебошанд [38, 48]. Аз ҷумла, С. Айнӣ мефармояд, ки дар замони амир Музаффар бо роҳнамоии қозӣ Бурҳониддин дар бозорҳо бо номи аминона андозе вазъ карданд [4, 18]. Аммо Мирзо Абдулазими Сомӣ, ки аз хидматгузорони дарбори Музаффар буд, дар ин масъала ҳарфе ба қалам надодааст. Ахбори Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоройӣ ва Садриддин Айнӣ ба ҳақиқат наздик буда, боиси эътимод мебошанд.

Мушрифи Бухоройӣ якчанд навъи дигари андозҳоро дар замони ҳукмронии амир Музаффар инъикос менамояд, ки асосан аз мардуми оддӣ ситонида мешуданд. Тибқи иттилои ӯ Музаффар ҳар нафареро, ки ҳокими ин ё он шаҳр таъин мекард, дастур медод, ки хироҷи фуқарро ситонида, онро ба лашкаре, ки дар он шаҳр аст, масраф намояд [50,633б]. Ғайр аз ин, ҳар ҳоким вазифадор буд, ки ҳар сол як маротиба ба амир туқсонтортуқ фиристад. Ин ҳам меъёри худро дошт. Мушрифи Бухоройӣ менигорад, ки ҳокимони қадим дар соле як бор туқсонтортуқ мекарданд, ки ҳар шаҳр мувофиқи ҳоли худ даҳ сарӣ асп ва даҳ буғча сарупо ё зиёда ё кам ба андозаи мулки ӯ ва дигар ҳар шаҳре дар вақти қушун даҳ сарӣ ё понздаҳ сарӣ, ё зиёда асп тавачона медоданд [50, 633б].

Гарчанде А. Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ин хабарро тасдиқ намекунанд, аммо Садриддин Айнӣ ба Мушрифи Бухоройӣ ҳамфикр буда, қайд менамояд, ки «Илова бар инҳо расми ҳадя ва тортуқи қозиён дар аҳди ин амир ранги мадохили ҳукуматро гирифт. Амир ба қозиён ихтиёр дод, ки аз райя ба унвонҳои мухталиф пул ҷамъ

мекарданд ва аз онҳо як миқдорашро ба амир ба унвони ҳадя, пешкаш, луқата ва мозода тақдим менамуданд. Ба ин восита дар аҳди ин амир мансабҳои қазо ва раёсат хеле аҳамият пайдо карда, толиби ӯ аз муллоён бисёр шуд. Ин низ як сабаби баста шудани уламо ба дарбор буд» [3, 98]. Ҳамзамон, дар ҷойи дигари ҳамин асараш такрор менамояд, ки дар авохири аҳди амир Музаффар аминонаи бозорҳо авқофи мусодара шуда ва пешкаши қозӣ ва раисон бар ин ҷумла изофа шуд» [3, 109]. Бино ба тайиди ахбори «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ ҳама андозҳои мулки Бухороро амлокдорон ҷамъ мекарданд ва ҳар навъе, ки мехостонд, деҳқононро пешакӣ андоз мебастанд ва ё андозҳои нав ҷорӣ мекарданд. Хусусан, муаллиф аз тарзи ситонидани андози хасбур, ки дар ҳамин давра ҷорӣ шуда буд, ёдовар шудааст. Тибқи маълумоти ӯ амлокдорон дар баҳор аз кишту кори деҳқонон дидан карда, ба тарзи дилхоҳи худ андозаи замин ва меъёри андозро ба қайд гирифта, дар тирамоҳ деҳқононро барои супурдани он маҷбур мекарданд. Соҳиби замин ҳарчанд мегӯяд, ки ин замин худаш ним таноб аст ё се чаҳоряк таноб аст, ҳосили ин он миқдор агар худо диҳад, мешавад ё не. Фарзан, агар офате расад, он ҳам нест, ман чи навъ мекунам, касе гӯш намекунад. Ҳарчанд ки дод гӯяд, менависанд ва мераванд. Алаф ва ҷуворӣ ва ғуза - ҳамаро инчунин дар ҳангоми кабудӣ омада тахмин карда навишта мераванд. Вақте ки соли нав шуд, баъд одам фармуда, пули онро аз рӯи навишта мегиранд. Агар деҳқонон гӯянд, ки кандам ё ғузаи маро ду ман навишта буданд, таҳқиқ кунед, ки ман ду ман ғуза нагирифтаам, касе доди вай ва сухани вайро гӯш намекунад. Агар надиҳад, овехта мегиранд ва ҳабс карда мегиранд. Ҳарчанд фуқаро ҷамъият намуда, омада арз кунанд, ҷаноби олӣ пеш мекунанд, ё гирифта ҳабс мекунанд. Касе ба фарёди фуқаро намерасад. Билохир мардумони амлоккорон тарки деҳқонӣ намуда, замини амлокро намехарад [50, 634а-634б]. Ин ахбори Мушрифи Бухороӣ дар рисолаи «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и С. Айнӣ низ инъикос

шудааст [3, 111]. Аммо Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ аз ин навъи андоз хабар надоданд. Ба эҳтимоли зиёд А. Дониш бинобар сабаби ба масоили сиёсӣ бештар таваҷҷуҳ намуданаш ин масъаларо аз назари худ дур гузоштааст ва Мирзо Абдулазими Сомӣ бошад, аз сабаби он ки худ хидматгузори дарбори Музаффар буд ва ин масъалаҳоро хеле хуб медонист, вале ба навиштанаш ҷуръат намекард.

Андозҳои замони ҳукмронии амир Музаффар дар «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Муширифи Бухорой нисбат ба дигар андозҳои давраи манғитӣ ва нисбат ба дигар сарчашмаҳои таърихӣ тасвири бештари худро ёфтааст ва ахбори ин манбаъ дар ин хусус ба ҳақиқат наздик мебошад.

Дар баробари ин бояд тазаккур дод, ки амир Музаффар барои пур кардани хазинаи худ аз ҳама гуна имкониятҳо истфода мекард. Қисми заминҳои вақф ба фоидаи аморат мусодира карда шуда, амир ба қозиҳо иҷозат дод, ки ба ҳар восита аз аҳолӣ пул ҷамъ кунанд [77, 206]. Бинобар ин, вақте ки мардум ба амир арзу шикоят мекарданд, ҷавоби мусбӣ намегирифтанд. Зеро як ҳиссаи пулҳои ҷамъкардашуда ҳамчун туҳфа ба хазинаи амир ворид мегардид. Ғайр аз ин, амир Музаффар андозҳои ғайришариатии «аминона» ва «хасбур»-ро ҷорӣ кард. Аминона андозе буд, ки ҳар касе дар бозор чизе фурӯшад, аз он ба амини бозор фоизи муайян ҳақ медод. Ин андоз ба харидор низ дахл дошт, аммо ӯ нисбат ба фурӯшанда камтар ҳақ месупорид. «Аз ин андоз чунон фоидаи калоне ба хазинаи амир дохил мегардид, ки ба кавле на камтар, балки бештар аз закоти солонаи вилояти Бухоро будааст» [102, 11]. Ситонидани андози хасбур бошад, чунин сурат мегирифт, ки амлокдорону омилони хироҷи амир бо чанд мансабдору сардорони деҳаҳо ҳосили ҳанӯз нарасидаи деҳқононро пешакӣ аз диди худашон муайян карда, ба деҳқон супоридани микдори аз будаш зиёди ҳосилро ҳамчун хироҷ сабт намуда мерафтанд [102, 11]. Чунин андозҳои зиёдатӣ ва тороҷ кардани мардум боиси ошӯбҳои зиёди мардумӣ мегардид.

Дар давраи амир Абдулаҳад низ аз мардум андозҳои зиёд ситонида мешуд ва ин боиси сар задани ошӯбҳои халқӣ мегашт. Аммо масоили андозситонӣ дар замони амир Абдулаҳад дар як қатор сарчашмаҳои таърих, хусусан асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ тамоман ишора нашудааст. Мушрифи Бухороӣ бошад, танҳо аз ҳаҷми андозҳои бекигарии Ҳисор, ки ба хазинаи амир месупориданд, ёдрас шудааст: «Аз хироҷи мулки Ҳисор як сад лак танга мешуд ва агар диҳанд, ниҳоят бисёр додагиашон дар як сол чаҳордаҳ лак танга доданд. Ҷаноби олӣ ҳам медонистанд, аммо бисёр риоят мекарданд, мардуми руъоёро роҷе кунанд» [50, 664а]. Аммо ба андешаи мо ин ахбори Мушрифи Бухороӣ чандон саҳеҳ нест ва ӯ, бо вуҷуди он ки шоҳиди воқаҳои ин замон буд, ба хотири ҳифзи нуфузи амир Абдулаҳад ҳақиқати таърихро пинҳон доштааст. Аҳмади Дониш ва Мирзоазими Сомӣ низ аз андозҳои замони амир Абдулаҳад ёдовар нашудаанд.

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ, ки яке аз хидматгарони дарбори амир Абдулаҳад буд ва бахшида ба 25-солагии ҳукмронии Абдулаҳад асари таърихиву ҷуғрофе бо номи «Таърихи ҳумоюн» таълиф намудааст, дар бораи баъзе пардохти андозҳо дар ин ва ё он шаҳру ноҳия маълумоти умумӣ ва пароканда додааст. Мувофиқи ахбори ӯ мардуми навоҳии Қарнаб, ки аз тобеони вилояти Кармина аст, аз боғу бустон хироҷ намедоданд ва аз заминҳои лалмӣ бошад, андаке хироҷ месупориданд [46, 63]. Аммо Содиқхоҷаи Гулшанӣ аз миробона супурдани мардуми ин ноҳия ишора мекунад. Назар ба ахбори ӯ дар маркази Қарнаб чашмае буд, ки ҳар касе аз он як соат барои зироати худ истифода мебурд, як ҳазор дирам ва агар як шабонарӯз истифода мебурд, 20 ҳазор дирам месупорид [46, 64]. Ҳамчунин, ӯ оид ба андози ноҳияи Хузор, ки тобеи вилояти Ҳисор буд, мефармояд: «Ва закоти онҳо болиғ бар як милюн танга мешавад ва хироҷи зироати онҳо низ кам аз маблағи мазкур нест ва нахохад буд» [46, 102].

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ аз андозҳои чанд навоҳиву вилояти дигар низ ёдрас мешавад. Мувофиқи ахбори ӯ андози мардуми Ғарм ба токӣ аст (як ё ду токӣ). Меъёри андозҳои мардуми қалъаҳои Пумбачӣ ва Оби Гармро чунин шарҳ додааст: «...воридоти ҳукуматӣ ва хироҷи онҳо ба тариқаи таомули қадим ба вақти ҳокимони худсари худҳо медодагиро медиҳанд... Ва қозиёни ин вилоят аз тарафи ҳокимони он мансуб мегардад ва ҳаққу-т-тарака ва никоҳона аз таомули бобоии онҳо ҳаққи ҳоким аст, қозӣ ба он дахле надорад. Ва хироҷи онҳо чандон чизи казоӣ нест. Ҳарсола камтар равғани зард ва як табақ қурут ба ҳоким медиҳанд. Ҳар сола ба ҳар сари хона чизи андак аст, ба даҳяки Бухоро ҳар сола медодагии ҳар хонавор намерасад.» [46, 154] Аммо ин далели ӯро маълумоти овардаи А. Арандаренко, С. Айнӣ ва И. Логофет комилан рад мекунанд. Масалан, Г.А. Арандаренко менависад, ки беки Қаротегин, новобаста ба андозҳои пардохткарда, ки 300 ҳазор рублро ташкил мекунад, ба монанди дигар ҳокимон ба амир тортуқ ва ҳадяҳо мефиристад. Ҳар як тортуқ аз нуҳ буғча (дар ҳар буғча 10 ҷома бо нархи аз 200 то 10 рубл), 9 асп бо зину абзори нуқрагин, 2-5 барзагов ва ё ғуноҷин, як хурҷин пур аз тангаи нуқрагин, ки аз 4 ҳазор то даҳ ҳазор рублро ташкил мекунад, иборат буд. Ҳаҷми умумии тортуқ 10 -15 ҳазор рубл арзиш дошт, ки соле се маротиба ба амир фиристода мешуд, аммо дар маротибаҳои дигар нисбатан камтар [22, 450-451]. С. Айнӣ низ далели А. Арандаренкоро тасдиқ намуда, дар масоили тортуқ маълумотҳои ҷолибе овардааст. Бино ба иттилои ӯ дар ин вақт туҳфа ва ҳадияҳо ба амир аз ҷониби ҳокимон як амри маҷбурӣ ва ҳатмӣ гардида буд. Онҳо ҳар сол, ҳангоми аз сафарҳо баргаштани амир ва дар мавриди идҳо тақдим карда мешуданд. Асосан ин туҳфаҳо аз худи хазинаи амир бо супориши ӯ харида ва боз ба амир тақдим карда мешуданд. Ғайр аз ин, ҳар касе, ки ба мансаби қозигӣ таъин мешуд, ӯ ба амир пешкашҳо

тақдим мекард ва ҳаҷми ин аз масоҳат ва ҳудуди вилояти таъинкарда вобаста буд.

Тибқи маълумоти Г.А. Арандаренко дар солҳои 80-уми асри XIX, ки ба давраи ҳукмронии амир Музаффар ва Абдулаҳад рост меояд, Қаротегин ба андозаи 43, 700 рубли русӣ ва Дарвоз 31 ҳазор рубл андоз ҷамъоварӣ мекард, ки аз ин аз 3/4 ҳиссаашро ба ҳукумати марказӣ барои нигоҳ доштани ҳокимият месупорид [22, 449-450]. Афсар ва шарқшиноси ҳукумати подшоҳии рус А. Е. Снесаров, ки соли 1899 ба Туркистон ба хизмати ҳарбӣ омада буд, 10 номгӯи андозҳоро, аз қабили закоти чакана (аз шахсе ситонида мешуд, ки аз 40 гӯсфанд ё буз камтар дошт (аз ҳар гӯсфанд ним танга), қушпулӣ (аз ҳар ҷуфти буқаҳои корӣ аз 40 то 8 танга), яксара (ин навъи андоз ғайр аз қушпулӣ аз деҳкононе ситонида мешуд, ки як буқа доштанд (нархи ним батман), кафсан (барои ҳар як батман ғалладона як пуд ба фоидаи амлокдор ), миробона (андоз ба фоидаи мироб), кафсандаргоҳ (андоз ба фоидаи намояндаи бек ё амлокдор), аминона, осиёбпулӣ ё оби ҷувозпулӣ (аз 20 то 100 танга дар як сол), танобпулӣ ва алафпулӣ ( ин навъи андоз аз боғҳои мевадор, аз ҳар таноб ба фоидаи бек аз 16 то 18 танга дар як сол), боҷи гумуркӣ (барои аз пулҳо гузаронидани чорво, аз ҳар шутур сӣ танга, аз асп як танга ва аз хар ним танга ба фоидаи девонбегӣ) [54, 142-146] зикр намудааст. Аммо А. Снесарев низ на ҳама андозҳои ин даврaро қайд менамояд. И. Логофет низ ба А. Снесарев ҳамфикрӣ зоҳир намуда, менигорад, ки дар Бухоро андозҳои хироҷ, закот, аминона ва ҷизя ва як қатор андозҳои дигари ғайри шаръӣ, аз ҷумла андозҳо аз пулҳо, боғҳои мевадиҳанда, обчакорӣ, аз пода, аз ҳар як сар чорво, шутур, хар, асп, ҳар як баста, истеҳсолоти бозорӣ, ҳама намуди маҳсулотҳои бозор, об аз мардум ситонида мешуд [38,48]. Ҳамзамон, қайд менамояд, ки дар Бухоро ба ҷуз аз ҳаво дигар аз ҳама чиз андоз мегиранд [38, 48]. Ин хулосаи Логофет ва А. Снесаревро С. Айнӣ тасдиқ намудааст. С. Айнӣ масоли андозситониро нисбат ба дигарон шарҳу тавзеҳ дода,

менависад: «Дар аҳди амир Абдулаҳад сурати ҷамъи закоти савоим ва ҳиссатулхироҷи заминҳои зироат ва ахзи закоти турук ва шавореъ як ранги тороҷ ва ярморо гирифт. Бинобар як таомули куҳна аз ҳосилоти заминҳои мамлукаи султонӣ (аксар заминҳои Бухоро аз ҳамин қисм аст) аз даҳ чаҳор, яъне аз сад чиҳил ба ҳисоби хазина ситонида мешуд. Дар аҳди Абдулаҳад ҳамин таомул расман ва суратан ҷорӣ буд. Аммо маънан ва ҳақиқатан аз даҳ ду ё аз даҳ се ба ҳисоби деҳқон мемонд ё наемонд. Боқӣ ҳама аз они подшоҳ ва аъвони ӯ буд. Зеро истифои 4 ҳаққи подшоҳӣ ба ин тариқа буд: вақти расидани ҳосил муставфии хироҷ (амлокдор) ё намояндаи он бо саворе чанд ба сари замин омада ҳосилро аз будаш ду дараҷа зиёдтар тахмин карда, миқдори ҳаққи подшоҳиро ба қиёси он тахмин ба номи деҳқони фалакзада навишта меравад. Дар вақти тахмин як шахсе ба сифати аминӣ ба унвони намояндагии деҳқон ҳамроҳӣ муставфиён бошад ҳам, аз ин амин ба деҳқон нафъе намерасид, азбаски нони амин аз табақи муставфӣ равғанӣ мешавад, ин ҳам ба қадри мақдур тахминро мувофиқи дилхоҳи муставфӣ мекунад» [3, 111]. Тибқи ҳамин манбаъ дар охири сол, ки одатан нархи ғалла гарон мешавад, маъмурони хукумат боз як ду бозорро гаронтар карда, нархро ба амир арз мекарданд ва нархҳои арзшуда аз тарафи амир тасдиқ мешуд, ки ба ҳамин нарх ҳаққи подшоҳиро аз деҳқон меситониданд. Ин ахборе, ки аз Садриддин Айнӣ вобаста ба давраи амир Абдулаҳад зикр кардем, дар рисолаи Мушрифи Бухороӣ дар давраи амир Музаффар вохӯрдан мумкин аст, ки дар боло ёдовар шудем. Яъне, аз ахбори ин манобеи таърихӣ бармеояд, ки андози хасбур дар давраи амир Музаффар ва амир Абдулаҳад як хел ситонида мешуд.

Садриддин Айнӣ андозҳоеро низ дар ин давра қайд мекунад, ки аз чорводорон меситониданд. Аз ҷумла, ӯ мефармояд: «Закоти савоимро аз галаҳои мавҷуда мувофиқи шаръ мегирифтанд, лекин зулм дар ин ҷо буд, ки падар ё бобои касе як рамаи гӯсфанд доштааст, ҳоло он

гӯсфандон баъзан ё куллан талаф шудааст, маазолика мувофиқи дафтарҳои куҳна ба закот додан маҷбур буд. Вақте ки чорводоре ба рамаи худ закот дод, аз рӯи шариат ба ҳосилоти он рама дигар чизе лозим нест, лекин ҳукумати Бухоро ба замми ин ки аз рама закот мегирифт, аз пашм ва пӯсти барраи он рама боз дигарбора закот мегирифт» [3, 112]. Садриддин Айнӣ дар хусуси андози роҳ менависад: «Вақте ки ҳар мусофир ва муқим аз шаҳре ба шаҳре, ба музофоти Бухоро меравад ва аз пеши омили закот мегузарад, то пироҳан ва шалвораш муояна мешавад, баъд аз муояна, агар чизе қобили закот надошта бошад ҳам, боз маҷбур аст, ки «роҳовард» гӯён як чизе ба ҷаноби омил бидиҳад. Агар чизе дар анбон дошта бошад, хоҳ он чиз молуттиҷора бошад, хоҳ не, хоҳ ба ҳисоби закот бирасад, хоҳ нарасад, омил ба қадри дилхоҳи худ закот ҳисоб карда мегирад ва ба дасти мумиилайд як хатти закот медиҳад...» [3, 122] , ки ин мушоҳидаи Айнӣ асоси воқеӣ дорад.

Аз маълумотҳои зикршуда бармеояд, ки ахбори Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар хусуси андозҳои аморати Бухоро сатҳӣ ишора ёфта, дар доираи эҷоди муаллиф қарор доштааст. Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар асл аз тамоми андозҳои гарони замони салтанати амир Абдулаҳад бохабар буд, вале ӯ ин ҳамаро пинҳон дошта, ҳақиқатро дар асари худ ҷой надодааст. Сабабаш он аст, ки ӯ вобаста ба мавқеи худ ба мардуми камбағал ва деҳқон назари воқеъбинона надошт. Аз тарафи дигар ӯ ин асарро, ки ба амир тақдим карданӣ буд, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист масоили андозситониро, ки ҳар рӯз арзу шикоятҳо мерасид ва шӯру ошӯбҳо бармехест, одилона инъикос намояд. Гулшанӣ фақт ба хотири «хок пошидан ба чашми хонанда» меъёрҳои андозсупориеро (тавре дар боло қайд кардем) овардааст, ки комилан ҳақиқат надоранд. Воқеияти ҳол дар асарҳои Г.А. Арандаренко ва Д.Н. Логофет инъикос ёфта, ахбори онҳо ба ҳақиқат наздик аст. Бо вуҷуди ин Гулашанӣ аз

мавҷудияти як қатор андозҳо дар давраи Абдулаҳад, ба монанди миробона, никоҳона ва қосиму-з-закот маълумоти умумӣ додааст.

Бараъло маълум аст, ки андозҳои аминона ва хасбур, ки дар давраи амир Музаффар пайдо шуда буданд, дар давраи амир Абдулаҳад боқӣ монданд. Амир Абдулаҳад ҳеҷ як андозро кам накард ва дар ин бора заррае аҳволи вазнини мардумро ба назар нагирифт. Хироҷ ва закот низ вуҷуд дошт. Махсусан, хироҷ, ки дар даврaҳои пештар мувофиқи меъёри муайян ва сабуктар ситонида мешуд, дар давраи ҳукмронии Музаффар ва Абдулаҳад қариб ба дараҷаи рӯёнидани тамоми ҳосили деҳқон мерасид. Закот бошад, дар давраи амирони мазкур то даҳ маротиба ситонида мешуд, ҳол он ки дар даврaҳои аввал меъёри он соле як маротиба муайян карда шуда буд. Ҳатто «аз мардикороне, ки пулашон ба сад танга ҳам намерасид, закот гирифта мешуд» [4, 18].

Амир Абдулаҳад мисли падараш ниҳоят ҳарис буд. Ин нафси бади онҳо боиси ҷабру ситами мардум ва андозҳои зиёдативу иловагӣ мегардид. С. Айнӣ дар асари худ «Таърихи амирони манғити Бухоро» воқеаеро нақл мекунад, ки оид ба ин масъала ниҳоят ҷолиб аст: «(Абдулаҳад) барои пешкаши дарбори давлати Русия ва махориҷи паривашони Ялта хеле маблағ лозим дошт. Табиӣ таъмини махориҷи мазкура ва таскини нафси ҳарис ба воситаи ҳукком ва қуззот аз болои раийяи шӯрбахт омода мегардид» [3, 108].

Аз омӯзиш ва таҳлили манобеи таърихӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки дар давраи амир Абдулаҳад андозҳои хироҷ, закот, аминона, хасбур, миробона, никоҳона, андози роҳ, андози чорво, андози пашм, қосиму-з-зукот, ҷизя, туҳфаву ҳадияҳое ва ғайраҳо ситонида мешуд. Қисме аз ин андозҳо дар давраи дигар амирон ҷорӣ буданд, аммо бо сабаби аз рӯйи меъёр супурдани онҳо ба мардум чандон мушкил намеафтод. Дар давраи амир Музаффар ва Абдулаҳад бо вуҷуди зиёд шудани шумораи андозҳо, ситонидани онҳо низ ба маротиб афзуд.

Ҳатто аз мардикороне, ки дар ин ё он ҷой кор мекарданд, маҷбуран андоз меситониданд. Дар ҳолати насупоридани андоз, мардикорон ба ҳабс ва шиканҷа гирифтор мешуданд.

Ҳамин тариқ, андозҳои замони ҳукмронии амир Абдулаҳад дар асарҳои Мушрифи Бухоронӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ воқеъбинона инъикос нашуда, муаллифон аз зикри онҳо дар асарҳои худ, бо вуҷуди огоҳ будан аз ҳама намуди андозҳо худдорӣ карда, ҳақиқатро пинҳон доштаанд. Асли воқеаҳо дар асари «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Садриддин Айнӣ, асарҳои А. Арандареко, Н. Хаников, Д.Н. Логофет ва А.Е Снесаров пурра ва воқеъбинона тасвир шудаанд.

Дар давраи амири дигари манғитӣ амир Олимхон аз мардум андозҳои гарон ситонида мешуд, ки Мушрифи Бухоронӣ дар ин бора чандон ишораи ҷиддӣ накардааст. Ӯ танҳо ба таври умумӣ мефармояд: «Баъзе боҷу хироҷро назар ба вақти падарашон аз фуқаро камтар ва сабуктар фармуданд ва низ моҳонаи сарбозия ҳар моҳ бист танга мебуд, вайро шаст тангагӣ ҳармоҳӣ фармуданд дар ҷамеи сарбозия ва низ ҷамеи навкария дастаҳо он чи монда буд...» [50, 678а] Ин далели Мушрифи Бухороиро Садриддин Айнӣ тасдиқ мекунад. Назар ба ахбори ӯ амир Олимхон дар баробари ба сари ҳокимият омаданаш вазъи мураккаби ҳокимиятро дар назар гирифта, фармон бароварда, ки мувофиқи он тортуқу ҳадяҳо манъ карда шуда, ҳисат -ул-хироҷи заминҳои султонӣ, ки аз даҳ ҳисса чаҳор ҳисса гирифта мешуд, баъд аз ин аз даҳ се ҳисса гирифта шавад [3, 134] ва ин фармонро ба саросари шаҳру навоҳии ҳукумат фиристод. Ҳарчанд ин фармон дар амал татбиқ карда шуда бошад ҳам, иҷрои он дер давом накард. Баъд аз муддате тортуқ ё ҳадия ба подшоҳ аз нав ҷорӣ шуд, ки ин ҳокимону қозиёнро хеле хурсанд кард. Ҳамчунин, худсариҳои ҳокимони маҳалӣ ва ғоратгариҳои онҳо идома ёфт. Кам шудани як меъёри андозҳои замин ҳам амалӣ нашуд ва андозҳо аз рӯйи тахмин ҳисоб карда мешуданд.

Садриддин Айнӣ қайд менамояд, ки ҳатто аз нафароне, ки барои кор ба Туркистони русӣ мерафтанд, ҳангоми баргаштанашон дар сарҳад закот ситонида мешуд: «...закотчиёни сарҳад ба унвони закот аз ашьё, амвол ва нуқудашон ба қадри дилхохи худ меситониданд. Агар дар миёни ашё ягон порча қумоши нафис пайдо шавад, «Ин ба ҷаноби мир ё бегиҷон лозим аст», гуфта ғасб менамуданд. Муздури бадбахт бо бақияи амволаш, ҳамин ки дохили хона мешавад, маъмурон ва нукарони ҳоким ба дастёрии кадхудоёни деҳ ҳаррӯза ба сараш як даъвои тоза бароварда, дар фурсати андак ҳамаи буду нобудашро ба харҷи мурофиа, ҷурмона ва хидматона ба ярмо мебаранд» [3, 140].

Андозҳое, ки дар давраи амир Абдулаҳад ситонида мешуданд, дар давраи амир Олимхон низ ҷорӣ буданд. Ҳарчанд амир Олимхон ду маротиба дар кишвар ислоҳот ворид кард, аммо ин ислоҳотҳои ӯ тазоҳурӣ анҷом ёфта, дар амал татбиқ нашуданд. Бинобар ин, ҷабру ситами мардум ва худсариҳои амалдорони амир боиси ошӯбҳо гашта буд.

Аз омӯзиш, таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои таърихӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар аморати Бухоро зиёда аз 40 навъи андозҳо ҷорӣ буд [124, 20-21]. Андозҳои хироҷ, закот ва дигар навъҳои он ҳаҷми муайён надошта, ба қонунҳои шариат мувофиқат намекард ва меъёри онҳо ба хоҳиш ва нафси шахсони мансабдор вобаста буд [106].

Ҳамин тариқ, дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухороӣ масоили андозбандиву андозситонии замони ҳукмронии амирони манғитӣ чандон воқеъбинона ва муфассал зикр нашудааст, аммо баъзан ҷузъиёти ин масъала дар асарҳои зекршуда хеле хуб ба мушоҳида мерасанд. Сабаби ба таври васеъ инъикос наёфтани ин масъала дар рисолаҳои зикршуда аз як тараф хидматгорони дарбор будани муаллифон бошад, аз ҷониби дигар он аст, ки ин гуруҳи муаллифон ба инъикоси масоили сиёсӣ бештар

таваҷҷуҳ намуда, ин масъалаҳоро барканор гузоштаанд. Хусусан, Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба хотири пинҳон доштани фасодкорӣ ва ғоратгариҳои амирони манғитӣ қасдан масоили андозбандиро дар асари худ ғайривоқеӣ овардааст. Аммо дар ин маврид ахбори Садриддин Айнӣ. А. Арандаренко, Н. Хаников, Д.И. Логофет нисбат ба дигар манобеи таърихӣ ба ҳақиқат наздик аст. Яке аз сабабҳои воқеъбинона инъикос ёфтани ин масъала дар рисолаҳои муаррихони зикршуда дар он аст, ки муаррихони рус побанди синфи ҳукмрони аморати Бухоро набуда, ин масъалаҳоро бетрафона инъикос намудаанд. С. Айнӣ бошад, аз табақаи камбағалу деҳқони замони манғития буда, аз дарбор ҳеҷ манфиате надошт. Аз тарафи дигар ин асари худро дар даврае таълиф намуд, ки ҳукмронии амирони манғитӣ ба поён расида буд.

### 3.2. Таҳлили ҷунбишҳои халқӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ

Дар манобеи таърихӣ оид ба ҷунбишҳои халқии замони ҳукмронии Муҳаммадраҳимхон, Дониёл атолиқ ва писараш Шоҳмурод маълумоти мушаххас зикр нашудааст. Аммо бино ба санади А. Дониш дар замони ҳукмронии Дониёл ҷабру зулм ба мардум аз ҳад зиёд раво дида мешуд [13, 20-21]. Эҳтимол меравад, ки Мирзо Абдулазими Сомӣ аз сар задани шӯришҳои халқӣ хабардор буд, аммо ба хотири нуфзи хонадони манғития ошӯбҳои халқиро пинҳон дошт. С. Айнӣ ошӯбҳои халқии он даврароз мади назари худ дур мондааст. Ҳақиқат ин аст, ки дар давраи ҳукмронии Муҳаммадраҳимбий дар Осиёи Миёна парокандагии феодалӣ вуҷуд дошта, мудом ҷангу хунрезиҳо дар байни ҳокимони маҳаллӣ ба вуҷуд меомад. Аз ин сабаб эҳтимол меравад, ки шӯришҳои мардумӣ дар ин давра сар назадаанд ва ё ба вуҷуд омада бошанд ҳам, ҷудо намудани онҳо аз кашмакашиҳои феодалон дар

манобеи хаттӣ ниҳоят мушкил аст. Дар замони ҳукмронии Дониёл атолиқ бошад, як қатор андозҳои нав ҷорӣ гардид, ки пардохти онҳо аз ҷониби мардум мушкил буд. Дар баробари ин, дар натиҷаи вусъат гирифтани парокандагии феодалӣ ва худсариҳои ҳокимони маҳаллӣ вазъияти мардум боз ҳам баттар шуд. Мардум ба ҳамаи ин тоқат накарда, борҳо дар Бухоро шӯриш бардоштанд [77, 90]. Хусусан, дар соли аввали ба тахти ҳокимият нишастани Шоҳмурод (1785) дар Бухоро шӯриши калон сар зад. Дар натиҷа беш аз ҳазор нафар ба қатл расонида шуд [77, 92]. Шоҳмурод шӯришро пахш карда, барои қонеъ гардонидани талаботи мардум як қатор тадбирҳо андешид. Масалан, миқдори андозҳоро кам карда, ба мардум ваъда дод, ки ҷабру зулмро аз сари онҳо дур хоҳад кард. Ӯ дар ин хусус фармон бароварда, онро дар рӯйи санг сабт карда, дар пештоқи масҷиди ҷомеи Бухоро гузоштанд. Аммо ин амалҳои анҷомдодаи Шоҳмурод тазоҳурӣ буда, ба хотири пароканда кардани шӯришгарон анҷом дода шуд.

Мушрифи Бухороӣ дар асари худ дар хусуси ошӯбҳои халқии замони ҳукмронии амир Ҳайдар дақиқан ишора намекунад, аммо ҳаводисеро баён медорад, ки дар бобати шӯришҳои халқӣ хеле ҷолиб аст. Мувофиқи маълумоти ӯ амир Ҳайдар, ки бештар ба илму донишандӯзӣ машғул буд ва ба корҳои сиёсии давлат кам аҳамият медод, душманон аз ҳар ҷо сар бароварда, ба ғайр аз Бухоро дигар мулкҳоро гирифтанд: «...мардумон диданд, ки ин ҷаноб ба мулкдорӣ ва тадбир ва машварати сипоҳӣ камтар руҷуъ доранд, аз ҳар ҷониб душманон сар баровардаанд ва ҳама мулкҳо, ки ғайри Бухоро буд, гирифтанд. Як Бухоро маъа Чаҳорҷӯй ва он ҷониби машриқ то Дизах ва ҷониби Қаршӣ то Ғузор баъд аз он хитойи Қипчоқ» [50, 594б]. Мувофиқи ахбори ин манбаъ лашкри амир Ҳайдар онҳоро мағлуб карда, ҷазо дод. Мушрифи Бухорои соли ин воқеа ва роҳбарони онро зикр накардааст, аммо онҳоро дар поёнтар «хоразмиён» меномад. Ғайр аз ин, маълум нест, ки Мушрифи Бухороӣ дар ин воқеа лакаркашиҳои

хонҳои Хева Элтузор ва Муҳаммад Раҳимхонро дар назар дорад ва ё ошӯбҳои халқиро. Зеро ӯ дар ҷои дигари рисола аз муноқиша бо Элтузор ва Муҳаммад Раҳимхон ёдовар намешавад. Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ дар хусуси сар задани ошӯбҳои халқӣ дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар ёдрас намешаванд.

Аз адабиёти илмӣ ва дигар манбаъҳо бармеояд, ки дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар шӯришҳои халқӣ сар задааст. Яке аз калонтарин шӯришҳо дар соли 1810 дар Бухоро мебошад. Сабаби асосии шӯриш ин хунукии аз ҳад зиёд ва аз 1 апрел то 16 майи боридани барфи зиёд мебошад [88, 365], ки ба ҳосили зироату ғалладонагии мардум зарари калон овард. Ин боиси баланд шудани нархҳои маҳсулот дар бозорҳо, гуруснагӣ, дуздӣ ва дигар бетартибҳо гардид. Қисме аз мардуми шаҳр маҷбур шуданд, ки шаҳрро тарк кунанд. Ҳукумати амирӣ бошад, дар ин хусус ҳеҷ гуна тадбир наандешид. Мардуми шаҳр дар Регистони Бухоро ҷамъ шуданд, ки амир Ҳайдар аз ин вазъияти ба амаломада тарсида, аз шаҳр фирор намуд [77, 128], аммо фармон дод, ки бо мақсади зиёрати мазори Шайх Баҳоуддин шаҳрро холӣ кунанд. Мансабдорони амир пас аз ин ба кофтукоби хонаҳои мардум даромада, миқдори нон ва дигар хурокворихои дарёфткардаашонро ба мардуми гурусна фурӯхтанд, ки нархи як батман ба панҷ танга баробар буд. Дар ҳамин вақт кӯчманчиҳо ба Бухоро омада (қаракалпокҳо ва қазоқҳо) дар ҷустуҷӯи хӯрок шуда, аз шаҳр рафтанд, ки сеяки мардуми муқимӣ бо онҳо низ ҳамроҳ шуданд [88, 365].

Шӯриши халқӣ ба зӯр пахш карда шуд. Гуруснагӣ на танҳо Бухоро, балки дигар ноҳияҳои гирду атрофи Бухороро фаро гирифта буд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки соли 1821 дар Миёнкол, воқеъ дар байни Самарқанд ва Бухоро, шӯриши калони халқӣ сар задааст. Ин воқеа дар сарчашмаҳои таърихӣ чандон равшан нест. Хусусан,

Муширифи Бухорои ва Садриддин Айнӣ дар ин бора маълумот надодаанд. Аммо Мирзо Абдулазими Сомӣ дар асари худ «Туҳфаи шоҳӣ» қайд менамояд, ки «...Аксар илғори вилояти мазкур (Марв) аз навкарияи Миёнколот муқаррар буд. Аксар калонони илотия аз ғояти аноният ва такаббури худҳо нарафта, ба ҷояшон каси дигар фиристода, эҳмол ва мусоҳала менамуданд, то он ки навбати илғор ба Аёзбий расид. Аёзбий марди мубориз, соҳибраъй буд. Ҷамеъи калонони элро ҷамъ карда, ҷабран ва таҳаккуман намонда, ҳамроҳи худ гирифта, ба Марв бурд. Илотияи хитоӣ ва қипчоқ аз Аёзбий бисёр озурда буданд. Ин феъли ӯ иловаи ниқори эшон шуда, дар фитнаву фасод якдил шуданд. Дар ин вақт урганҷӣ низ асби инод дар майдони шӯриш давонида, аз ҷодаи мувофиқат инҳироф ва таҷовуз кард. Муфсидони илотияи хитоӣ ва қипчоқ фурсат ёфта, сар ба шӯриш бардоштанд. Одинақулбий ба ҷамоаи хитоӣ ва Маъмурбий ба ҷамоаи қипчоқ фармонфармо шуда, лашкарияи худро се тақсим карда, дар болои Қаттақурғон ва Панҷшанбе ва Янғиқурғон юриш карда, се қурғонро мутасарриф шуданд. Баъд аз гирифтани ин қурғонҳо якҷоя шуда, дар болои Чиллик озим шуданд» [42, 165-166]. Бино ба санади Мирзо Абдулазими Сомӣ шӯришгарон, ки онҳоро «муфсид» номидааст, Чиллик ва Самарқандро мусаххар карданд. Тибқи иттилои ин манбаъ амир аз ин воқеа хабардор шуда, шӯришро пахш ва сардорони онро дар Самарқанд ба қатл расонд [42, 166]. Мирзо Абдулазими Сомӣ мефармояд, ки дар он айём, ки ҷамоаи хитоӣ ва қипчоқ сар аз фармон кашида, гарми ҷавлони водии фасод ва худсарӣ буданд, ҷамоаи қарақалпоқи маҳкуми Самарқанд, ки худҳоро аз авлоди Чингиз дониста, даъвои хонӣ ва бузургӣ доранд, аз муфсидони фирқаи хитоӣ ва қипчоқ таълим гирифта, ба ҳавои саркашӣ афтода, қалъаи Ҷипорро, ки куҳна ва фусурда буд, мараммат [42] карда, асбоби қалъадорӣ ва захоир омода намуда, миқдори бист ҳазор аз абтоли қавми худро ба қалъаи мазкур дароварда, истеҳком дода, омодаи ҷанг шуда буданд [42, 166].

Лашкари амир қарақалпоқҳоро низ саркуб карда, бо ин шӯришро пахш кард.

Мирзо Абдулазими Сомӣ соли ба вуқуъ омадани ин ҳодисаро зикр накарда ва дар тасвири воқеа бештар манфиатҳои амири манғитро ҳифз кардааст. Ҳарчанд ин шӯриш ба таври васеъ дар ин рисола инъкос шуда бошад ҳам, ба назари мо воқеъбинона нигошта нашудааст. Ҳақиқат ин аст, ки соли 1821 дар Миёнкол шӯриш сар зад ва асоси онро халқҳои нимкӯчии ӯзбек хитой-қипчоқҳо, ки дар ин ҷо сукунат доштанд, ташкил мекарданд. Яке аз сабабҳои асосии шӯриш андозҳои гарон, мусодираи молу мулк, ҷабру зулми мардум ва даъвати аз ҳад зиёди мардон ба хизмати ҳарбӣ, инчунин дар соли 1821 дубора сафарбар кардани мардон ба хизматӣ ҳарбӣ буд. Мардум аз ин гуна каҷрафториҳои ҳукумати амирӣ ба дод омада, шӯриш бардоштанд. «Қарақалпоқҳои сокини ин маҳал низ ба шӯриш ҳамроҳ шуданд» [77, 128]. Дигар қавму қабилаҳои гирду атрофи Самарқанд ва Қатақурғон ба шӯришгарон пайвастанд. Муаррихи замони шӯравӣ П. Иванов қайд менамояд, ки «Ҳарчанд иштироки ин ё он гурӯҳи феодалҳо дар роҳбарии шӯриши Миёнкол тамоман бахснопазир бошад хам, вале доираи ғайримуқаррарӣ ва устувории ҳаракати солҳои 1821-1825 далолат мекунад, ки ин кори ин ё он ноболиғи мушаххас набудааст» [35, 87]. Ҳамзамон, ба шӯришгарон мардуми камбағали шаҳру навоҳии гирду атроф аз ҳар ҷиҳат кӯмак мекарданд. Шӯришгарон минтақаҳои Қатақурғон, Чалак, Янгиқурғон ва дигар шаҳру навоҳиро ба даст дароварда, маъмурони амирро пеш карданд. Амир Ҳайдар бар зидди шӯришгарон лашкар кашида, дар муддати чанд сол бо сабаби хиёнати баъзе роҳбарони шӯриш ва тактикаи нодурусти мудофиавии шӯришгарон онро пахш кард. Аз тарафи дигар ба амир дар пахш кардани шӯриш англисҳо, ки он вақтҳо дар Бухоро қарор доштанд, кӯмак расонданд. Аз ҷумла, дар пахши ин шӯриш аз яроқи отшфишони англисӣ, ки дар байни мардум маъмул набуд, истифода намуданд.

Шӯришгарон аз ин тарсиданд ва дар натиҷа хатти мудофиавиашон ноустувор гардид. Соли 1825 шӯриш пурра пахш карда шуда, роҳбарони он аз ҷониби амир Ҳайдар ба қатл расонида шуданд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ, хусусан дар рисолаҳои таърихии Мушрифи Бухороӣ, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон ошӯбҳои халқӣ дар замони салатанати амир Насрулло (1826-1960) иникос нашудааст. Дар дигар адабиёти илмӣ ва таърихӣ низ шӯришҳои халқӣ дар Бухоро дар ин давра ба назар намерасад.

Ибтидои солҳои 60-уми асри XIX дар ноҳияҳои Рушон, Шуғнон ва Вахони Бадахшон, ки мулкҳои ниммустақил ба ҳисоб меёфтонд, шӯриш сар зад. Рафти ин шӯриш дар сарчашмаҳои таърихии дар боло зикршуда инъикос наёфтааст. Ҳатто дар асарҳои «Таърихи Бадахшон»-и Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ [53, 213] ва «Таърихи Бадахшон» - и Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон [37, 177], ки махсус ба замони салтанати мирони Бадахшон бахшида шуда ва ҳодисаҳои сиёсии асри XVIII-ибтидои асри XX-ро дар бар мегиранд, инъикос наёфтааст.

Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи Б. Ғуфуров ба шӯрише, ки солҳои 60-ум дар ноҳияҳои Рушон, Шуғнон ва Вахон сар зад, Шайхзодаи Рушонӣ роҳбарӣ мекард. «Шӯришгарон нишемангоҳи мири Рушон Қалъаи Вомаро ба даст даровардад. Сипас онҳо ба сӯйи қароргоҳи ҳокими Шуғнон Қалъаи Барпанҷ ҳаракат карда, қӯшуни онро торумор намуданд» [77,130]. Шӯришгарон молу амволи аз ҳокимон дастраскардаашонро дар байни худ тақсим карданд. Аммо дере нагузашта ҳукмрони кулли Бадахшон ба Помири Ғарбӣ қувваи зиёди ҳарбӣ равон кард, ки шӯришро пахш карданд [77, 130].

Шӯру ошӯбҳои халқии нимаи дуюми асри XIX ибтидои асри XX, ки дар натиҷаи ҷабру зулми амирони манғитӣ ва амалдорони онҳо сар заданд, дар асарҳои таърихии Мушрифи Бухороӣ, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон инъикос

наёфтааст. Аммо қайд кардан ба маврид аст, ки баъди ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ҳаракатҳои халқӣ зиёд гардид, ки яке аз сабабҳои асосии он андозҳои гарон ва худсарии амалдорон, инчунин аз меъёр зиёд ба сари мардум бор кардани андозҳо буд. Ҳукумати Русия бошад, сиёсати дахолат накардан ба корҳои дохилии аморати Бухороро пеш гирифта буд. «Агарчанде моҳи январи соли 1885 дар аморати Бухоро «Агентии сиёсии императории Русия» таъсис ёфта, вазифаи он муқаррар намудани робита бо хукумати Бухоро оиди ҳамаи масоили сиёсиву иқтисодӣ буд, амиру федалҳои Бухоро дар бераҳмона истисмор кардани оммаи меҳнаткпшон озодии мутлақ доштанд» [86, 66].

Солҳои 1869-1870 дар Бухорои Шарқӣ хушксолӣ омад. Ин ба ҳосили ғаладонагиҳо ва зиротаҳои мардум таъсири манфӣ расонд. Аммо ҳукумати Бухоро барои чораҷӯӣ ба мардум ва ё кам кардани андозҳо ҳеҷ чорае наандешид. Ҳарчанд деҳқонон ба амир ин масъаларо арз карда бошанд ҳам, эътибор намедод. Баръакс шикояткунандагон ҷавобҳои қабеҳ мегирифтанд. Соли 1870 дар бекигарии Балҷувон бар зидди мансабдорони амири Бухоро шӯриши калон сар зад. Сабаби шӯриш худсарии амалдорон ва аз ҳад зиёд ситонидани андозҳо буд [88, 631]. Яке аз сабабҳои асосии зиёд шудани андозҳо бошад, беки Балҷувон Абдукаримбек буд, ки ба худсариҳои худ ба мардум ҷабру зулми зиёд карда, аз пеши худ андозҳоро барзиёд меситонид. Шӯришгарон, ки беш аз ду ҳазор нафарро ташкил мекарданд, қалъаи Балҷувонро муҳосира намуданд. Абдукарм ба Ҳисор фирор намуда, шӯришгарон қалъаи Балҷувонро гирифта, молу амволи амалдоронро мусодира ва байни худ тақсим карда, сипас пароканда шуданд. Ин шӯришро лашкари беки Ҳисор Яъқуб бо кӯмаки беки Кӯлоб [121, 95] пахш карда, саркардагони онро ба қатл расониданд. Абдукарим ба мансаби худ баргашта, хунхориву золимиашро идома дод. Аммо дере нагузашта дар ин ҷо дигарбора шӯриш сар зад, ки ошӯбгаронро

қабилаҳои лақайи ӯзбек ташкил медод. Яке аз сабабҳои асосии шӯриш боз ҳамон андозҳо ва худсариҳои беки Балҷувон буд. Амалдорон макру ҳилларо пеш гирифта, шӯришгаронро маслиҳат доданд, ки ба амир арз намоянд. Бо истифода аз ин фурсат 7 нафар аз роҳбарони шӯришро дастгир ва ҳабс намуданд ва шӯришгарон пароканда шуданд.

Соли 1871 дар шаҳри Ғузори Зарафшон бо иштироки беш аз 20 ҳазор нафар ва дар Қаршӣ бо сабаби гуруснагӣ ошӯбҳои халқӣ сар заданд, ки сабаби асосияшон гуруснагӣ буд. Ин шӯришҳо низ ба зудӣ пахш карда шуданд [77, 211].

Бо сабабҳои дар боло зикршуда соли 1872 дар Хуҷанд ва соли 1873 дар деҳаи Пашии Уротеппа шӯришҳо сар заданд. Ҳамчунин, соли 1875 дар Уротеппа юриши мардумӣ аз нав оғоз шуд. Соли 1880 бошад, дар Хуҷанду Уротеппа боз ошӯб сар зад, ки сабаби ин тарзи нодурусти андозситонӣ буд. Пас аз пахши ошӯб сарварони он Раҳмонқулҳоҷӣ, Тиллоҳоҷӣ Миркомилбой ва дигарон ба ҳабс кашида шуданд [77, 212].

Истисмори мардум аз ҷониби феодалон  солҳои 60-70-уми асри XIX , баъди ба аморати Бухоро пурра ҳамроҳ кардани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ: Бойсун, Деҳнав, Қубодиён, Қурғонтеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз боз бештар суръат гирифт [108, 68]. Солҳои 80-уми асри XIX вазъи тоқатфарсои зиндагӣ, андозҳои гарон ва худсариҳои амалдорони амир тамоми мардуми деҳаҳои шаҳру навоҳии тобеи аморати Бухороро ба шӯр овард. Шӯришҳои хурду бузург дар деҳаҳо ва шаҳру ноҳияҳо тез - тез сурат мегирифт. Масалан, дар солҳои 1885-1886 дар ноҳияҳои Шӯробод, Муъминобод, Кӯлоб, Ҳисор, Балҷувон ва ғайраҳо шӯришҳо ба амал омад. Вазъияти мардум дар минтақаи Кӯлоб ва бекигарии Балҷувон ниҳоят вазнин буд. Мардум ба ҷабру зулми ҳукумати амирӣ ва амалдорони он тоб наоварда, соли 1885 дар Муъминободи бекигарии Кӯлоб шӯриш бардоштанд. Аз аъзоён ва роҳбарони фаъоли ин шӯриш Мулло Мирзо, Мулло Барот, Саид, Мулло Давлат, Раҳмон, Мулло

Назрӣ, Муҳаммад Алим, Одина Муҳаммад ва дигарон буданд [88, 632]. Шӯришгаронро асосан деҳқонони Муъминобод ташкил мекарданд, ки ҳар кадом бо корду калтак, белу каланд ва ғайраҳо мусаллаҳ шуда, Муъминободро ба дасти худ гирифта, молу амволи амалдоронро мусодира намуданд. Аммо, мутаассифона, шӯриш аз ҷониби бекигарии Кӯлоб пахш карда шуд. Ҳарчанд шӯриш пахш карда шуд, аммо мардум норозигӣ ва кинаву адовати худро ба беки Кӯлоб Муҳаммад Назирбек нишон доданд [126, 140-141].

Чунин норозигии мардум дар Деҳпаркент низ ба мушоҳида мерасид. Сокинони ин ҷо соли 1885 ба амлокдорон андоз надода, ба амири Бухоро аз андозҳои гарон ва худсариҳои амлокдорон шикоят карданд. Дар ҷавоб намояндагони амир андозро ҳисобукитоб карда, хулосаашонро пешниҳод карданд, ки талаботи мардумро қонеъ накард. Мардум дигарбора андоз насупориданд. Барои ҳалли ин масъала амалдори амир аз Бухоро Бобоҷон Ҷебачӣ омада, дар якҷоягӣ бо қозию ҳоким андозҳоро аз нав дида баромада, мардумро гунаҳгор намуда, пешвоёни шӯришро ба зиндон партофтанд. Аммо соли дигар, яъне соли 1886 мардум дигарбора ошӯб бардошта, ба амир ариза доданд, ки 50-60 фоизи ҳосил ба тариқи андоз ситонида мешавад [77, 212]. Аморати Бухоро ин дафъа аз ошӯби мардум ба воҳима афтода, барои ҳалли ин мушкилот аз Бухоро Муллошариф Мирохӯрро фиристоданд. Ӯ дар натиҷаи санҷиш тартиби андозсупориро муқаррар намуда, талаботи мардумро қонеъ кард. Аммо ин муқаррароти ӯ сатҳӣ буда, баъди чанде вазъият ба мачрои пештара гашт, ки дар натиҷа мардум дилсард шуда, ҳавливу заминҳои худро партофта рафтанд.

Миёнаи солҳои 80 -ум дар Ҳисор низ вазъият мураккаб буд. Мардум барои замину об ва беҳтар шудани вазъи зиндагӣ мубориза мебурд. Соли 1886 дар Қартоғ косибони бофанда шӯриш бардоштанд. Ин шӯриш дар ҳол паҳн шуда, қисми асосии ошӯбгаронро бофандагон ташкил мекарданд. Шумораи шӯришгарон дар андак муддат ба 1000

нафар расид. Сабаби асосии ин шӯриш маоши паст, баланд будани кирояи дуконҳо ва шароити вазнини зиндагии онҳо буд.

Охири соли 1885 ва аввали соли 1886 дар водии дарёи Ёхсу дар амлокдории Сари Пули бекигарии Балҷувон таҳти роҳбарии Аламшо шӯриш сар зад [88, 633]. Ошӯбгарон аз додани андоз сарпечӣ карда, ба назди амир одам фиристоданд. Дар натиҷа ба ҷониби шӯришгарон дастаҳои аскарие фиристода шуд, ки ошӯбгаронро ба қатл расониданд.

Дар натиҷаи ситонидани андозҳои гарон ва ҷиноятҳои беку амлокдорони амир дар саросари аморати Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он гуруснагӣ ва нооромӣ ба вуҷуд омада, мудом шӯру ошӯбҳои халқӣ бар зидди синфи ҳукмрон сар мезад. Ин раванд масъулият ҳис кардани амирони Бухоро ва амалдорони ӯро дар бораи чораандешӣ нисбат ба беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум ё сар задани шӯриши бузург бар зидди бедодгариҳои амири манғит ва мансабдорони онро талаб мекард. Аммо ислоҳот дар хусуси беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум ва ё кам кардани андозҳои аморат аз души мардум аз ҷониби амирони манғитӣ, бо сабаби тангчашмиву манфиатхоҳиашон ғайриимкон буд. Бинобар ин, тамоми зиддиятҳои синфи деҳқон бар зидди зулму асорати амирони манғитӣ ва мансабдорони он дар ҳудуди ҳукумати Бухоро, хусусан ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ, ки деҳқонони он нисбат ба дигар шаҳру вилоятҳои аморат гирифтори зулму тааддӣ будаанд, барои сар задани шӯриши бузурге замина муҳаё месохтанд.

Ҳ. Пирумшоев дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи осори муаллифони рус, ки нимаи дуюми асри XIX –ибтидои асри XX ба аморати Бухоро, хусусан Бухорои Шарқӣ сафар карда, ҳаводиси таърихӣ ва авзои он замонро дар асарҳои ёдоштиву илмии худ инъикос намудаанд, қайд менамоянд, ки «Сохтори идораи маъмурии Бухоро асосан барои зулму асорати меҳнаткашон мувофиқ карда шуда буд. Дар он вазифаҳои ҳуқуқии намояндагони маъмурии марказӣ ва маҳаллӣ, гарчӣ бояд дар асоси танзими ба талаботи шариат мувофиқ роҳандозӣ мегардиданд,

вале амалан аз рӯйи анъанаҳои ҳарчи бештар ба маъмурин манфиатбахш, пеш бурда мешуданд» [108, 68].

Дар чунин шароит дар заминаи дигар ошӯбҳои халқӣ дар бекигарии Балҷувон шӯриши калони халқӣ сар зад. Ин шӯриш дар таърих бо номи сарвари он, яъне «Шӯриши Восеъ» маъруф буда, бар зиди ҷабру зулми ҳукумати Бухоро, бек, бойҳо, амлокдорон ва дигар мансабдорон ба вуҷуд омада, тамоми ҳудуди ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Сари Хосор, Кӯлоб ва дигар минтақаҳоро фаро гирифт [82, 408]. Аммо ин шӯриш дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос нашудааст. Дар асоси ривоятҳои халқӣ ва адабиёти илмӣ қайд кардан мумкин аст, ки дар бораи нуқтаи оғози шӯриши Восеъ дар байни мардум чанд нақлу ривоят вуҷуд дорад. Тибқи ривояти аввал мири Балҷувон бо дувоздаҳ нафар навкар ба бозори Ховалинг, ки дар он давра бозори калонтарини музофоти Хатлон маҳсуб меёфт, рафта, дар байни мардум ду нафар бандиро, ки аскарон меоварданд, ба хотири насупордани андозҳо мехост ба қатл расонад. Яке аз сабабҳои асосии дар байни мардум ба қатл расондани онҳо тарсонидани чашми мардум аз қувваҳои ҳукумат буд. Восеъ, ки дар он вақт дар бозор равғанҳои худро ба фурӯш оварда буд, ҳодисаро дида, мехоҳад бо пули равғанҳои фурӯхтааш деҳқононро халос кунад. Аммо бек ва навкаронаш ба ӯ иҷозати наздик шудан надода, ӯро дур мекунанд. Восеъ ба ин ҳодиса тоқат накарда, ҳамроҳи дӯстонаш Айюб, Юсуф-Човандоз, Назиршоҳ, Шарифи Маликшоҳ, Пирак, Пираҳмад ва дигарон бо таёқҳои дароз, ба сарбозону ҷалодон ҳамла ва мансабдоронро лату кӯб мекунад. Мардум аз ин воқеа рӯҳбаланд гардида, мир ва навкарони ӯро сангборон мекунанд [107, 126].

Тибқи ривояти дигар ҳангоми хирманқубии Восеъ дар заминаш, ки дар мавзеи Болои Чанор ҷой дошт, амалдорони бек ҳозир шуда, аз ӯ чор тангаи иловагӣ талаб карданд. Восеъ, ки ин маблағро надошт, ба онҳо бо роҳи суҳбат фаҳмонданӣ шуд. Аммо амалдорони бек ба ӯ гӯш

накарда, хостанд Восеъро латукӯб намоянд. Дар ҷавоб Восеъ ба ғазаб омада, онҳоро зада аз асп афтонида, сипас ба ҷониби Сударa гурехта пинҳон мешавад [107, 129]. Мувофиқӣ ривояти дигаре, ки А. Саидов ва Д. Бердиев дар мақолаи худ «Қиёми халқӣ» инъикос намудаанд, вақте ки Восеъ равғанҳои худро барои фурӯш ба бозори Ховалинг мебарад, амини бозор аз ӯ аминона талаб мекунад. Восеъ арз мекунад, ки ҳоло равғанҳояшро нафурӯхта ва аминонаро пардохт карда наметавонад. Амин дар ин ҳолот бо дашному ҳақорат маҷбуран равғанҳои Восеъро кашида гирифтани мешавад. Дар ин ҳолат издиҳом сар зада, Восеъ аминро латукӯб менамояд ва мардум Восеъро тарафдорӣ мекунанд [117].

Ривоятҳое, ки зикр кардем, то кадом андоза воқеият дорад, маълум нест. Аммо мантиқан ҳар се ривоят ба он ишора менамоянд, ки бинобар сабаби ноадолатӣ мансабдорони амир аз ҷониби Восеъ латукӯб мегарданд, ки ин нуқтаи оғози шӯриш ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар чунин як ҳодиса наметавонад мардуми зиёдро якбора дар атрофи Восеъ ҷамъ оварад. Ба андешаи мо ҳақиқат ин аст, ки ҷабру зулми мансабдорони бек ва худи ӯ, инчунин амири Бухоро, андозҳои гарон ва худсариҳои амлокдорон сабру тоқати мардумро лабрез карда буд. Ба зами ин пас аз чанд соли хушксолӣ андозғундорон аз мардум андозҳои чанд соли пеш ва соли ояндаро маҷбуран талаб карданд [108,71]. Аммо мардум аз супурдани ин андозҳо сарпечӣ мекарданд. Чунин муносибати намояндагони ҳукумати Бухоро нафрати мардумро ба бек, амир ва дигар амалдорон дучанд мекард ва ҳодисаи ба Восеъ рухдода онҳоро якбора ба мубориза бар зидди золимон бархезонд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Восеъ дар байни мардум бо номҳои Абдулвосеъ ва Мулло Восеъ маъруф буда, писари деҳқони камбағал Белак буд [82, 408]. Падару бобои он сокини деҳаи Хулоз буда, бинобар сабаби тангии рӯзгор ба деҳаи Дараи Мухтори Ховалинг омада, дар он ҷо зиндагӣ мекарданд. Восеъ дар баҳору тобистон ба корҳои саҳро

машғул буда, замистон дар ҷувозхона кор мекард. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи профессор Ҳ. Пирумшоев «Аз рӯйи баъзе далелҳо Восеъ дар муборизаҳо алайҳи қушуни амири Бухоро (солҳои 1869-1870), зери роҳбарии ҳокими Кӯлоб Сарабек фаъолона ширкат доштааст» [108, 71].

Масъалаи дигари баҳсталаби ин шӯриш соли рух додани он мебошад. Бобоҷон Ғафуров онро соли 1885 [77, 216] ва Б. Иксандаров соли 1888 [82, 409] инъикос намудаанд. Дар асари «История таджикского народа» ва таҳқиқти анҷомдодаи Ҳ. Пирумшоев ин шӯриш ба соли 1888 нисбат дода шудааст. Тавре қайд кардем ҳарчанд ин шӯриш дар сарчамаҳои таърихӣ зикр нашудааст, аммо баъзан далелҳоеро овардан мумкин аст, ки соли рух додани ин воқеаро мушаххас мекунад. Масалан, соли 1885 амир Музаффар вафот карда ба ҷойи ӯ амир Абдулаҳад ба тахт нишаст. Тибқи ахбори Мушрифи Бухороӣ Абдулаҳад баъди ба сари тахт нишастанаш Остонақулро ҳокими Ҳисор таъин кард [50, 663б]. Аҳмади Дониш қайд менамояд, ки дар солҳои аввали ҳукмронии амир Абдулаҳад Остонақул вазири Бухоро буда, дар сафари амир Абдулаҳад ба Русия иштирок дошт, ки ин сафари онҳо се моҳ идома меёбад [13, 129]. Аз муқоисаи ин маълумотҳо чунин натиҷа ҳосил мегардад, ки амир Абдулаҳад на камтар аз як соли ба тахт нишастанаш, яъне солҳои 1986-1987 вазир Остонақулро ба мансаби ҳокими Ҳисор таъин мекунад ва ҳангоми сар задани шӯриши Восеъ ҳокими Балҷувон аз ӯ кӯмак металабад. Яъне, аз ин маълумотҳо бармеояд, ки шӯриши Восеъ на дар давраи амир Музаффар дар соли 1985, балки соли 1988 сар задааст, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Б. Искандаров, Ҳ. Пирумшоев ва китоби дастаҷамии «История таджикского народа» ба ҳақиқат наздик мебошанд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки деҳқонони Ховалинг дар атрофи Восеъ барои мубориза бар зидди золимон ҷамъ шуданд. Восеъ ва тарафдоронаш нахуст дар Баландсар ҷой гирифта, аз он ҷо мардумро ба шӯриш даъват карданд. Ишораи ӯ ба мардум оташ афрухтан дар

баландии Сурсақова буд. Ҳангоми афрухтани оташ мардум ба шӯриш бархоста, ба хонаҳои амлокдорони Ховалинг ҳуҷум карда, молу амволи онҳоро мусодира намуданд. Сипас, Восеъ ба деҳаҳои Балҷувону Кӯлоб одамони худро фиристода, мардумро ба шӯриш даъват кард, ки дар натиҷа ҳазорҳо одамон ба шӯришгарон ҳамроҳ шуданд. Восеъ ва пайравонаш ба ҷониби беки Балҷувон ҳаракат карданд. Шӯришгарон дар аввал мехостанд бо роҳи гуфтушунид бо бек миқдори андозҳоро кам кунанд, аммо пас аз он ки чанд нафар намояндагони шӯришро ба дохили қалъа дароварда, дарвозаҳоро бастанду чанд нафар муллоро барои низоъ андохтанд ба берун баровардаанд, вазъият ранги дигар гирифт. Мардум аз ҳиллаву найрани бек ва муллоён огоҳ шуданд. Ҳамчунин, дар ҳамин лаҳзаҳо дарвозаи қалъа боз шуда, сарбозони бек ба шӯришгарон ҳуҷум оварданд. Аммо сарбозон шикаст хӯрданд. Восеъ бо шӯришгарон ба ҷониби қалъа ҳаракат карда, ба он дохил шуданд. Ҳокими Балҷувон фирор намуда, шӯришгарон намояндагони худро, ки аз ҷониби шахсони бек зери лату куб қарор гирифта, дар ҳабс буданд, озод ва анбори аслиҳаи бекро мусодира намуда, силоҳҳоро дар байни худ тақсим карданд ва муддати се рӯз шӯришгарон дар қалъа монданд. Бо шунидани аввалин ғалабаи шӯришгарон аз амлокдориҳои дуру наздики Балҷувону Кӯлоб ва ҳатто аз бекигариҳои Қаротегину Дарвоз деҳқонон илҳом гирифта, ба заминдорони калони маҳаллӣ, амлокдорону навкарони онҳо, андозғундорон, аминҳои бозор ва дигар намояндагони табақаи истисморгар ҳуҷум оварда, онҳоро латукӯб карданд.

Ҳокими Балҷувон зимни фирор ба Кангуртут расида, аз он ҷо ба ҳокимони Кӯлобу Ҳисор қосид фиристода, аз онҳо кӯмак хост. Ҳамчунин, ӯ сарбозони худро ҷамъ карда, хизматгузорони маъмурияти маҳаллӣ, савдогарон ва дигар манфиатдорони ҳукмати Бухороро ба лашкари худ ҳамроҳ карда, ба Балҷувон лашкар кашида, онро дар тасарруфи худ даровард. Восеъ ба қафо баргашта, деҳаи Кангуртро

гирифит ва деҳқонони Кангурту Қизилмазорро ҷамъ карда, дар он ҷо қароргоҳи шӯришгаронро ташкил кард. Лашкари беки Балҷувон ба таъқиби шӯришгарон гузашта, дар Кангурт ҷанги азим рух дод, ки лашкари бек шикаст хӯрда, бек фирор намуд ва қалъаи Балҷувон дигарбора зери назорати шӯришгарон даромад. Дар ин муддат лашкари амир ва беки Ҳисор Остонақул ба соҳили дарёи Вахш расид. Восеъ аз ин вазъият огоҳ шуда, дастаеро бо роҳбарии Назир ба он ҷо фиристода, Пули Сангинро вайрон кард.

Дар ин вақт беки Кӯлоб ба қалъаи Балҷувон ҳаракат кард. Восеъ ба қафо баргашта, дастаи беки Кӯлобро шикаст дод. Лашкари амир ва беки Ҳисор ба лашкари Восеъ дар Кангурт рӯ ба рӯ шуданд. Пас аз чанде Восеъ ақибнишинӣ карда, барои даъвати мардум ба Ховалинг рафт. Лашкари амир ва бекҳои Ҳисору Балҷувон ба Ховалинг ҳуҷум карданд. Дар ин вақт шӯришгарон шикаст хӯрда, Восеъ ба ҷониби деҳаи Мазори Ҳазрати Султон гурехт. Шӯришгарон ақибнишинӣ карда дар деҳаи Сарипул ҷой гирифтанд, вале лашкари беки Балҷувон шабона ба онҳо ҳуҷум кард, ки дар натиҷа 500 тан аз шӯришгарон кушта шуда, 300 тани дигар асир афтод [107, 159].

Восеъ пас аз ин ҳодиса ба хотири муборизаи бузург бар зидди амалдорон пинҳон шуд, аммо ӯ баъди чанде дастгир гардид. Ӯро ба Шаҳрисабз оварда, дар он ҷо ба дор овехтанд.

Ҳамин тавр, шӯришҳои халқӣ дар солҳои 1869-1890 бар зидди зулми амиру мансабдоронаш рух медод. Аммо ҳукумати амирӣ шӯришҳоро бераҳмона пахш карда, роҳбарон ва қисме аз иштирокчиёни онро ба қатл мерасонид. Бо вуҷуди ин мардум ҳам ба ин эътибор надода, соли 1898 дар Деҳнав ва Нурато ошӯб бардоштанд. Минбаъд, яъне  охири асри XIX ва ибтидои асри XX ин ҳаракатҳои зиддифеодалӣ хусусияти зиддимустамликадориро гирифта, ба ҳаракатҳори инқилобии солҳои 1905-1907 пайваст гардиданд.

Нимаи аввали асри ХХ дар водии Қаротегин низ ошӯбҳои халқӣ, ки бо номҳои «Шуриши Қаландаршо» ва Шуриши Усмон» маъруфанд, сар заданд. Аммо ин масъала дар осори муаррихони асримиёнагии Бухоро инъикос нашудаанд. Танҳо муҳаққиқи рус Д.И. Логафет аз ин шуришҳо ёдовар шуда, дигар ҷузъиёти ин масъалаҳо дар адабиёти илмии замони шуравӣ баррасӣ шудааст.

Шӯриши Қаландаршоҳ, ки соли 1908 дар натиҷаи андозҳо ва истисомори мардум дар бекигарии Қаротегин бар зидди мир Раҳмонқулбек ба вуҷуд омод. Д.И. Логафет омили асосии сар задани шӯришро андозҳои гарони аморат ва бекигарӣ шуморидааст, ки воқеан дуруст аст. Инчунин, на танҳо андозҳо, балки ҷабру зулми зиёд болои мардум бор карда мешуд. Ин масъалаҳоро муаррихи дигар В. Липский низ дар асари худ тасдиқ карда, андешаи Д.И.Логафетро дастгирӣ менамояд ва таъкид мекунад, ки кирдорҳои бадахлоқона ва тамаъҷӯёнаи амлокдорон ва бек сабаби асосии сар задани шӯриш дар Қаротегин гардидааст. Бино ба санадаи ин манбаъ шӯриш дар Қалъаи Лаби Об ва Ҷиргатол аланга гирифта, то Ҳоит, Ясманд, Шингиличи Қаротегин доман густурд [39, 264]. Маҷлисов, ки дар ин масъала таҳқиқоте анҷом додааст, сардорони шуришгарони Қаротегинро тоҷикон зик кардааст. [98, 95]

Воқеаи сар задани шуриши Қаландаршо дар он буд, ки падараш ба ҳангоми бек будани Алмосбек натавонистааст анзро сари вақт пардохт намояд ва иҷборан замини дар ихтиёрдоштаи худро ба Мирзо Раҳим «мирохӯр» ба маблағи 1500 танга ба гарав додааст. Қаландаршоҳ пас аз чанд соли муҳоҷират соли 1908 ба Қаротегин баргашта, исён бардошт. [98, 99]

Шӯришгарон чандин нафар аз амлокдорон ва мансабдорони бекро ба қатл расонида, ба деҳаи Капалӣ наздик шуда, дар якҷоягӣ бо деҳқонони дигар ба Қалъаи Лаби Об рафтанд. Бо фармони Қаландаршоҳ ҷиҳози сипоҳиёни мансабдор муосидира ва дар байни

деҳқонони камбағал тақсим карда шуд. Пас аз омадани 200 нафар аскарони Раҳмонқулбек аз Ғарм шӯришгарон ба Дараи Мазор гурехта, дар он ҷо пинҳон шуданд. Қисме аз ошӯбгарон ба Фарғона фирор намуданд. Бек ба ҷойи шӯриш омада, як қисми молу мулки ёфтаи сипоҳиёнро ба соҳибонашон баргардонд ва фармуд аз чизҳои ёфтнашуда ба фоидаи сипоҳиён аз шӯришгарон ҷарима ситонида шавад.

Н.А.Кисляков қайд менамояд, ки «Баъди пахш гардидани шӯриш амалдорони Бухоро ба ғорат кардани деҳаҳои иштирокчиёни шӯриш машғул шуданд. Як қисми деҳқонон аз ғоратгарӣ ва зуроварӣ гурехта, ба Вахё (бекигарии Дарвоз) ва Тошканду Фарғона рафтанд» [94, 110-111].

Дигар аз шӯрише, ки дар ин манқаи Ғарм рух дод, шӯриши Усмон буд. Аввалин маълумот доир ба шуриши Усмон дар асари Шестопалов оварда шудааст. Соли 1934 зери таҳрири Шестопалов китобчаи хурде ба забони тоҷикӣ ва ҳуруфи лотинӣ нашр гардид, ки дар он муаллиф дар ҳаҷми 20 саҳифаи чопӣ сабабҳо ва рафти Шӯриши Усмонро таҳлил намуда, омилҳои шикасти хӯрдани онро нишон додааст. Муҳаққиқи дигар М.С.Андреев солҳои 1916-1920 дар мақолаҳои оид ба Шӯриши Усмон маълумот додааст. Эҳтимол меравад, ӯ нахустин маротиба ҳангоми суҳбат бо мардуми Қаротегин дар Фарғона аз ин шӯриш хабар ёфта, минбаъд ҳангоми омадан ба Қаротегин рафти онро пайгирӣ намудааст [70, 56].

Муҳаққиқ Э.Муҳиддинов оид ба шурири Усмон чунин нигоштааст: «Мир аз ин қувваи бешумори шӯришгарони ҳанӯз ба Ғарм надаромада сахт ба ваҳм афтод. Ба назди Усмон эшиқбошиҳояш Абдулмаҷид ва Ҳақназарро фиристод, то аз номи мир ба Усмон, ҷонишинонаш Одина ва Мулло Тош, ба сардори таъминотии озуқаи шӯришгарон Файзиддин, роҳбари ҳарбии шӯришгарон Саъдӣ ваъдаҳои амалҳои дарборидиҳанда ҳама мардуми ба шӯриш

бархостаро аз роҳашон баргардонанд. Дар рафти гуфтушунид муфтӣ Мулломирзо Умед ҳам, ки худро тарафдори Усмону шӯришгарон хонда буд, ба вакилони мир ҳамроҳ шуд ва ба Усмон ваъдаи ба ҷои Мамадсаид мартабаи байнро ваъда кард ва розӣ кунонданӣ шуд. Усмон ҳама ин таклифҳоро рад кард ва ба одамони мир фармуд: «Ба мир гӯед, ки аз мансабаш даст кашад, ҳукуматашро қатъ гардонад ва ҳамаашон таслим шаванд». Усмон монеи ҷавоби мир нашуда, рӯзи 21 декабр ба Ғарм даромад. Бе ҷангу хунрезӣ миру ҳама амалдорони дарборашро ба асирӣ гирифт. Ҳама зиндониҳоро озод карда, ба ҷои онҳо миру дарбориёнро ба зиндон партофт, ҳама ҳуҷҷатҳои миригариро пеши чашми шӯришгарон оташ зад. Қаротегинро аз васояти амирӣ озод эълон кард ва ҳукумати халқӣ ташкил дод. Худашро раиси ҳукумат, Одина ва Мулло Тошро ҷонишинонаш, Мулло Абдураҳим судурро раиси суд, Мулло Мирзо Умедро муфтӣ, Саиди Саидро сардори Қалъа, Давлатбекбийро ба корҳои таъминотӣ эълон намуд.

Дар маркази Қаротегин-Ғарм ҳокимият пурра ба ихтиёри шӯришгарон гузашт, ки он дар таърих бо номҳои «ҳокимияти халқӣ» ва «ҳокимияти халқии Усмон» маълум аст. Дар он ҳокимият Усмон-раис, Одина ва Мулло Тош ҷонишинони ӯ гардиданд. Вале онҳо бо гирифтани ҳокимият ором гардида, дигар аз чӣ сар кардани корро намедонистанд. Бинобар ин, шӯришгарон маҷбур шуданд, ки қисме аз амалдорони ҳокими собиқро аз ҳабс озод намоянд ва ба онҳо амалҳои гуногунро доданд.

Аммо ин шуриш баъди муддати наздик, аз сабаби надоштани таҷриба, шикаст хурда, ҳокимият боз дар ихтиёри амалдорони амир гузашт.

Ҳамин тариқ шӯру ошӯбҳои халқие, ки дар замони ҳукмронии амирони манғитӣ бар зидди зулми амирон, бекҳо ва дигар мансабдорони ҳукуматӣ сар заданд, дар сарчашмаҳои таърихии нимаи

дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX инъикос наёфтаанд. Ҳарчанд муаллифони қисме аз онҳо, ки аз хидматгузорони дарбор буданду аз ин воқеаҳо хабар доштанд, аммо натавонистанд ин воқеаҳоро, ки бар зидди зулму бедодгариҳои амирони манғитӣ сурат мегирифтанд, сабт намоянд. Ҳамчунин, ҷунбишҳои халқӣ дар асарҳои саёҳон ва низомиёни рус низ мушаххас зикр нашуда, асли воқеаҳо дар адабиёти илмӣ инъикос шудааст.

### 3.3. Вазъи фарҳанги аморати Бухоро дар осори муаррихони замон

Ҳаёти мадании аморати Бухорои нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX чун дигар масъалаҳои таърихӣ дар манобеи хаттӣ то андозае инъикос ёфтааст. Дар асари «Туҳфату-л-хонӣ», ки аз аввалин асарҳои таърихӣ оид ба таърихи амирони манғитӣ, хусусан замони салтанати Муҳамадраҳимхон ба ҳисоб меравад, қайд мегардад, ки ҳафт ҳазор харвор ғалла аз атрофу ақтор ҳосил карда, ба Самарқанд расониданд ва дар мадорисҳои олӣ, ки алъон отил аз талабаи илм аст…» [49, 198] Муаллифи ин асар аз дигар масоили илмиву мактабии ин давра ёдовар намешавад ва ин масъала дар дигар манбаҳои хаттӣ зикр нашудааст. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки дар замони салтанати Муҳаммадраҳим ба масоили мадраса ва толибони он тамоман аҳамият дода намешуд, балки дар ин давра мадорис вуҷуд дошт ё не, кадом илмҳо ба талабагон таълим дода мешуданд, дар манобеи хаттӣ маълумот дастрас нест. Аммо уламои ислом дар дарбори Муҳаммадраҳимбий соҳиби эҳтиром буданд.

Аҳмади Дониш масъалаи илму маорифро дар давраи Муҳаммадриҳимбий ва Дониёл мушаххас қайд намекунад, вале аз таҳсили Шоҳмурод дар давраи Дониёл ёдрас мешавад. Аз ҷумла, менигорад: «…(Шоҳмурод) барои таҳсили улум дар мадраса меравам гуфта, дар Мадраса даромада ба риёзати шокка дар таҳсили улум

машғул шуда ва рафтуоӣ ба дарбори заламаро бар худ масдуд намуда, дар ҳалқаи фуқаро даромада, ба яке аз машойихи аср инобат кардааст. Бинобар истеъдоди зотӣ ба муддате андак заруриёти диниро таҳсил намуда ва аз сулуки суфия низ баҳраи вофӣ бардошта…» [13, 21]. Садриддин Айнӣ низ ба монанди Аҳмади Дониш дар давраи ҳукмронии Дониёл номи уламо ва мадорисро ба таври умумӣ зикр карда, дар бораи вазъи мактабу маориф маълумоти пурра наовардааст. Аммо Мирзо Абдулазими Сомӣ дар рисолаи худ «Туҳфаи шоҳӣ» мефармояд: «Аз зуҳури осори фитан ва вуруди лашкари бегона ва қазияҳои мавқуфот, мадорис ва масоҷид аксар барҳам хӯрда, биноҳои хайр рӯй ба харобӣ оварда, мадрасаҳо аз талаба холӣ буд» [42, 85]. Мирзо Абдулазими Сомӣ дигар паҳлуҳои ин масъаларо дар давраи Дониёл атолиқ ёдрас намешавад. Бинобар ин, аз омӯзиш ва таҳлили манобеи хатӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки бо сабаби вазъи мураккаби сиёсиву дохилии ҳукумат вазъи муассисаҳои таълимӣ, хусусан мадрасаҳо ниҳоят хароб шуда, аксари онҳо фаъолият намекарданд ва ҳукумати манғитӣ низ дар ин масоил ҳеҷ гуна чора наандешида, ҷиҳати рушди онҳо маблағ ҷудо наменамуд. Кӯдаконе, ки шавқу рағбати хондан доштанд, бо эҳтимоли зиёд, дар назди баъзе домуллову шайхҳо танҳо таҳсили китобҳои динӣ мегирифтанд.

Дар замони салтанати Шоҳмурод бошад, дар манобеи таърихӣ маълумоти нисбатан бештаре оварда шудааст. Аз ҷумла, Мушрифи Бухороӣ қайд менамояд, ки дар давраи амир Шоҳмурод Фарзу айни форӣ, бисту як воҷиб ва дигар заруроти исломиро форсӣ карда, ба раиси Бухоро супориш доданд, ки мардумро ба «фарзу айнхонӣ» даъват намоянд ва ҳамчунин ба сӯфиён супориш дода шуд, ки ҳар саҳар ба фарзуайнхонӣ машғул шаванд [50, 192б]. Мушрифи Бухороӣ мефармояд, ки аа толибони илмро бисёр аз бисёр ривоҷ медоданд, то ин ки фарзанди арҷманди амир Саид раҳимаҳу-л-Лоҳро бо толибон ҳамроҳ карда хононданд, ки он ҷаноб зиёда олими бо амал муттақӣ

парҳезгоре шуданд [50, 192б]. Муширифи Бухорои дар бораи дигар паҳлуҳои ин соҳа дар давраи Шоҳмурод маълумот надодааст. Муаррихи дигари ин давра Мирзо Абдулазими Сомӣ менависад, ки ба саъй ва тараддуди он подшоҳи одил, авқофи мадраса ва хавониқ ва буқаот (хона, сарой) хайри тоза ва эҳё шуда, аз барои таълими улум ба мадрасаҳо мударрис ва аҳли талабаро вазифа муқаррар кард. Аз асари тарбияти ӯ чунон шуд, ки дар замони давлати ӯ аҳли талаби илм сӣ ҳазор нафар ба шумор омаданд [42, 85]. Аҳмади Дониш бошад, бо Муширифи Бухоройӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамфикр буда, ҳамзамон чанд ҳикояеро дар хусуси мударрис ва таҳсил дар мадраса инъикос мекунад. Садриддин Айнӣ низ аз сохтмони масҷиду мадраса ва эҳтироми уламову шайхони исломӣ аз ҷониби Шоҳмурод зикр мекунад. Хусусан мефармояд: «Вақте ки амир Шоҳмурод мардуми мазкурро ба Самарқанд кӯчонида овард, аз як тараф ба таъмири масоҷид, маҳаллот ва гузарҳо ва аз тарафи дигар ба иморати тоқи Чорсӯ оғоз кард [3, 19-20].

Аз ахбори манбаъҳои хаттӣ, ки зикр кардем, бармеояд, ки дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод дар Бухоро мадрасаҳо вуҷуд доштанд ва дар онҳо зиёда аз 30 ҳазор нафар толибилм таълим мегирифт. Аммо дар асарҳои зикршуда аз таълими илмҳои ҷамъитӣ, гуманитарӣ ва дақиқ ишора намешавад. Шоҳмурод бошад, худро яке аз шахсони рӯҳонӣ шумурда, ҳамаи амалҳояшро гӯё дар асоси оятҳои қуръонӣ ва ба нафъи мардум иҷро мекард. Аз ин далелҳо бармеояд, ки дар ин давра дар ҳақиқат мадрсаҳо таъмиру тармим шуда, шумораи хонандагон ва устодон дар он зиёд шуд. Аммо дар онҳо танҳо қоидаҳои исломӣ, фиқ, тафсири китоби «Қуръон» ва дигар масоили вобаста ба шариати ислом дар муддати дароз омӯхта мешуд. «Омӯхтани адабиёти бадеӣ, илми баён, хаттотӣ, риёзиёт, ҳайат дар барномаи барномаи таълимии мадрасаҳо аслан ба назар гирифта намешуд» [77, 157]. Ҳарчанд ки дар сатҳи ҳукумат забони тоҷикӣ мақоми аввал дошт, аммо дар мадрасаҳо

таълим ба забони арабӣ сурат мегирифт ва забони тоҷикӣ барои шарҳу тавзеҳ ба кор бурда мешуд. Бо эҳтимоли зиёд нафароне, ки илмҳои дунявиро аз худ карданӣ мешуданд, мустақилона ва дар назди ягон нафар донишманд ба омӯзиши онҳо машғул мешуд. Шояд аз ин сабаб бошад, ки шахсиятҳои донишманди ин давра дар Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он кам буда, дар манобеи таърихӣ зикр нашудаанд.

Аҳмади Дониш ба таври умумӣ аз рушди илм дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар ишора карда, аз ҷумла менависад: «Ин овоза дар тамоми диёри ислом мунташир шуда, мардум аз ақтору (амсори) рубъи маскун, барои таҳсили улум ба Бухоро меомаданд. Ба наҳҷе улуми шариат ва аҳкоми ҳудуди илоҳӣ ривоҷ гирифт, ки тавон гуфт, дар даври ислом, дар асри ҳеҷ подшоҳе инчунин тараққӣ ба аҳли илму уламо воқеъ нашуда бошад» [13, 31] Мушрифи Бухороӣ низ қайд менамояд, ки «Рӯзе, ки (Ҳайдар) шоҳ шуданд, дар болои арки Бухоро дарсгӯӣ сар карданд ва толибони илм ҷамоа - ҷамоа баромада дарс мехонданд ва ба ҷиҳати таъзим ва тавқири шоҳӣ гуфтаанд. Чунон шогирд ва дарсшунав бисёр буданд, ки подшоҳ ба маслиҳати мамлакат намепардохтанд ва мардумони сипоҳӣ ва бузургони мулк ҳарчанд ба арзи мир мерасониданд, мақбул намегардид ва муҳим мусалмононро ба қадри зарур мепурсиданд ва баъд аз он агар, вақте ки дарс набошад, аксар тиловати Каломуллоҳ мекарданд» [50, 594б] Бино ба ахбори Миро Абдулазими Сомӣ амир Ҳайдар аз улуми шаръӣ ва риёзӣ, нуҷум ва ҳандаса баҳраи вофир дошта, аълами уламои замон худ будаанд ва ҷамеи уламои Бухоро ба шогирдии он ҷаноб муфтахар ва мубоҳӣ буда, аз мадраси ифодааш истифода менамуданд: «Ҳар ҳафта ду бор уламо ва фузалои ҳазоқатдисор ба суҳбат ба он подшоҳи номдор ҷамъ шуда, гуфтугӯи илмӣ ба миён оварда, ба ҳаззи вофир ноил мешуданд. Амири фозили одил низ дар мусоҳабати аҳли дониш ҳарис ва ҳамвора бо талабаи илм дар айёми таҳсил ҳалқаи тадрисро гарм дошта, толибони ҳар навъи улумро дарс мегуфт» [42, 85]. Мирзо Абулазими Сомӣ аз

аввалин муҳаққиқонест, ки аз омӯзиши илмҳои дақиқ дар давраи ҳукмронии амирони манғитӣ дар баробари илмҳои шаръӣ ёдовар шудааст. Яъне, аз ин нигоштаҳои ӯ бармеояд, ки ҳарчанд муаллиф ба амир Ҳайдар бештар таваҷҷуҳ намуда, дар таърифу тавсифи ӯ ба муболиға роҳ додааст, аммо аз таълиму тадриси илмҳои дунявӣ дар замони ӯ ишора карда, ки ин ахбори ӯ бисёр муҳим аст.

Муаррихи дигар Садриддин Айнӣ ҳарчанд, ки дар хусуси дарсгӯии амир Ҳайдар ба муаррихони дар боло зикршуда ҳамфикр мебошад, аммо ӯ воқеаҳоро дар асари худ «Таърихи амирони манғити Бухоро» ба таври дигар шарҳ медиҳад. Бино ба ахбори ӯ «уламо ва талабаи он аҳд, ки ба эътибори аксарият ахлоқашон фосид шуда тамаллуқ ба дари ҳуккомро яке аз пешаҳои марзия медонистанд, ба мулозамати амир Ҳайдар мешитофтанд. Садҳо нафар талабаи улум ба ӯ нисбати шогирдӣ пайдо карда, дар ҳалқаи дарсаш ҳозир мешуданд. Ӯ низ, вақте ки мамлакат аз ихтилоли дохилӣ ва хориҷӣ зерузабар буд, «ба талаба дарс мегӯям» гуфта, ба муноқашаҳои бемаънии шуруҳ ва ҳавошӣ машғулӣ мекард» [3, 25].

Ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ба ҳам монанд буда, ба ҳақиқат наздиканд. Танҳо дар хусуси шахсияти Ҳайдар дар манобеъи зикршуда мухолифатҳо ба назар мерасанд, ки ин аз масоили мавриди таҳқиқ дар ин қисмат берун буда, дар қисми аввал ишора шудааст. Дар манобеи таърихӣ дар хусуси дарсгӯӣ ва дониши амир Ҳайдар бошад, маълумотҳо мухталифанд, аммо дар маҷмӯъ ҳамаи онҳо ишора менамояд, ки ӯ мудом дар мадраса ба дарсгӯӣ машғул мешуд. Аз сабаби он ки дар манобеи хаттӣ мо аз ин беш маълумоте пайдо карда натавонистем, маҷбур шудем, ин далелҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаи худро дар хусуси илму маорифи замони амир Ҳайдар пешниҳод кунем. Бинобар ин, аз ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар аҳди амир Ҳайдар илму маориф як зина пеш рафта, барои омӯзиши толибилмон мадрасаҳо амал

мекарданд. Дар мадрасаҳои Бухоро илмҳои шаръӣ, аз ҷумла фиқ, омӯзиши Қуръон, тафсири он ва ғайраҳо ва илмҳои дунявӣ, ба монанди риёзӣ, нуҷум ва ҳандаса таълим дода мешуданд.

Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ вобаста ба давраи амир Насрулло мефармоянд, ки масоҷид ва хавоиқ аз вуҷуди машоих пурнур ва мадорису макотиб обод буда [42, 191], Насрулло илму динро ривоҷ дод [13, 33-34]. Ин муаррихон дар хусуси дигар паҳлуҳои ҳаёти илмиву мадании мардуми Бухоро ва шарту шароити таълиму тадрис дар мадрасаҳо хабар надода, ба ҳамин ҷумлаҳои кӯтоҳ ин масъаларо рӯйпуш намуданд. Мушрифи Бухороӣ оид ба масъалаи мазкур маълумоти пурра ва комил наоварда, аз ҳаёти як нафар толибилм дар мадрасае аз Бухоро қисса мекунад: «...домуло Ҳасан Охунд алайҳи-р-раҳма мадрасаи эшонро дуруст карданд. Ба ман як ҳуҷра дода буданд ва баъд аз вафоти домуллоо тобистонӣ боғҳои бузург рафта, як чилла нишаста омадам. Аҳли мадраса иттифоқ карда, аз касе пора хӯрда, ӯро ба ҳуҷраи ман дароварда нишонида, чун ҳуҷра омадам, касе аҳволро бо ман хабар дод. Ба пеши ҳар мулло, ки рафтам, гуфтанд, ки ҳуҷра аз они ӯст. Мо туро намешиносем. Охар рафта ба зӯрӣ даромадам, палосҳои ӯро гирифта ва ба ранҷ ӯро ба берун андохтам. Он кас ба машварати муллоҳо рафта, ба тафсир арза дода, ҷаноби олӣ оламиёнро фармуданд...,ки таҳқиқ кунанд...» [50,609б] Ҳамзамон, дар ҷойи дигар Мушрифи Бухороӣ менигорад, ки амир уламо ва толибони илмро бисёр ривоҷ медоданд ва тарбият мекарданд [50,613б]. Аммо Садриддин Айнӣ қайд менамояд, ки амир Насрулло уламои муттамаликро ривоҷ дода, уламои ҳақиқиро танқид ва баъзеро ба қатл мерасонд [3, 37]. Масалан, донишмандони ин давра ба мисли Мулло Ҳоҷибой бинни Сафари Хуҷандӣ ва қозикалони Самарқанд қозӣ Абусаидхоҷаро, ки дар аҳди худ ягонаи Туркистон буд, аз ҳуқуқи дарс додан маҳрум ва хонанишин кард. Айнӣ мефрмояд: «Чун амир Насрулло дид, ки аксари уламои ҳаққонӣ ба воситаи кутубхонаҳо мерасанд, ба дастёрии мухтасиби

Бухоро Раҳмонбердӣ махдуми туркман тамоми китобҳои кутубхонаҳоро пароканда карда, умумро аз мутолиаи онҳо маҳрум намуд» [3, 37]. Ин маълумоти С. Айнӣ дар дигар манбаъҳои хаттӣ зикр нашудааст. Ҳатто муаррихони рус низ аз ин гуна муносибати амир Насрулло бо уламо ёдовар нашуда, баръакс ба вазъи мактабу мадрасаҳои он давра назари дигар доранд. Аз ҷумла, Н. Ханыков, ки соли 1941, яъне дар давраи ҳукмронии амир Насрулло ба Бухоро сафар карда буд, менигорад, ки дар Бухоро 103 мадраса вуҷуд дошт, ки аз онҳо 60 ададаш асосӣ мебошад [57, 85]. Ӯ 60 мадрасаро бо миқдори ҳуҷра ва идрорпулии (стипедия) толибилмон инъикос карда, навиштааст, ки мадрасаи Кукалтош 150 ҳуҷра дошта, муддарисони он 360 тилло маош мегирифтанд. Донишҷӯён ба се зина ё дараҷа ҷудо мешуданд: Зинаи якум панҷ қадам , яъне толибилмоне, ки аз сарф то таъзиба расидаанд ва ҳар як кадоми он 3 тангаи тилло дар як сол идрорпулӣ мегирифт. Зинаи дуюм, зинаи миёна, ки ҳар яки он дар як сол аз 3 ду ва ё 1 тангаи тилло гирифта, илмро аз таъзиба то Муллоҷалол аз худ намуда буданд ва зинаи охирин пешқадам, ки ин толибилмон илмро аз Муллоҷалол то охири барнома аз худ намуда, ҳар сол 5 тангаи тилло мегирифтанд [57,86]. Хаников дигар мадрасаҳоро низ бо шумораи ҳуҷраҳо ва стипендияи донишҷӯён инъикос кардааст, ки мувофиқи ахбори ӯ мадрасаи Мири Араб дорои 110 ҳуҷра ва идрорпулии ҳар як толибилм 5 тангаи тилло, мадрасаи Мирзо Улуғбек дорои 80 ҳуҷра ва стипендияи донишҷӯён аз 3 то 2 ва 1 тангаи тилло, мадрасаи Заранҷ 93 ҳуҷра ва идрорпулии толибилмон аз 1 то 5 тангаи тиллоро ташкил мекарданд [57, 86]. Бино ба сандаи ӯ соли 1840, ҳангоми тақсими мадрасаҳо ба маълумоти амир расониданд, ки шумораи толибилмон аз 9 ҳазор то 10 ҳазор нафарро ташкил медиҳад [57, 88].

Ба андешаи мо ҳақиқат ин аст, ки Мушрифи Бухоройӣ, Мизро Абдулазими Сомӣ ва Аҳмади Дониш, ки дар дарбори амирони манғитӣ

хидмат мекарданд, оид ба масоили илму маориф дар замони салтанати Насрулло то андозае ба ҳақиқат наздик бошад ҳам, ба муболиға роҳ дода, ба Насрулло ва сиёсати пешгирифтаи ӯро бештар ҷонибдорӣ намуданд. Яке аз сабабҳояш он аст, ки муаллифон дар навиштани таърихи амирони манғитӣ аз асноди дарбори манғития истифода кардаанд, ки дар таълифи асарҳои онҳо бетаъсир намондааст. Бинобар ин, маълумоти пурра ва ба ҳақиқат наздики мактабу маориф дар аҳди Насрулло дар асарҳои С. Айнӣ ва Н. Хаников инъикос шудааст. Ҳамчунин, дар такя ба дигар маълумотҳо натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар вақти амир Насруллоҳ мадрасаҳо фаъолият дошта, марказҳои илму дониш ба ҳисоб мерафтанд ва дар он толибилмон бештар ба омӯзиши таълимоти шаръӣ машғул шуда, ба илмҳои дунявӣ камтар эътибор медоданд. Аз тарафи дигар, таълиму тадрис дар дараҷаи паст қарор дошт. Худи Насрулло ва дарбориёнаш ба ин масъала аҳамият надода, ҳатто донишмандонро таъқиб ва баъзеро аз дарсгӯӣ маҳрум месохтанд. Дар баробари ин дар давраи амир Ҳайдар ва Насруллоҳ муллоҳои ҷоҳталаб мақоми махсус доштанд, ки амирон ва дигар мансабдорон ба онҳо такя мекарданд. Бо ибтикори ин муллоҳо дар давраи амирони зикршуда ҳуҷраҳои мадрасаҳо хусусӣ карда мешуданд. Ҳар толибилме, ки мадрасаро хатм мекард, метавонист ҳуҷраи худро ба дигар кас фурӯшад [4, 13]. То ин давра дар мадрасаҳои Бухоро зиёда аз 20 китобхона вуҷуд дошт. Аммо бо сабаби он ки бисёр одамон дар он ҷо хонда, бар зидди ақидаҳои уламои дарборӣ мебаромаданд, онҳоро барҳам доданд. Пас аз оғоз шудани муносибатҳои тиҷоратии Аврупо бо Бухоро бисёре аз ин китобҳо аз ҷониби писарони мансабдорони амир ба аврупоиён фурӯхта шуд.

Аҳмади Дониш бо назардошти замони салтанати амир Музаффар, хусусан ба ҳангоми ҳамлаи лашкари Русия ба Дизах қайд менамояд, ки толибин ва уламо дар Бухоро ба ғазо хестанд [13, 41]. Ин ахбори Аҳмади Дониш ишора менамояд, ки дар давраи амир Музаффар

дар Бухоро мадрасаҳо вуҷд дошта, дар он толибин таълим мегирифтанд. Мирзо Абдулазими Сомӣ низ бо Аҳмади Дониш ҳамфикр буда, оид ба масъалаи мазкур дар даврaҳои ҳукмронии амир Музаффар, Абдулаҳад ва Олимхон дигар ишорае накардааст. Садриддин Айнӣ бошад, менависад, ки «Амир Музаффар дар авоили ҷулуси худ ба синфи уламо ҳеҷ эътино ва эътиборе намекард. Уламо низ аз саффоқӣ ва бебокии ӯ дар ҳисоб буда, аз ғайри ишорати амир ба коре тадохул намекарданд» [3, 96]. Садриддин Айнӣ ҳарчанд аз вазъи таълиму тарбия дар мадориси аморати Бухоро дар давраи амир Музаффар ишора намекунад, вале дар бобати муллоён ва донишмандони он давра, инчунин муносибати амир Музаффар бо онҳо қайд менамояд, ки «амир Музаффар ба машварати қозӣ Садриддини кӯлобӣ нисбат ба муллоён сиёсати танъим ва таҳдидро пеш гирифт, яъне ба ҷумҳури уламо ва талабаи улум дари эҳсон ва инъомро кушода дошта, онеро, ки аз ӯ нисбат ба ҳукумати амир эҳтимоли фитна ва фасод мерафт, ба нафъй ва бадарға ҷазо медод» [3, 96]. Тибқи ин манбаъ баъзе мактабҳоро подшоҳӣ карда, барои хурсанд кардани уламо аз худ дар мавриди атои даҳяк як маблағ пулро аз корвонбошии Бухоро қарз гирифта, ба маблағи даҳяк ҳамроҳ карда медод [3, 97]. Амир уламоро мутеи худ сохт. Ҳар нафаре агар дар мавриди сиёсати нодурусти амир Музаффар ҳақиқатро мегуфт ва ё амалҳои ғайришаръии амирро намеписандид, бадарға ва ё ба қатл расонида мешуд. Аз ин сабаб бисёр уламо аз Бухоро фирор намуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки масоили мактабу маориф дар рисолаҳои таърихии Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Аблуазими Сомӣ чандон воқеъбинона ва равшан инъикос наёфтааст. Ягона манбае, ки ахбори ӯ боиси эътимод мебошад, рисолаи «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Садриддин Айнӣ аст. Айнӣ бо вуҷуди он ки ин масъаларо пурра тасвир накардааст, аммо то андозае муносибати ҳукумати амириро бо донишмандон воқеъбинона нигоштааст.

Ҳамчунин, аз омӯзиши манбаъҳои хаттӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар аҳди амир Музаффар низ дар Бухоро мактабу мадрасаҳо вуҷуд доштанд, аммо сатҳу сифати таълим дар шароити паст қарор дошта, касе ба ин масъала эътибори ҷиддӣ намедод. Бисёр донишмандон ба таъқиби амалдорон, хусусан амир гирифтор шуда, аз Бухоро фирор менамуданд.

Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ба монанди Муширифи Бухоройӣ дар бораи ҳаёти фарҳангӣ, хусусан илму маорифи давраи минбаъдаи ҳукмронии амирони манғитӣ маълумот надодаанд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Сайдриддин Айнӣ дар ин бора маълумоти бештаре овардаанд. Бино ба ахбори Гулшанӣ дар дохили шаҳри Бухоро 199 адад мадраса, ғайр аз Гурхона ва Хонақоҳ мавҷуд аст, ки дар он панҷоҳ ҳазор нафар толибилм истиқомат мекунад [46, 47-48]. Гулшанӣ теъдоди толибилмонро чунин овардааст: «Аз тоифаи аҳли илм ва ҳофизи Каломи Раббонӣ теъдоди онҳо аз қарори зайл аст: ҳазор нафар талабаи даҳякдор ва яксаду панҷоҳ адад «салавот»-хон, ки «Саҳеҳ»-хон сӣ нафарӣ, панҷ ҷамоа ва дусаду чил нафар ҳофизи Калому-л-Лоҳ, ҷамъ як ҳазору сесаду навад нафар аз талаба ва қорӣ аз давлат муваззафанд» [46, 48]. Бино ба ахбори Гулашнӣ дар ҳар як маҳаллаи Бухоро мактабҳои ибтидоӣ аст, ки шумораашон ба 196 адад мерасад ва дар он муаллимон дарс мегӯянд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ маоши муаллимони макотиби ибтидоӣ ва илмҳои замонро, ки дар мадрасаву мактабҳо таълим медоданд, ёдовар намешавад. Аммо Садриддин Айнӣ, ки ба монанди Содиқхоҷаи Гулшанӣ шоҳиди воқеаҳои ин давра мебошад, менависад, ки «Дар аҳди амир Абдулаҳад уламо ба эътибори аксарият ҳама мансабдӯст ва ҷоҳпараст буданд» [3, 113]. Бино ба андешаи ӯ амир Абдулаҳад уламо ва талабагони мадрасаро дар ихтиёрӣ қозӣ Бадриддин гузошт, ки ӯ ин ҳамаро дар итоати худ даровард ва дар мадрасаҳо низ дарс мегуфт. Ҳар толибилме, ки дар дарсҳои ӯ фаъолона иштирок мекард, соҳиби ҷоҳу мансаб мегашт...

Садриддин Айнӣ дар асари дигари таърихии худ «Таърихи инқилоби Бухоро» ба масоили илму мактаб диққати хоса дода, ин масъаларо ба таври васеъ овардааст. Мувофиқи ахбори ӯ дар ин давра дар мадрасаҳои Бухоро илмҳои динӣ, ба монанди Қуръон, ҳадис, тафсир ва усули фиқҳ барин қоидаҳои асосии шариат, дар қисми таърих сияри набӣ (шарҳи ҳоли пайғамбарон), тарҷумаи аҳволи салаф (гузаштагон) ва табақот барин илмҳои ибратомӯз ва илмҳои дунявӣ ба монанди ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб, ҳикмати табиия, мантиқ, шеър ва адабиёт омӯхта мешуданд [4, 9]. Мувофиқи иттилои ҳамин манбаъ муллоҳои онвақтаи Бухоро аз асли дини ислом хабардор буда, аз номи шариат ҳар фанро ҳаром нашуморида, ҳар касро такфир намекарданд [4, 9].

Дар ин давра дар аморати Бухоро аз ҷониби хон ва дигар мансабдорон сохтмони мадрасаҳо ба хотири обрӯ ва нуфуз ҷорӣ шуд. Бекҳо низ ба ин иқдомоти хоҷагони худ пайравӣ карданд. Бинобар ин, шумораи толибилмон ба маротиб афзуда, ҳатто аз дигар кишварҳо барои таҳсил ба Бухоро меомаданд. Аммо бештари баҳсҳои онҳо перомуни масоили динӣ сурат мегирифт ва ба илмҳои дунявӣ касе таваҷҷуҳ намекард. Садриддин Айнӣ ин масъаларо дар рисолаи худ чунин баён медорад: «Оқибат шарҳ ва ҳошияҳо ба ҳадде зиёд шуданд, ки ба масъалаҳои асосии ҳеҷ як илму фан навбат нарасида, муддати 18-20-солаи ҳаёти мадрасагии талаба ба омӯзиши дебоча ва хутбаю «Шарҳи Мулло»-ҳошияи Қутбӣ, шарҳи Ақоиди Насафӣ, Таҳзиб, Ҳикмат-ул-айн ва Мулло Ҷалол барин 5-6 китоб, ба ҳошияи онҳо ва ба ҳошияи ҳошияҳои онҳо сарф мешуд. Фанҳое чун ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб ва амсоли инҳо ба номи худ нест шуда рафтанд» [4, 11].

Пас аз истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Руссия роҳ ба ҷониби Руссия ва Аврупо кушода шуд. Яъне, ин имконият дод, ки мардум ба он кишварҳо сафар карда, аз рушду тараққиёти дигар кишварҳо дидан намоянд. Зери таъсири фарҳангу маданияти кишвари Русия ва

кишварҳои Аврупо дар Бухоро тағйиротҳо ба вуҷуд омад. Асосан равшанфикрон пайдо шуданд, ки сохти пусидаи аморати Бухоро танқид ва тарзи зиндагии аврупоиро мехостанд. Бинобар ин, дар Бухоро соли 1900 бо ташаббуси Ҷурабой Пирамастӣ аввалин мактаби усули нав ташкил карда шуд, аммо ин мактаб дер давом накарда барҳам хӯрд. Аз соли 1908 мактабҳои усули нав пайдо шудан гирифтанд, ки ба ҳукумати амирӣ писанд намеомаданд. Зеро ин мактабҳо зинаи аввали ҳаракатҳои инқилобӣ ва озодӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Ҳамин тариқ, вазъи мактабу маориф дар Бухорои замони ҳукмронии манғития дар асарҳои «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ, «Рисола ё мухатасаре аз таърихи салтанати амирони манғитӣ»-и Аҳмади Дониш, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, «таърихи ҳумоюн»-и Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва дигар муаррихони дарборӣ ба таври пурра инъикс нашудааст. Масоили мазкур дар рисолаҳои таърихии Садриддин Айнӣ ва Н. Хаников тасвири бештари худро ёфта, ахбори онҳо ба ҳақиқат наздиканд.

**Илму адабиёт.**

Масъалаи вазъи илм дар сарчашмаҳои хаттӣ батаври аниқ мушаххас нест. Аммо аз натиҷаи омӯзиши масоили таълиму тарбия ба ҳангоми инъикоси вазъи мадрасаҳои аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ вохӯрдан мумикин аст, ки аз натиҷаи он то андозае метавон ба вазъи илм дар аморати Бухоро равшанӣ андохт.

Тавре қайд гардид, дар мадрасаҳои Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX бештар ба таълим дар асоси қавонини исломӣ сурат мегирифт. Дар онҳо илмҳои динӣ, ба мисли ҳадис, тафсир, фиқҳ, саҳву наҳви арабӣ ва форсӣ бештар таълим дода мешуданд. Ҳарчанд, илмҳои риёзӣ, нуҷум ва дигар динҳои дунявӣ то андозае таълим дода мешуданд, аммо ба онҳо кам эътибор медоданд. Таваҷҷӯҳ бештар ба илмҳои динӣ равона гардида буд. Ғайр аз ин, дар ин давра хататтӣ низ омӯхта мешуд, ки ба ин восита осори гузаштагонро, хусусан

муаррихону адибону шоиронро аз нав хаттотӣ мекарданд, ки яке аз хаттотони машҳури он давра Аҳмади Дониш ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар ин давра наққошӣ

Дар ибтидои асри XX дар аморати Бухоро масоили ислоҳоти соҳаи маориф ба вуҷуд омад. Инмасъала, албатта, пас аз ҳуҷуми Россияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва таъсири давлатҳои муттарақӣ дар зеҳни равшанфикрон пайдо шуд. Ҷадидони Бухоро барои рушди илмҳои дунявӣ мубориза мебурданд, дар ҳоле ки дар ҳамин давра дар мадрасаҳо таълим ба усули анъанавӣ анҷом меёфт.

Дар сарчашмаҳои таърихии ин давра оид ба намояндагони барҷастаи илму адабиёт маълумот вуҷуд надорад. Аз омӯзиш ва таҳлили дигар манобеъ бармеояд, ки дар ин давра як қатор донишмандон ҳаёт ва фаълият мекарданд. Хусусан, яке аз донишмандон ва таърихнависони ин давра Муҳммадвафои Карминагӣ (1685-1769) [120, 177] мебошад, ки дар дарбори Муҳаммадраҳимхон хидмат карда, асаре бо номи «Туҳфату-л-хонӣ» таълиф намуд ва ин асари таърихии ӯ ҳодисаҳои таърихии Бухороро аз соли 1722 то соли 1782 -ро фаро мегирад, ки ба эҳтимоли зиёд баъд аз марги муаллиф нафаре навиштани ин асарро идома додааст [49, 419].

**Мирзоабдулазими Сомӣ** (1837-1909) дар Бухоро ба дунё омада, дар мадраса таҳсил намудааст. Баъди хатми мадраса ба дарбори манғития роҳ ёфта, вазифаи котиби дарборро иҷро менамуд ва ҳамчунин яке аз таърихнависони ин давра ба ҳисоб мерафт. Машҳуртарин асарҳои ӯ «Таърихи салотини манғития» ва «Туҳфаи шоҳӣ» мебошад. Ин асарҳо таърихи ҳукмрони амирони манғитӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоии аморати Бухороро дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, инчунин дар масоили таърихии марбут ба ин даврaро дар Осиёи Миёна инъикос мекунад [41; 43, 332].

**Мушрифи Бухороӣ** аз муаррихони дарбори амирони манғитӣ мебошад. Номи пурраи ӯ Мирзо Саидхоҷа Мушрифи Бухороӣ буда, ба

эҳтимоли зиёд ӯ дар дарбори амир Абдулаҳад ва Олимхон хидмат мекард. Дар бораи дигар паҳлуҳои ҳаёти ӯ маълумот дастрас нест. Аз ӯ асари таърихие бо номи «Таърихи амирони манғити Бухоро» то замони мо боқӣ мондааст, ки масоили таърихиро аз даврaҳои қадим то аҳди ҳукмронии амир Олимхон дар бар мегирад. Хусусан қисмати чоруми ин аср, ки ба замони салтанати амирони манғитӣ бахшида шудааст, масоили сиёсиву иқтисодӣ ва иҷимоиву фарҳангии аморати Бухроро дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX инъикос менамояд.

**Мирзо Сироҷи Ҳаким** ё Мирзо Сироҷиддини Бухороӣ (1877-1914) [88, 899] аз равшанфикрон ва маорифпарварони нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX мебошад. Ӯ соли 1877 дар Бухоро, дар оилаи тоҷир ва сарроф ба дунё омадааст. Ӯ баъд аз омӯзиши илмҳои замони худ ба тиҷорат машғул шуда, ба чандин кишварҳои Осиё ва Аврупо сафар намуда, асаре бо номи «Туҳафи аҳли Бухоро» таълиф намудааст. Ин асари ӯ асари таърихӣ буда, авзои сиёсву иҷтимоӣ ва фарҳангиву иқтисодии Осиёи Миёна, Русия, кишварҳои Аврупо, Афғонистон ва Эрон ва масоили тиҷоратии Бухороро бо дигар кишварҳо дар охири асри XIX-ибтидои асри XX тасвир менамод. Ҳамчунин, ақидаҳои маорифпарварии муаллиф дар ин асар ба назар мерасад.

Аз намояндагони барҷастаи адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар манобеи хаттӣ зикр нашудаанд, аммо ба мо маълум аст, ки А. Дониш, Шамсиддини Шоҳин (1866-1895), Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-1902), Раҳматуллоҳи Возеҳ (1817-1894), Садриддин Айнӣ ва дигарон аз намояндагони барҷастаи адабиёти замони зикршуда мебошанд.

Дигар аз бахши фарҳанги нимаи дуюми асри XVII-ибтидои асри XX адабиёт мебошад. Дар ин давра бо вуҷуди он ки илму фарҳанг дар ҳоли карахтӣ қарор дошта, аммо чеҳраҳои адабии тоҷик пайдо шудаву дар муҳити адабии Бухоро ташаккул ёфтаанд. Дар ин давра дар баробари инъикоси масъалаҳои ахлоқӣ дар эҷодиёти адибону шоирон,

масъалаи маорифпарварӣ ба вуҷуд омадаву тақвият меёбад, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бори нахуст сурат гирифтааст. Дар саргаҳи ин масъала Аҳмад Махдуми Дониш меистад. Тавре дар боло дар бораи ҳаёту рӯзгори ӯ ишора намудем, ӯ яке аз донишмандони маъруфи замони худ буд ва ҳангоми хидматаш дар дарбори манғития се маротиба ба Руссия сафар карда, соҳиби боварии аҳли дарбори подшоҳи Русия гардид. Аҳмади Дониш баъди се сафараш ба Россияи подшоҳӣ ( солҳои 1857,1869 ва 1873) андешаҳояш оид ба сохтори идории аморати Бухоро ва қафомондагии он дигар шуд, ақидаҳои таҳлилию татбиқии равшанфикрии созанда ва ислоҳотталабии сохтори аморати Бухоро дар ниҳоди ӯ пайдо шуда буд. Ин андешаҳои маорифпарваронаи ӯ диққати дигар донишмандонро ҷалб кард. Аз ҷумла, Абдуқодирхоҷаи Савдо (1823-1873), Шамсиддини Шоҳин (1866-1895), Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-1902), Содиқхоҷа Гулшанӣ (1861-1910), Раҳматуллоҳи Возеҳ (1817-1894) ва дигарон дар атрофии А. Дониш ҷамъ шуда, ба ӯ пайравӣ пайравӣ намуданд [114].

Аҳмади Дониш дар тӯли ҳаёту фаъолияташ як қатор асарҳои илмиву бадеӣ, аз ҷумла «Наводир-ул-вақоеъ» [16], «Манозир-ул-кавокиб» (Манзараҳои ситорахо), «Рисола фи аъмол ил кура» (Рисола дар бораи амалиёт бо кура), «Ҷомеъ-ул ҳикоет» (асари бадеии тарҷумаиҳолӣ) ва «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» таълиф намудааст. Ӯ порчаҳои шеърӣ ҳам дорад, ки дар шакли куллиёт мураттаб гардидаанд.

Дар миёни мероси адабию илмӣ ва фалсафии ӯ ду асари А. Дониш аҳаммияти калон доранд, ки яке аз онҳо «Наводир-ул-вақоеъ» [17] ва дигар «Таърихи амирони манғитӣ» мебошад. Шеъру ғазал, рубоят ва дигар порчаҳои шеърии ӯ дар як «Кулиёт» ҷамъоварӣ шудаанд.

Тавре қайд гардид, Аҳмади Дониш дар рушди адабиёти тоҷик дар асри XIX нақши басо муҳим доштааст. Дар эҷодиёти адабии ӯ масъалаҳои таҳлили воқеаҳои замон, танқиди ҳокимони замон, тарғиби

илму дониш, масъалаҳои фалсафӣ ва ғайра ҷойгоҳи хоса дорад. Ӯ дар эҷодиёти худ роҳи ягонаи рушду тараққиёти ҷомеро маҳз дар омӯзиш илм мебинад.

Дигар аз намояндагони маъруфи адабиёти ин давра Абдулқодирхоҷаи Савдои Бухороӣ мебошад. Ӯ соли 1823 дар Бухоро таваллуд ёфта, дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намуда, ба камол расидааст. Ӯ илмҳои замони худ, нуҳҷум, риёзӣ, наққошӣ ва мусиқиро хуб медонист. Ӯ дар дарбори амир Абдулаҳад ва амир Музафар хизмат намудааст. Дар соҳаи адабиёти бештар дар жанри лирикӣ шеър мегуфт. Осори ин донишманд дар шакли пароканда то имрӯз боқӣ мондааст. Бештари эҷодиёти ӯро масъалаҳои лирикӣ ва ҳаҷвӣ ташкил медиҳад. Дар ғазалҳои шоир масъалаҳои ишқу муҳаббат, вафодорӣ, одобу ахлоқ ва дигар масъалаҳоро инъикос ёфтааст. Дар масълаи ҳаҷв шоир камбудиву беадолатиҳои замонро дар шакли ҳаҷв баён доштааст. Эҳтимол меравад, ки ӯ аз сабаби он ки хидматгори дарбор буд ва наметавонист камбудиҳои онро ошкор баён намояд, бинобар ин зери қабои ҳаҷв ин масъаларо баён доштааст. Яке аз асарҳои насрии ӯ «Музҳикот» мебошад, ки дар он масоили хурофотпарастӣ, масоили иҷтимоии ҷомеа, таълиму тарбияи кӯдак ва ғайра инъикос ёфтааст. Дар эҷодиёти Савдо масъалаҳои маорифпарварӣ низ ба мушоҳида мерасад [52, 150]. Ӯ бо Аҳмади Дониш ва дигар маорифпарварони замони худ робитаи наздик дошта, дар маҳфилҳои онҳо иштирок менамуд.

Абдулқодирхоҷаи Савдо анъанаҳои класикиро дар адабиёт идома дода, ба ин восита ҷойгоҳи махсуси худро пайдо кардааст.

Яке аз чунин шахсиятҳои маъруфи адабиёти нимаи дуюми асри XIX Шамсиддин –Махдум Шоҳини Бухороӣ мебошад, ки соли 1865 дар Бухоро таваллуд ёфтааст. Падарш Муллоамон аз Кӯлоб буда, барои таҳсил ба Бухоро рафта, дар он ҷо оиладор мешавад. Бино ба ахбори Садриддин Айнӣ Шамсиддин Шоҳин дар овони наврасӣ ва ҷавонӣ дар мактаб ба шеъру шоирӣ рағбати зиёд дошта, аз ҳамон давра ба шеъргуӣ

шуруъ намудааст [11, 260]. Ӯ пас аз хати мактаб ба дарбори амир Абдулаҳад даъват шуда, дар он ҷо вазифаи надимиро иҷро мекунад. Ӯ соли 1894 дар сини 39 - солагӣ вафот мекунад. Шоҳин дар давоми зиндагии худ асарҳои «Туҳфаи дӯстон» [63, 161], «Лайлӣ ва Маҷнун» [64, 116], «Бадоеъ-ус-саноеъ» [64, 116] ва ғазалу қасида ва рубоиву қитъаҳои зиёде ба мерос мондааст [60, 366]. Мавзуҳои асосии эҷодиёти ӯро панду ахлоқ, ишқу муҳаббат, камбудиҳои иҷтимоии ҷомеа ва ғайраҳо ташкил медиҳад.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аз намояндагони дигари адабиёти тоҷик аст, ки соли 1817 дар Бухоро таваллуд ёфтаву ба воя расидааст. Ӯ аз ҷумлаи донишмандони замони худ буда, дар рушди адабиёт, хусусан назму насри адабиёти форсу тоҷик хизматҳои арзишманде ба анҷом расонидааст. Ӯ ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ, узбекӣ ва арабӣ шеърҳо сурада, ҳамзамон ҷиҳати таҳқиқи адибону донишмандони гузата ба тазкиранависӣ машгул шудааст, ки онро муаллиф дар соли 1871 таълиф намуда, «Туҳфатул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб» [32, 284] ном ниҳодааст. Дигар аз асори ин донишманд «Савонеҳу-л-масоилик ва фаросиху-л-мамолик» [31, 176] мебошад, ки соли 1887 таълиф гардида, асосан сафарномаҳои шоирро дар бар мегирад. Ҳамзамон, асарҳои дигари ӯ Кони лаззат ва хони неъмат» ва «Ақоиду-н-нисо» мебошанд, ки аввали ба масоили хурокҳо ва дигаре ба ҳаҷв бахшида шудаанд. Эҷодиёти шоир гуногунжанр буда, дар онҳо масоили ахлоқиву иҷтимоӣ, ҳаҷву истиора, расму оин ва ғайраҳо баррасӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар ин давра дигар адибону донишмандон, аз ҷумла Тошхоҷаи Асирӣ [24, 192], Муҳаммадсидиқи Ҳайрат [56, 252], Мирзо Сироҷи Ҳаким, Ҳусайни Кангуртӣ [36] ва дигарон ба майдони адабиёт ворид шуда, аз худ ашъоре боқӣ мондаанд.

Яке аз бузургтарин намояндаи адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ мебошад. Дар бораи зиндагиномаи ин донишманд дар боло ишора намудем. Аз меросии илмии ӯ ки дар давраи то соли 1920

таълиф намудааст, «Гули сурх», «Тазҳибу-с-сибиён» [1, 48], шеъру мақолаҳо, очеркҳои публисистӣ, «Соли нахустин» ва «Таърихи амирони манғити Бухоро» мебошад.

Ҳамин тариқ, дар адабиёти асри XVIIIва ибтидои асри XX анъанаҳои классикӣ идома ёфта, мавзуъҳои нав ба жанрҳои адабӣ, ба монанди маорифпарварӣ ворид гардид. Дар ин давра, бештар мавзуъҳли ахлоқӣ, иҷтимоиву фалсафӣ, маорифпарварӣ, ишқу ошиқӣ дар асарҳои адибон инъикос меёфт. Ҳаҷв низ яке аз жанрҳои муҳим дар ин давра ҷиҳати танқиди сохти замон истифода мешуд. Эҷодиёти ин шоирону нависандагон, хусусан Аҳмади Дониш, Мирзоқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин, Ҳусайни Кангуртӣ ва дигарон ба рушди минбаъдаи адабиёт заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, намояндагони барҷастаи илму адабиёт дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос наёфта, муаллифон ин масъаларо аз мадди назари худ дур гузоштаанд. Ин масъала бештар дар адабиёти илмии замони Шӯравӣ инъикос ёфтааст.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Аз натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, таҳлилу баррасии ахбори дигар манобеи хаттӣ ва осори илмӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1. Омӯзиш ва таҳлилу баррасии воқеаҳои таърихии аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, ки дар баррасии масоили таърихии асрҳои зикршуда сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ дониста мешаванд, зарур аст.

2. Муҳаммадвафои Карминагӣ, Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Садриддин Айнӣ аз зумраи донишмандон ва муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX буда, (ба ғайр аз С. Айнӣ) дар дарбори амирони манғитӣ хидмат намуда, ба навиштани таърихи сулолаи манғития машғул шуданд. Дар осори онҳо масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии аморати Бухоро, инчунин дигар масоили таърихии марбут ба асрҳои зикршуда ба таври мухталиф инъикос ёфтаанд.

3. Бисёре аз муаррихони зикршуда, аз ҷумла Муҳаммадвафои Карминагӣ, Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар таълифи асарҳои худ бештар аз асноди давлатии дарбори манғитиён истифода карда, дар бештари мавридҳо ба амирони манғитӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Садриддин Айнӣ бар хилофи дигар муаррихон масоили таърихиро кушода ва бетрафона инъикос намудааст. Дар маҷмуъ манбаъҳои хаттии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар омӯзиши ҳаводиси таърихии Бухоро сарчашмаҳои муҳим буда, баррасии ахбори онҳо ба ҳалли бисёр масоили норавшани таърихӣ мусоидат менамоянд.

4. Таърихи ба сари ҳокимият омадани Муҳаммад Раҳимбий дар асарҳои Аҳмади Дониш ва Мушрифи Бухороӣ инъикос нашуда, ин

масъала дар асарҳои “Туҳфату-л-хонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва “Таърихи амирони манғитияи Бухоро”-и Садриддин Айнӣ инъикоси бештари худро ёфтааст. Аммо Муҳаммадвафои Карминагӣ дар инъокиси таърихи ҳукуматдории Муҳаммад Раҳимбӣ ҳақиқатро пинҳон дошта, ба ӯ таваҷҷуҳ намудааст. Ин масъала аз ҷониби ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ва С. Айнӣ воқеъбинона ба қалам дода шудааст.

5. Аз натиҷаи омӯзиши осори хаттӣ натиҷагирӣ карда шуд, ки Раҳимбӣ ба хидмати Нодиршоҳ пазируфта шуда, ҳангоми сар задани шӯриш дар Каттақурғон бар зидди Абулфайзхон ба Бухоро омада, онро пахш ва Абулфайзхонро дар Бухоро ба қатл расонда, ҳокимиятро ба даст гирифт. Ӯ пас аз қатли ду писари Абулфайзхон - Абдулмуъмин ва Убайдулло ба ҳукуматдории Аштархониён хотима гузошт.

6. Замони салтанати Дониёл атолиқ дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ нисбатан равшан тасвир шудааст. Аз ахбори онҳо бармеояд, ки дар ин давра фисқу фасод ва ҷабру зулм аз ҳад зиёд шуда, парокандагии феодалӣ қувват гирифт.

7. Ҳодисаҳои таърихии Бухоро дар замони ҳукмронии Шоҳмурод бештар дар рисолаҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ инъикос ёфта бошанд ҳам, вале муаллифон вобаста ба мавқеи иҷтимоии худ дар инъикоси баъзе воқеаҳо ҳақиқати таърихиро ошкоро нагуфтаанд. Инъикоси вазъи замон дар осори Садриддин Айнӣ нисбат ба дигар манбаъҳои хаттии ба ин давра тааллуқдошта ба ҳақиқат наздиктар аст [1-М].

8. Муайян карда шуд, ки Шоҳмурод пеш аз ба сари ҳокимият омаданаш бо риёкориҳои худ таваҷҷуҳи бисёр аз уламои динӣ ва мардумиро ба худ ҷалб карда буд. Дар замони ҳукмронияш ӯ се маротиба ба шаҳру навоҳии ҳамҷавор лашкар кашид, ки дар натиҷа

бисёр аз шиамазҳабони Марвро ба қатл расонида, 30 ҳазор нафар аз онҳоро ҳамчун асир ба Бухоро оварда [1-М].

9. Вазъи сиёсии таърихии Бухоро дар замони ба сари ҳокимият омадани амир Ҳайдар дар рисолаи “ Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Мушрифи Бухоро ба таври мукаммал инъикос наёфта бошад ҳам, асарҳои А. Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ онро аз ҳар ҷиҳат пурра намудаанд [3-М].

10. Дар бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла асарҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоро ҳаводиси таърихии Бухоро дар замони ҳукмронии Насруллоҳ воқеъбинона инъикос наёфта, ин гурӯҳи муҳаққиқон ба амир Насруллоҳ аз ҳад зиёд таваҷҷуҳ намуда, ҳақиқатро пинҳон дошта, Насруллоро ҳамчун шоҳи одилу раиятпарвар нишон додаанд. Аммо ҳақиқат ин аст, ки баъд аз вафоти падараш ҳирси ҳокимиятталабӣ дар ниҳоди Насрулло боло гирифта, бародари худро ба қатл расонидиа, ҳокимиятро ба даст мегирад [2-М].

11. Дар замони ҳукмронии амир Насрулло мардуми Бухоро ҷабру зулми аз ҳад зиёд диданд. Насрулло зимни лашкаркашиҳо харобиҳои зиёд ба бор меовард, мардумро бо андак гуноҳ ба қатл расонида, нафси зулмкеши худро таскин медод. Насрулло чандон дониш надошта, аз қонунҳои шариати ислом низ бехабар будааст. Зеро ӯ бо кӯчактарин гуноҳ ба мардум ҳукми қатлро раво медид [2-М].

12. Аз омӯзиши манобеи таърихӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки амир Музаффар дар аввали ҳукмронии худ ба хотири ҳамчун шоҳи одилу раиятпарвар нишон додани худ каме ҳадди инсофро риоя кард. Аммо ӯ ин ҳолати сохтаро дер нигоҳ дошта натавонист, балки мардуми зиёдро ба қатл расонда, бештар ба ишқварзӣ машғул мешуд. Ҳамзамон ба Ҳисор, Қуқанд, Кӯлоб, Балҷувон ва Қаротегину Дарвоз лашкар кашид, хароибиҳои зиёд оварда [5-М].

13. Баррасии ахбори манобеи хаттӣ ба исбот расонд, ки дар солҳои ҳукумронии амирони манғитӣ вазъи сиёсии мамлакат хароб

буда, мардум аз ҳад зиёд зери ҷабру зулми амирон қарор мегирифт [5-М], [7-М].

14. Дар рисолаҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухорої, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ҳаёти кишоварзии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX ҷой доранд, аммо дар онҳо муаллифон бештар ба ҳаёти сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Масоили мазкурро муҳақиқиони рус Н. Хаников ва Д.Н. Логофет бештар инъикос намудаанд, ки дар тақвият ба ахбори муаррихони маҳаллӣ манбаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

15. Зимни таҳқиқот маълум шуд, ки дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар шаҳру навоҳии аморати Бухоро кишту кори ғаладона, аз ҷумла гандум, ҷав, кунҷит, наск, нахуд ва дигар навъҳои зироат, инчунин Дигар навъҳои зироатҳои техникӣ, ба монанди пахта, биринҷ, ҷуворимакка, зироатҳои гуногуни полезӣ ва ғайраҳо ҳам дар заминҳои лалмӣ ва ҳам обӣ сурат мегирифт [6-М].

16. Тарзи коркарди замин, олотҳои меҳнат ва масоили обёрии заминҳои кишоварзӣ дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар асарҳои муаррихони тоҷик, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоройӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Садриддин Айнӣ зикр нашудааст. Н. Хаников ва Д.Н. Логофет дар ин бора бештар маълумот додаанд [6-М].

17. Масоили касбу ҳунари мардуми Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухоройӣ зикр нашуда, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Садриддин Айнӣ ба ин масъала ишора намудаанд, аммо маълумоти онҳо низ пурра ва қаноатбахш нест. Ҳунармандии аморати Бухоро дар адабиёти илмӣ инъикоси бештари худро ёфтааст. Муайян шуд, ки аз лиҳози ҷуғрофӣ шаҳри Бухоро дар маркази роҳи корвонгарди савдои Осиёи Миёна бо Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Руссия қарор буда, ҳунармандон мекушиданд баҳри истеҳсоли молҳои

босифат ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори хориҷӣ истеҳсол намоянд. Бинобар ин, дар Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он аҳолӣ дар баробари хоҷагидориву деҳқонӣ ба дуредгарӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ, дузандагӣ, бофандагӣ, табоҳӣ, косибӣ, заршӯӣ, рехтагарӣ, кандакорӣ, алочабофӣ, кордсозӣ, қуфлсозӣ, муҳраканӣ ва ғайраҳо машғул мешуданд.

18. Масоили савдои дохилӣ ва хориҷии аморати Бухоро дар асарҳои А. Дониш, С. Айнӣ, С. Гулшанӣ, Н. Хаников ва И. Логофет бештар инъикос ёфтааст, ки ахбори онҳо ба ҳам монанд ва ба ҳақиқат наздиканд.

19. Нишондиҳандаҳои андозситонии замони салтанати амир Музаффар дар “Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Мушрифи Бухороӣ ба таври васеъ инъикос шуда, ахбори ӯ дар ин хусус нисбат ба дигар манобеи таърихӣ воқеият дорад.

20. Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар аморати Бухоро зиёда аз 40 навъи андозҳо ҷорӣ буд, ки андозҳои хироҷ, закот ва дигар навъҳои он ҳаҷми муайён надошта, ба қонунҳои шариат мувофиқат намекард ва меъёри онҳо ба хоҳиш ва нафси шахсони мансабдор вобаста буд.

21. Дар давраи ҳукмронии дигар амирони манғитӣ масоили андозситонӣ дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Мушрифи Бухороӣ ба таври умумӣ қайд шудааст, ки қаноатбахшкунанда набуда, муаллифон бо вуҷуди огоҳ будан аз ҳақиқати таърих ин масъаларо рӯйпуш намудаанд. Ахбори ба ҳақиқат наздик дар асари С. Айнӣ, Н. Хаников ва И. Логофет дарҷ мегардад.

22. Ҷунбишҳои халқӣ дар рисолаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX ба таври муфассал зикр нашудааст. Эҳтимол сабабаш дар он аст, ки муаррихони маҳаллӣ вазиъи иҷтимоии худро дар назар гирифта, ин маъаларо дар рисолаҳои худ

зикр накардаанд. Ин масъала дар адабиёти илмӣ бештар инъикоси ёфтааст. Аз натиҷаи таҳқиқот маълум шуд, ки сабаби асосии шӯришҳо андозҳои гарон, ҷабру ситами амирони манғитӣ бар мардум ва ноадолатии ҳукуматдорон буд [7-М], [5-М].

23. Инъикоси ҳаёти фарҳангии замони салтанати Муҳаммад Раҳимбий ва Дониёл атолиқ дар манобеи хаттӣ зикр нашудааст.

24. Вазъи илму маориф дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод ва амир Ҳайдар дар асарҳои Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ зикр шуда, ахбори муҳаққиқи рус Н. Хаников ин масъаларо тақвият мебахшад [1-М], [3-М].

25. Инъикоси вазъи мактабу маорифи давраи ҳукмронии амир Абудлаҳад ва амир Олимхон, ки ҳаёту фаъолияти Муширифи Бухороӣ низ ба ҳамин давра рост меоаяд, дар асари ӯ қасдан инъикос нашудааст. Масоили мазкур дар рисолаҳои таърихии Садриддин Айнӣ: “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” ва “Таърихи инқилоби Бухоро” тасвири бештари худро ёфтааст.

26. Намояндагони барҷастаи илму адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар манобеи хаттии таърихӣ ба чашм намерасанд, аммо дар натиҷаи таҳқиқи адабиёти илмӣ маълум шуд, ки ки А. Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Садриддин Айнӣ ва дигарон аз намояндагони барҷастаи адабиёти замони зикршуда мебошанд.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.

Натиҷаҳои иссертатсияро зимни омӯзиши масоили сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии аморати Бухоро, Бухороӣ Шарқӣ ва дигар шаҳру навоҳии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX истифода кардан мумкин аст. Дар баробари ин натиҷаҳои диссертатсияи мазкур метавонанд барои таҳияи асарҳои

умумии вобаста ба таърихи охири давраи асримиёнагии халқи тоҷик, таърихи Осиёи Марказӣ дар асрҳои миёна, таҳлил ва омӯзиши сарчашмаҳои хаттии таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX; ҳангоми омӯзиши курсҳои махсус ва таҳияи китобҳое, ки ба ҳаводиси таърихии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, хусусан таърихи ба сари ҳокимияти Бухоро омадани сулолаи манғития, тарзи ҳукмронии амирони манғитӣ, лашкаркашиҳои онҳо ба шаҳру кишварҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳаёти иҷтимоиву иқтисоддӣ ва фарҳангӣ ҳамчун маводи иловагӣ ва ёридиҳанда истифода шаванд.

## НОМӢГИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### Сарчашмаҳои хаттӣ


1. Айнӣ, С. Таҳзиб-ус-сибён [Матн] : китоби хониш барои мактаби форсӣ / Садриддин Айнӣ. - Душанбе : Маориф, 1994. — 48 с

2. Айнӣ С. Ёдоштҳо. Дар ду ҷилд. Душанбе, Адиб. 1990.-352 с.

3. Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро/ С. Айнӣ - Куллиёт. Душанбе.1966. Ҷ. 10. –С. 7-191.

4. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе. Адиб, 1987.-240 с.

5. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми I./С.Айнӣ.–Сталинобод: Нашриѐти давлатии Тоҷикистон, 1958.–286 с.

6. Айнӣ С. Ёддоштҳо // Куллиёт, ҷ. 6. -Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962.- 415 с.

7. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. 2009.-С.284.

8. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми II./С.Айнӣ.–Сталинобод: Нашриѐти давлатии Тоҷикистон, 1960.–474 с.

9. Айнӣ С. Ёддоштҳо //Куллиёт, ҷ. 7. -Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. - 616 с.

10. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Душанбе. 2010. -С.273.-450саҳ.

11. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. –Душанбе, Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. 2026, -С.260

12. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Душанбе, «Сарват», 1992

13. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития.Душанбе, 2010.-180 с.

14. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Ба саъй ва эҳтимому тасҳеҳи А. Мирзоев. – Сталинобод. Нашрдавтоҷик, 1960. -193 с.

15. Аҳмади Дониш, Наводир-ул-вақоеъ. Матни илмию интиқодӣ бо

тасҳеҳу муқобалаи Аликул Девонақулов, А. / А.Дониш.– Душанбе:Дониш, 1988-1989.– 344 саҳ.

16. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вакоеъ. Китоби якум. - Душанбе, Дониш, 1988.

17. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вакоеъ. Китоби якум. - Душанбе, Дониш, 1988.-271с.

18. Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз «Наводир -ул-вақоеъ». - Сталинобод, Нашрдавтоҷик, 1957. -247 саҳ.

19. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития. Баргардонанда ба хатти кириллӣ. Аҳмад Ҳоҷизода. Душанбе. 2010. -180 с.

20. Ахмади Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. Избранное. Поготовка текста и комм. Р. Хади-заде. Пер с. Тадж. М.Н. Османов и А.Н. Демидчик. - Душанбе: Таджгосиздат, 1960. -300 с.

21. Арандаренко А. Бухара и Афганистан в начале 80 –х годов XIX века. Москва. 1974. -143 с.

22. Арандаренко А. Досуги в Туркистане.С.-Петерубур. 1989. –666 с.

23. Арандаренко Г. А. Қаротегин (аз рӯйи маълумоти пурсишӣ) // Маҷмӯаи ҳарбӣ. - 1878. - Ҷ. 121. - № 5. - С. 116–136.

24. Асирӣ, Т. Ашъори мунтахаб. - Душанбе: Адиб, 1987. - 192 с.

25. Афғонӣ Сайид Ҷамолуддин. Татиммату-л-баён фи-т-таърихи-л-афғон // Мутарҷим Муҳаммад Амини Хугиёнӣ. - Кобул, 1318 / 1900.

26. Бёрнс, А. Путешествие в Бухару лейтенанта Ост-индийской компанейской службы Александра Бёрнса. Часть II / А. Бёрнс. – М., 1848. – 502 с.

27. Бёрнс, А. Путешествие в Бухару лейтенанта Ост-индийской компанейской службы Александра Бёрнса. Ч. III / А. Бёрнс. – М., 1850. – 628 с.

28. Бобринской А.А. Орнамент горных таджиков Дарваза (Нагорная Бухара). - М., 1900.

29. Богоявленский Н. В. В верховьях р. Аму-Дарьи (долина р. Хингоу и Ванджа) // Земледелие. – 1901. – Кн. 1–2.

30. Бурнашев Т. Н. Путешествие от сибирской линии до города Бухары в 1749 г.и обратно в 1795 г./ Сибирскй вестник.-СПб, 1818.

31. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик (Ҳаҷнома) [Матн]. Бо саъю эҳтимом ва пешгуфтори Тоҷиддин Мардонӣ. – Душанбе: Суффа, 2019. – 176 с.

32. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб [Матн] / таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Ҷӯрабек Назрӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.

33. Записки о Бухарском ханстве (Отчеты П.И. Демезона и И.В. Виткевича). - М., 1983. - 149 с.

34. Зафарномайи Хусравӣ. Шарҳи ҳукмронии Саид Амир Насруллох Баҳодур Султон бини Ҳайдар дар Бухоро ва Самарқанд // Бо тасҳеҳ ва таҳияи Манучеҳри Сутуда. - Теҳрон, 1377.

35. Иванов П.П. Восстание китай-кипчаков/ Туркистанские ведемости, 1870, №17. -С.87

36. Кангуртӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн. Асарҳои мунтахаб / Таҳияи Сайидумар Султонов. — Душанбе, 1962.

37. Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон ва Сайид Шоҳфутур. Таърихи Бадахшон,. Душанбе: (ҶДММ «Сифат - Офсет), 2020. -177с.

38. Логофет Д.Н. Бухарское ханство и его современное состаяние. С.-Петербург, 1909.-234 с.

39. Липский В. И. Горная Бухара: результаты трёхлетних путешествий в Среднюю Азию в 1896, 1897 и 1899 году. – СПб.: Русское географическое общество, 1902–1905. – Ч. 1–3.

40. Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару.-М.: Наука, 1975. - 182 с.

41. Мирза Абдал Азим Соми. Таърих-и салатин-и мангитийа. Москва, 1962.-332 с.

42. Мирзо Абдулазими Сомии Бустонӣ. Туҳфаи шохӣ. Душанбе. 2022.-360 с.

43. Мирзо Муҳаммад Азими Сомӣ. Таърихи салотини манғития. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, таҳти № 927/2.

44. Мирзо Шамси Бухорӣ. Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Қошғар // Бо эҳтимоми Муҳаммад Акбари Ошиқ. - Теҳрон, 1998. – 346 с.

45. Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ. Убайдуллоҳнома / Перевод с таджикского с примечаниями А.А. Семенова. - Ташкент, 1957. - 326 с.

46. Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи ҳумоюн. Душанбе, 2006.-183 с.

47. Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ // Муқаддима ва тавзеҳоти Фариштаи Саррофон. - Теҳрон: Мероси мактуб, 1370. - 358 с.

48. Муҳаммад Яъқуб ибни амир Муҳаммад Дониёлбӣ. Гулшану-л-мулук // Дастхати Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ, №2663.

49. Муҳаммадвафои Карминагӣ. Туҳфату-л-хонӣ. Хуҷанд, Нури маърифат, 2017.- 419 с.

50. Мушрифи Бухороӣ. «Таърихи амирони манғити Бухоро». Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, таҳти № 2354/4.

51. Путята Д. В. Очерк экспедиции Генерального штаба капитана Путята в Памир, Сарыкол, Вахан и Шугнан 1883 г. // Сборник

географических, топографических и статистических материалов по Азии. — Вып. X. — Санкт-Петербург: Военная типография, 1884

52. Савдо, Абдуқодирхоҷа. Мунтахабот / Тартибдиҳанда Г. Галимова; муҳаррир А. Мирзоев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. - 150 саҳ.

53. Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. Душанбе, Дониш, 2007.-213 с.

54. Снесарев А.Е. Восточная Бухара (военно- истарический очерк)// Сборник материалов по азии. Вып.79.-СПб, 1906.-С.142-146.

55. Фитрат Абдурауф. Мунозира. (ҳозиркунандаи нашр, таҳиягар П. Гулмурод). Душанбе, 1999.-55 саҳ.

56. Хайрат, Мухаммадсиддик. Ашъори мунтахаб. - Душанбе, 1964. - 252 саҳ.

57. Ханыков. Н. Описание Бухарского ханства.Санктпетербург. Императорской академии наук. 1843.-284 с.

58. Ҳаким, Мирзо Сироҷ. Тӯҳафи аҳли Бухоро / Мирзо Сироҷи Ҳаким.–Душанбе: Адиб,1992.– 272 с.

59. Шишов А. Таджики.- Тошканд, 1910. - 392 с.

60. Шоҳин, Ш. Ашъори мунтахаб. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. - 366 с.

61. Шоҳин, Ш. Девони ашъор / Таҳия ва тавзеҳи Ҷӯрабек Назрӣ ва Беҳрӯзи Забеҳулло. -Душанбе: Дониш, 2018. - 288 с.

62. Шоҳин, Ш. Куллиёт / Таҳия ва тавзеҳоти М. Муҳаммадӣ.- Душанбе: Адиб, 2006. - 640 с.

63. Шоҳин, Ш. Лайлӣ ва Маҷнун / Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Асрори Раҳмонфар ва Аълохон Сайиднозим. - Душанбе: Дониш, 2018. - 161 с.

64. Шоҳин, Ш. Туҳфаи дӯстон ва Бадоеъ-ус-саноеъ / Таҳия ва тавзеҳи Асрори Раҳмонфар ва Илҳомиддин Давлатзода. — Душанбе: Дониш, 2018. - 116 с.

**Монография ва мақолаҳои илмӣ**

65. Абдулғанӣ Мирзоев. Муқаддима/ Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития. Душанбе. 2010.

66. Абдулов З.Н. Замони зиндагӣ, аҳвол ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ/ Мирзо Абдулазими Сомии Бустонӣ. Туҳфаи шоҳӣ. Душанбе 2022.

67. Айнӣ К. С. Бист гуфтор аз маънавият // К.С.Айнӣ. - Душанбе: нашриёти «Адиб», 2004.

68. Алимардонов А. Нусхаи қаламии «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ// Мероси ниёгон,-1995, № 2.

69. Алӣ Хуш. Шӯриши Усмон. – Душанбе: Адиб, 2008.-145 с.

70. Андреев М. С. Вахиё. Этнографический очерк. (Записи со слов отходников в Ташкенте)// Туркестанские ведомости. 1899.

71. Арапов Д.Ю. Бухарское ханство в русской востоковедческой историографии. М., 1981.

72. Бартольд В. В. История культурной жизни Туркестана // Сочинения. – М.: Наука, 1963. – Т. IV. – Ч. 1. – С. 393.

73. Бартольд В. В. История культурной жизни Туркестана. – Л., 1927.

74. Бартольд В. В. Состояние и задачи изучения истории Туркестана // Сочинения. – М.: Наука, 1977. – Т. IX. – С. 521.

75. Бокиев О. Б. Освещение истории таджиков и Таджикистана в трудах русских дореволюционных исследователей. – Душанбе: Дониш, 1991. –168 с.

76. Губаева С.С. Горные таджики Каратегина в Ферганской долине (конец XIX начало XX в.) // Советская этнография. 1987, № 1

77. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷ.2. Душанбе. 1985.-С.96.

78. Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 2. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Душанбе, Ирфон 1985.-С.166.

79. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Душанбе, «Дониш», 2006. –С.469.

80. Ершов Н.Н., Каратаг и его ремесла, Душанбе 1984.- 62с .

81. Иванов П. П. Очерки по истории Средней Азии (XVI - середина XIX в.). М., 1958. - 247 с

82. Искандаров Б. Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в. (Издание третье). Душанбе. Андалеб Р. 2015, -С. 408.

83. Искандаров Б. И. А. А. Семёнов как историк // Памяти Александра Александровича Семёнова. – Душанбе: Дониш, 1980.

84. Искандаров Б. И. Социально-экономические и политические аспекты истории памирских княжеств. XIX – первая половина XX в. – Душанбе, 1983.

85. Искандаров Б. Из истории Бухарского эмирата (восточная Бухара и западный Памир в конце XIX века). Москва 1958.-С.7.

86. Исмоилова Б. Аморати Бухоро дар давраи вассалӣ (1968-1917). Хуҷанд. 1998.

87. История таджикского народа.Т.II.Поздний феодализм. Москва, Наука. 1964.-358 с.

88. История таджикского народа. Том 4. Душанбе, Дониш – 2010.-С.356.

89. История народов Узбекистана. Том 2. Ташкент. 1947.-С.163.

90. История Узбекской СССР. Т.1. Ташкент, 1956.

91. История Самарканда. С древнейших времен до Великой Октябрьской социалистической революции. - Ташкент; Фан, 1969. Т.I. - 484 с.

92. История армянского народа (С древнейших времён до наших дней): Ереван-1980.- 460 с.

93. Каталог восточных рукописей Академии наук таджикской СССР. Том1. Сталинобод. 1960. –С.120.

94. Кисляков Н. А. Очерки по истории Каратегина: К истории Таджикистана. – 2-е изд., испр. и доп. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. – 224 с.

95. Кисляков Н. А. Семья и брак у таджиков (по материалам конца XIX – начала XX в.). – М.; Л., 1959. – 269 с.

96. Литвинский Б. А., Акрамов Н. М. Александр Александрович Семёнов. – М., 1971.

97. Лунин Б. В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении. – Ташкент, 1965.

98. Маджлисов А. Агарарные отнашения в восточной Бухаре в XIX – начале XX века. Душанбе –Алма-Ата, Ирфон, 1967.

99. Мирбобоев А. История мадраса Таджикистана (часть первая). – Душанбе, 1994.

100. Мирзоев А. Муқаддима / Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития». Душанбе, 2010. С.-5-12.

101. Мухторов А. Очерк истории Ура-Тюбинского владения в XIX в. Душанбе, 1964.

102. Назриев Ҷ. Гулшанӣ ва «Таърихи ҳумоюн»-и ӯ/ Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи ҳумоюн. Ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷӯрабек Назриев. Душанбе,-2006.

103. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Неъматов, Н. Амиршохӣ, А. Мирбобоев, Ҳ. Пирумшоев –Хуҷанд, 2008.-С. 609.

104. Ошанин В. Ф. Қаротегин ва Дарвоз // Ахбори Ҷамъияти императории ҷуғрофии Русия. — 1881. — Ҷ. XVII. — Бар. 1.

105. Пирумшоев М. Х. Памир в русской историографии второй половины XIX – начала XX вв. – Душанбе, 2012.

106. Пирумшоев Ҳ. Русские дореволюционные исследователи о городах Восточной Бухары конца XIX–начала XX вв.Душанбе, 1992.-С.28.

107. Пирумшоев Ҳ. Табли озодӣ дар аҳди бедодӣ / Ҳ. Пирумшоев. Душанбе, 2018.-С.126.

108. Пирумшоев Ҳ. Шӯриши Восеъ –эътирози бузурги мардумии зидди низоми аморати Бухоро/ Ҳ. Пирумшоев. Таърихи халқи тоҷик дар тарозӯи таърихнигорӣ. Хуҷанд. 2014.

109. Пирумшоев Х. История изучения восстания Восе. Душанбе, 1998.-С.15.

110. Пирумшоев Х. Российско-средниазиатские отнашения XVI – середины XIX веков в русской историографии. Душабе, 2010;

111. Пирумшоев Х., Камол Х., Саидов А. История взаимоотношений оседлого и кочевого населения Средней Азии в средневековье и новое время. – Душанбе: Дониш, 2024.

112. Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 704с.

113. Пославский Ю. И. Экономический очерк Таджикистана (источники и материалы). Таджикистан . Сб. статей Ташкент, 1925.

114. Раҳимӣ Фарҳод. Аллома Аҳмад Махдуми Дониш. https://anrt.tj (санаи шиносоӣ 25.06.2021).

115. Рахимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р.Хингоу в дореволюционный период / М.Р.Рахимов. -Сталинабад, 1957.-536 с.

116. Розиқзода, А.Ш., Азим, И. Саноати косибию ҳунармандӣ ва кӯҳӣ дар Бухорои Шарқӣ (охири асри XIX – аввали асри XX) [Матн] / А.Ш. Розиқзода, И. Азим. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 220 с.

117. Саидов А. Қиёми халқӣ / А. Саидов, Д. Бердиев// Комсомоли Тоҷикистон, 11 марти соли 1988.

118. Семёнов А. А. К прошлому Бухары // Айни С. Воспоминания. – М.; Л.: Изд-во АН СССР, 1960. – С.–988.

119. Сечкина, Л.П. Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны / Л.П. Сечкина // Труды АН Тадж. ССР. – 1960.

120. Собрание восточных рукописей АН РУ. История. Составит: Д. Юсупова, Р.П. Джалилова. – Таш-кент: Фан, 1998, Х, №6771, с. 177.

121. Стекенко И.А. Из история народных движений в Таджикистане во второй половине XIX и начала XX вв. (1870-1907) –Душанбе, 1963.

122. Сухарева О.А. Бухара XIX-начала XX в. Москва, 1966. -С. 194.

123. Турсунов Б. Р.История Кокандского ханстава. Книга 1. Хуҷанд, Нури маърифат, 2021.- С.164

124. Тухтаметов Т.Г. Россия и Бухарский эмират в начале XX века. Душанбе, 1977.

125. Убйдулло Н.К. Инъикоси таърихи ниҳодҳои омӯзишии Варорӯд дар осори академик ВВ.Бартолд /Муаррих, № 1 (21) 2020.

126. Хакимова К.З. Кравец Л.Н, Социально-экономические отношения и классовая борьба в дореволюционном Узбекистане. Ташкент. 1980.

127. Ходжаев Ф. Избранные труды. Т. 1. Ташкент, 1970. –С.125;

128. Холов М. Метрология Бухарского эмирата XIX – начала XX веков в «Таърихи Хумайун» Садык-Ходжа Гулшани /Пайми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018, №1. -С. 79-87).

129. Ҳакимов Н. «Таърихи халқи тоҷик» Душанбе, «Ирфон»-2008. -484 с.

130. Ҳоҷизода А. Пешгуфтор /Мирзо Абдулазими Сомии Бустонӣ. Туҳфаи шохӣ. Душанбе. 2022. –С.6.-13

131. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Мулоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе: «ЭР-граф. 2011.

132. Чорев Т. Саҳми Аҳмади Дониш дар ташаккули муҳити адабӣ ва бозҷӯиҳои олимони Бухоро/ Аҳмади Дониш ва афкори ҷамъиятиву

сиёсии Осиёи Марказӣ дар нимаи дувуми асри XIX – ибтидои асри XX. Душанбе. 2008.- С.220-232.

133. Ҷуразода Ҷ., Ғиёсов Н. «Вазъи сиёсии хонигарии Бухоро дар замони зуҳури хонадони манғития» / Муҳаммадвафои Карминаӣ. Туҳфат-ул-хонӣ. Хуҷанд: Нури маърифат, 2017.

134. Эпифанова Л.М. Предисловие / Мирза Абдулазим Самӣ. Таърих-и салатин-и Мангитийа. Москва 1962. -С.16.

135. Юсупов, Ш. Очерки истории Кабадианского бекства в конце Х1Х начале XX века [Текст] / Ш. Юсупов. – Душанбе: Дониш, 1986. – 133 с.

136. Якубов, Б. С. История Бухары с древнейших времен до наших дней / Б.С. Якубов-Ташкент: Фан, 1976.-381 с.

**Диссертатсия ва автореферат.**

137. Исмаилова, Бисабоат. Политическое и социально-экономическое положение Бухарского эмирата: вторая половина XVIII - середина XIX века: диссертация на соискание ученой степени доктора исторических наук по специальности 07.00.02 - отечественная история. — Худжанд, 2004. - 299.

138. Джурабаев, Джамшед Хабибуллаевич. Бухарский эмират во второй половине XVIII - первой половине XIX вв. в письменных источниках: диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.09 - историография, источниковедение и методы исторического исследования. - Худжанд, 2014. - 425 с.

139. Гадоев, Гози. Освещение положения Бухарского эмирата конца XIX - начала XX вв. в исторических трудах и литературных произведениях Садриддина Айни: диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - Душанбе, 2023. - 231 с.

140. Негматов Д. Н. Инъикоси таърихи Бухоро ва Афғонистони нимаи аввали асри XIX дар асари «Саёҳат ба Бухоро» – и

Александр Бёрнс. (Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих) Душанбе, 2018.-31 саҳ.

141. Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира): дис. … канд. ист. наук. - Душанбе, 2015. - 206 с.

142. Якубов, Б.С. Шахрисабзское и Китабское бекства во второй половине XVIII - 60-х гг. XIX в.: автореферат дис. канд. ист. наук: 07.00.02 / Б.С. Якубов. -Ташкент, 1997.

Сомонахои расмӣ.

143. https://ru.wikipedia.org/

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Изатов Ю.М. Таърихи ба сари ҳокимият омадани амир Шоҳмурод тибқи ахбори Мушрифи Бухорои. [Матн] // Изатов Ю.М. / Муаррих. Маҷалаи илмӣ - назариявии Институти тиърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ – 2021 - №2 (26). С. 86-91.

[2-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси ба сари ҳокимият омадани амир Насруллоҳ дар «Таърихи амирони манғитӣ» -и Мушрифи Бухоройӣ. [Матн] // Изатов Ю.М. / Муаррих. Маҷалаи илмӣ - назариявии Институти тиърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ – 2022 - №1 (29). С. 107-113.

[3-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси ба сари қудрат омадани амир Ҳайдар дар «Таърихи амирони манғитӣ» -и Мушрифи Бухоройӣ. [Матн] // Изатов Ю.М. / «Номаи донишгоҳ» – и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. - 2025 - №3 (83). С. 64-67.

[4-М]. Пирумшоев Ҳ., Изатов Ю.М. Инъикоси вазъи кишоварзии аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX. [Матн] // Изатов Ю.М. / «Паёми политехникӣ» -и бахши техника ва ҷомеаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ. - 2026 - №2 (14). С. 48-52.

**II. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси шӯриши Восеъ дар сарчашмаҳои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ». Колеҷи техникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ12. 04. соли 2024. Душанбе – 2024. С.42-48.

[6-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси вазъи кишоварзии Бухоро дар замони амирони манғитӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Нақши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар омодасозии кадрҳои баланд ихтисоси миёнаи касбӣ». Колеҷи техникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ 27. 04. соли 2026. Душанбе – 2026. С.192-201

[7-М]. Изатов Ю.М. Инъкоси шуришҳои Қаландаршозҳ ва Усмон дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзӯи «Нақши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар омодасозии кадрҳои баланд ихтисоси миёнаи касбӣ». Колеҷи техникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ 27. 04. соли 2026. Душанбе – 2026. С.201-205.